**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**

**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ – 821.222.8.95
ТКБ – 83 (5) 3
С 87

**СУЛТОНЗОДА ГУЛБАҲОР АБДУВАЙИТ**

# «МАҶМАЪ-УЛ-ФУРС»-И МУҲАММАДҚОСИМ СУРУРИИ КОШОНӢ ВА МАСОИЛИ МАЪРИФАТ, НАҚДУ ТАСҲЕҲИ МУТУНИ АДАБИИ АСРҲОИ X-XI

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**

Саидов Саидумрон Ғаниҷонович

номзади илмҳои филология, дотсент

ХУҶАНД – 2024

# МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ........ 5

БОБИ I. МУҲАММАДҚОСИМ СУРУРИИ КОШОНӢ ВА МАҚОМИ «МАҶМАЪ-УЛ-ФУРС»-И Ӯ ДАР СУХАНШИНОСИИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ . 16

I .1. Зиндагинома ва фаъолияти адабии Сурурии Кошонӣ ........ 16

I .2. «Маҷмаъ-ул-фурс» ва мақоми он дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ........ 31

I.3. Нусхаҳои хаттии «Фарҳанги Сурурӣ» ........ 39

Хулосаи боби I ........ 49

БОБИ 2. ВИЖАГИҲОИ ФАРҲАНГИ «МАҶМАЪ-УЛ-ФУРС» ........ 51

II.1. Сарчашмаҳои таълифи фарҳанг ва таснифи он ........ 51

II.1.1. Фарҳангҳо ........ 53

II.1.2. Китобҳои илмию соҳавӣ ........ 66

II.1.3. Осори адабӣ ........ 70

II.2. Аснoди шоҳид ва шеваҳои гузиниши он дар фарҳанг ........ 73

II.3. Хусусиятҳои луғавию адабии «Фарҳанги Сурурӣ» ........ 80

II.3.1. Аносири накд дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ........ 86

II.3.2. Унсурҳои шарҳ дар фарҳанг ва шарҳи мусталеҳоти адабӣ ........ 92

Хулосаи боби II ........ 102

БОБИ 3. МАСОИЛИ МАЪРИФАТИ ШЕЪР ВА МАТНШИНОСИИ ОСОРИ АДАБИИ АСРҲОИ X-XI ДАР ФАРҲАНГИ СУРУРӢ ........ 105

III.1. «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ ва мақоми он дар маърифати ашъори суханварони асрҳои X-XI ........ 105

Ш.2. Матншиносии осори адабии асрҳои X -XI ........ 112

Ш.2.1. Нақду тасҳеҳи мутуни осори адабӣ ........ 112

III.2.2. Интисоби матн ва бозёфти ашъори тозаи суханварон ........ 131

III.2.3. Баррасии баъзе масъалаҳои матншиносии ашъори Рӯдакӣ ........ 137

Хулосаи боби III ........................................................................................ 144
ХУЛОСАҲО ................................................................................................. 146
II.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ........................ 152
РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ............................................. 153
ЗАМИМАИ I.................................................................................................. 170

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

1. Афтореф.дисс.н.и.филол. – автореферати диссертатсияи номзади илмҳои филологӣ
2. Автореф.дисс.канд. филол.н.– автореферат диссертации кандидата филологических наук
3. АИ – Академияи илмҳо
4. АФ РСС – Академияи фанҳои Республикаи советии сотсиалистӣ
5. ғ. – ғайра(ҳо)
6. диг. – дигарон
7. дисс. – диссертатсия
8. ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ
9. КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ
10. м. – мелодӣ
11. МДТ – Муассисаи давлатии таълимӣ
12. (рҳ) – раҳматуллоҳи алайҳи
13. С.Г. – Султонова Гулбаҳор
14. с. – саҳифа, сол
15. ҳ. – ҳиҷрӣ
16. ҳукм. – ҳукмронӣ
17. ҷ. – ҷилд
18. ш. – шамсӣ
19. p. – page

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳаввули фарҳангнигорӣ дар асрҳои миёна дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрону Ҳинд ба таври чашмрас эҳсос мешавад. Инкишофи фарҳангнигории асримиёнагӣ дар заминаи иншои луғатҳои мухталифе чун «Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ», «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Сиҳоҳ-ал-фурс»-и Муҳаммад Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, «Фарҳанги Қаввос»-и Муборакшоҳи Ғазнавӣ ва амсоли ин ҷараён гирифтааст ва арзи вуҷуди маъруфтарин фарҳангҳо дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳинду Эронзамин низ ба ҳамин давра рост меояд. Фаҳангҳои тафсирии «Адот-ул-фузало»-и Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ, «Шарафномаи Аҳмади Манярӣ»-и Иброҳим Қавомиддини Форуқӣ, Фарҳанги «Зуфонгӯё ва ҷаҳонпӯё»-и Бадриддини Иброҳим, «Муайид-ул-фузало»-и Мавлоно Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Деҳлавӣ, «Мадор-ул-афозил»-и Илаҳдоди Файзӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҷамолиддин Ҳусайни Инҷу, «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ, «Дурри дарӣ»-и Алӣ Юсуфии Шервонӣ, «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайн Бурҳони Табрезӣ, «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдурашиди Таттавӣ аз маъмултарин фарҳангҳои ин давра маҳсуб меёбад.

Фарҳангнигории форсу тоҷик дар асрҳои XV-XVIII бештар рӯ ба таҳаввулот овард ва ин раванд боиси таълифи фарҳангҳои бузурге дар қаламрави адабиёти форсӣ-тоҷикӣ гардид. Хушбахтона, аксарияти онҳо то ба замони мо боқӣ монда, мавриди омӯзишу таҳқиқи олимону пажӯҳишгарони соҳа қарор дорад.

Мусаллам аст, ки фарҳангҳои асримиёнагиро на танҳо аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ ва масъалаҳои марбут ба он, балки аз назари арзиши адабии онҳо, аз ҷумла, истифодаи санадҳои шеърӣ, унсурҳои накду тасҳеҳ ва ташреҳу тафсир, шарҳи истилоҳоти адабиётшиносӣ ва тафсири киноёту истиороти адабӣ мавриди омӯзиш қарор додан ва муайян намудани арзиши адабии он кори муфиду судманд дар маърифати адабиёт ва арзишҳои адабӣ хоҳад буд.

Аҳамият ва арзиши муҳими адабӣ бештар дар он луғатномаҳое зоҳир мешавад, ки онҳо дорои  аснoди шеърӣ мебошанд. Ин имкон фароҳам меорад, то ин ки  ба фарҳанг ҳамчун сарчашмаи ноби адабӣ мурочиат намоем ва аз назари матншиносӣ ва дигар арзишҳои муҳими адабиётшиносӣ онро мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Ин паҳлӯи хоси фарҳангҳо дар тасҳеҳи осори адибон, муайян кардани муаллифи воқеии ин ё он асари бадеӣ, бозёфти ашъори тоза мусоидат менамояд.

Яке аз чунин фарҳангҳои асримиёнагӣ «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонист, ки дар асри XVII дар қаламрави Исфаҳон ба рӯйи кор омада, зиёда аз 10 ҳазор байти шоҳид аз 300 нафар устодони куҳани форсӣ дар он сабт гардида ва аз назари фарогирии вожаҳои аслии форсӣ-тоҷикӣ низ бар дигар луғатномаҳо  афзалият дорад. Ҳамчунин, муаллиф ба нақди фарҳангҳои пешину муосир ва шарҳи баъзе абёти шоҳид кӯшидааст ва дар боби алоҳида овардани киноёту истиороти шоирона низ арзиши адабии онро боз ҳам афзудааст.

Зимнан, осори адибони асрҳои X-XI ба тасҳеҳу танқеҳ ниёз дорад ва  аз ҷониби луғатнигор Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ истифода шудани сарчашмаҳои муътамади адабиву бадеӣ дар ҷараёни таълифи фарҳанг имкон фароҳам меорад, ки  ба нақду тасҳеҳи мутуни осори адабии ин давр мушарраф гардем, ҷанбаҳои адабӣ ва матншиносии фарҳанги мазкурро ба риштаи таҳқиқ кашем. Ҳарчанд, таҳкиқоте муайян дар заминаи арзиши муҳими фаҳангҳо дар рушди масоили лексикографӣ ба анҷом расидааст, вале ин манобеи муҳими адабӣ ба пажӯҳиши бештар ҳамчун сарчашмаи адабӣ ниёз доранд, ки ҳамин амр мубрамият ва зарурати таълифи диссертатсияи моро тақозо менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Агар ба сайри таҳқиқу баррасӣ ва нақду пажӯҳиши фарҳанг руҷуъ шавад, маълум мешавад, ки ҳанӯз дар асрҳои миёна тазкиранависони форсу тоҷик ба арзиши илмию адабии ин фарҳанг баҳои баланд дода буданд. Бо ин амр, то андозае метавон таваҷҷуҳ ба нақди фарҳангро ба наздики замони зиндагонии муаллиф пайванд дод, аз ҷумла,

Мир Тақиуддини Кошонӣ дар тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» ба фарҳанги мазкур баҳои баланд додааст.

Ҳамчунин, Волаи Доғистонӣ дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро» ва Тақии Авҳадии Балёнӣ дар тазкираи «Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин» яке аз беҳтарин луғат будани ин фарҳангро таъкид намудаанд. Инчунин, бархе аз фарҳангнигорону луғатшиносон ба фаъолияти адабии Сурурӣ ва соҳиби луғати тафсирӣ будани ӯ ишораҳо кардаанд, аз ҷумла, дар китоби «аз-Зариа ило тасониф-уш-шиа»-и Муҳаммад Муҳсини Бузурги Теҳронӣ ва фарҳангҳои «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон, «Ғиёс-ул-луғот»-и Ғиёсиддин Муҳаммади Ромпурӣ, «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммад Муин, «Луғатнома»-и Алиакбари Деҳхудо ба аҳамияти ин фарҳанг ва кори мондагори муаллифи он ишорот рафтааст.

Луғатнигорони баъдина баробари ҳамчун сарчашма истифода бурдани «Маҷмаъ-ул-фурс», назари интиқодии хешро низ роҷеъ ба ин фарҳанг иброз намудаанд. Аз ҷумла, Абдурашиди Таттавӣ дар «Фарҳанги Рашидӣ» ҳангоми тафсири бархе аз луғот фарҳанги мазкурро ҳамчун маводи интиқодӣ мавриди истифода қарор додааст.

Дар омӯзиши ин фарҳанг луғатшиносони барҷастаи хориҷиву ватанӣ саҳми босазои худро гузоштаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқони хориҷӣ С.И.Баевский ва Е.Блошет дар бораи «Маҷмаъ-ул-фурс» маълумоти умумӣ манзур намуда, дар бораи нусхаҳои муътабари он иттилоъ додаанд. Аз пажӯҳишгарони Эрон Саид Нафисӣ, Алиакбари Деҳхудо, Муҳаммад Муин, Алиасғари Ҳикмат низ «Маҷмаъ-ул-фурс»-ро ҳамчун луғати тафсирии форсӣ-тоҷикӣ муаррифӣ намуда, ба омӯзиши зиндагиномаи Сурурӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Бояд таъкид намуд, муҳаққиқоне чун Муҳаммад Дабирсиёқӣ, Ҳусайни Қурбонпур, Муҳаммад Мустафо Рисолатпаноҳӣ, Аҳмад Гулчини Маонӣ Шоҳ Алиакбари Шаҳристонӣ ва Забеҳулло Сафо бо корҳои таҳқиқотиву мақолоти илмии хеш дар шинохти «Маҷмаъ-ул-фурс» ва муаллифи он саҳми босазое гузоштаанд.

Махсусан, Муҳаммад Дабирсиёқӣ аз рӯйи нусхаҳои муътабар матни интиқодии ин фарҳангро таҳия ва дар се муҷаллад интишор намудааст. Дар баробари ин, бар асоси корҳои анҷомдодаи хеш дар заминаи тасҳеху нашри он соли 1341 ш./ 1963м. пажӯҳише ба поён бурдааст, ки бо номи «Таҳқиқ дар бораи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва таҳрирҳои он бо шарҳи фаҳорис ва тавзеҳоти лозим» ба унвони диссертатсияи доктории муаллиф дар китобхонаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳрон бо арзиши дастнавис маҳфуз аст, аммо то кунун дар шакли асари алоҳида интишор нагардидааст. Рисолаи Муҳаммад Дабирсиёқӣ [146] ба тафсилу тавзеҳи нашри интиқодии «Маҷмаъ-ул-фурс», ба нусхашиносӣ аз рӯйи феҳрастҳо ва нақду тасҳеҳи матни фарҳанг бахшида шудааст. Яъне, ба сиҳҳатии матни фарҳанг дар муқоиса бо фарҳанги «Бурҳони қотеъ» ва девони шоирон эътибори аввалиндараҷа додааст. Ба арзиши адабии фарҳанг, аз ҷиҳати фарогирии асноди шоҳиди зиёд нисбат ба фарҳангҳои дигар, бартарӣ додааст.

Муҳаммад Мустафо Рисолатпаноҳӣ ва Ҳусайни Қурбонпур [48] аз тазкираҳои мутақаддим маълумот дар бораи Сурурии Кошонӣ ва ашъори ӯро ҷамъоварӣ намуда, маҷмуаи кӯчаке таълиф намудаанд, ки дар он оид ба фарҳанги Сурурӣ маълумоти мухтасар дода шудааст. Забеҳулло Сафо [89,380-381] ва Шоҳ Алиакбари Шаҳристонӣ дар мақолаҳои худ дар мавриди зиндагиномаи Сурурии Кошонӣ, таҳрирҳои фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» аз рӯйи тазкираҳо ва дигар сарчашмаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Рисолаи мо аз таҳқиқотҳои болозикр ба куллӣ фарқ дорад. Мазмун ва мундариҷаи рисолаи мо аз омӯзиши зиндагиномаи Сурурӣ ва таҳрири фарҳанг фаротар рафта, ба таҳқиқи вижагиҳои он ва нақду тасҳеҳи мутуни адабии давраи муайяни адабиёт дар заминаи фарҳанг бахшида мешавад.

Аз муҳаққиқони тоҷик С.Айнӣ, Ҳ.Рауфов, А.Насриддинов, Ҳ.Аҳадов, А.Воҳидов дар нигоштаҳои муайян ва корҳои таҳқиқии хеш роҷеъ ба ин фарҳанг ва соҳиби он маълумоти умумӣ дода, онро ҳамчун сарчашмаи муҳим ва арзишманди фарҳангҳову шуруҳи адабии баъдина ба осори манзум

ва мансур, инчунин манбаи муҳим дар тасҳеҳи осори суханварони асрҳои мавриди таҳқиқи мо  муаррифӣ кардаанд.

Ҳамчунин, мураттибони девону маҷмуаҳои ашъори шоирон фарҳанги Сурурӣро ҳамчун маъхази адабӣ ба кор бурдаанд. Аз ҷумла, таҳиягарони «Девони Рӯдакии Самарқандӣ», «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ва ашъори шоирони садаҳои X-XI аз маводи фарҳанг фаровон истифода бурдаанд.

Ба масъалаи омӯзиши арзиши адабиву матншиносии луғатномаҳо дар мактаби фарҳангшиносии Хуҷанд таҳти роҳбарии адабиётшинос Абдулманнони Насриддин ва шогирдони онҳо як қатор корҳо анҷом ёфтаанд, ки аз ҷумла чунин рисолаҳо ба қалами пайравони ин мактаб С.Саидов, Ш.Рустамов ва М.Рахмонова тааллуқ дорад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи мо низ дар идомаи ин таҷрибаҳои илмӣ  ба таҳқиқи ҷанбаҳои адабию матншиносии фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» марбут аст, ки дар он  нақши фарҳанги мазкур дар тасҳеҳу нашри осор, маърифату шарҳи адабиёт ва осори адабӣ мушаххас ва муқаррар мегардад.

**Робитаи таҳқиқот  бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**

Масъалаҳои дар таҳқиқот баррасишуда бо барномаҳо (лоиҳаҳо)-и мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ  робитаи устувор дошта, он дар доираи «Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷик барои солҳои 2021-2025: Матншиносӣ, таҳияву тасҳеҳ ва нашри осори адабӣ»-и факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади аслии таҳқиқоти мазкур муайян намудани арзиши адабии «Маҷмаъ-ул-фурс», бозгӯи аҳамияти матншиносии он,  омӯзиш ва баррасии нусхаҳои хатии фарҳанг, нишон додани унсурҳои шарҳ ва нақд дар фарҳанг, шарҳу тафсири киноёту истиороти адабӣ дар фарҳанг ва бо сабаби он ки Сурурӣ худ шоир ҳам буда ва намунаҳои ашъори

хешро дар фарҳангаш истифода намудааст, таҳқиқ дар вижагиҳои шеъри шоир ҳам яке аз ҳадафҳои илмӣ қарор мегирад.

Аз сабаби он ки 10 ҳазор байти шоҳиди фарҳангро дар як рисола фаро гирифтан ва мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додан ғайриимкон аст. Азбаски асрҳои X-XI давраи аввали адабиёти классикӣ аст; баҳсҳо доир ба матншиносии осори адабии асрҳои X-XI то ҳол зиёд аст; истифодаи сарчашмаҳои муътамад дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ва истиноди зиёда аз 2 ҳазор байти шоҳид аз шоирони ин давра дар фарҳанг ваҷҳи асосии интихоби мутуни адабии асрҳои X-XI дар кори таҳқиқӣ гардид.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафҳои аслӣ дар рисола саъй шудааст, ки корҳои зерин ба сомон расанд:

- муайян намудани маъхазҳои фарҳанг ва хусусиятҳои истинод бар онҳо;
- муқаррар кардани ҷойгоҳи «Маҷмаъ-ул-фурс» дар фарҳангнигорӣ ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ;
- омӯзиши нусхаҳои хаттии фарҳанг;
- муайян намудани мақоми Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоир ва таҳлили вижагиҳои ашъори бозмондаи ӯ;
- таъйини хусусиятҳои адабии фарҳанг ва бартариҳои он аз луғатномаҳои дигар;
- нишон додани роҳу усулҳои сабти асноди шоҳид ва гузиниши он;
- дарёфти аносири шарҳ ва нақд дар фарҳанг;
- тасҳеҳи мутуни осори адибони асрҳои X-XI дар заминаи «Маҷмаъ-ул-фурс»;
- бозёфти абёти тоза ва таҳқиқи атрибутсияи осори шуарои асрҳои X-XI;

**Объекти таҳқиқот**ро омӯзиши «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва муқоисаи он бо дигар фарҳангҳои муътабар, аз ҷумла, «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Муҳаммад Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, «Фарҳанги форсӣ»-и Ҳусайн Вафоӣ, «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдурашиди Таттавӣ, «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон ва осори шуарои асрҳои X-XI ташкил додааст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» унвон дошта, дар он масъалаҳои фаъолияти илмиву адабӣ ва луғатнигории Сурурии Кошонӣ, сарчашмаву нусхаҳои фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс», сохтор, муҳтаво ва вижагиҳои адабиву луғавии фарҳанг, унсурҳои нақду шарҳ ва истилоҳоти адабӣ, инчунин маърифати шеър ва баъзе масъалаҳои матншиносии осори адибони асрҳои X-XI дар заминаи фарҳанг мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** принсипҳои пажӯҳиши муҳаққиқони маъруфи ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла, С.И. Баевский, Л.С.Пейсиков, М. Муин, А. Деҳхудо, М.Д. Сиёқӣ, Ш. Нақавӣ, В.А. Капранов, А.Сангинов, Ҳ. Аҳадов, Ҳ.Рауфов, А.Нуров, А.Отахонова, А.Воҳидов, А.Насриддинов, Д.Баҳриддинов, А.Ҳасанзода, М.Сатторова, Н.Ғиёсов, С.Саидов, Ш.Рустамов ва дигарон ташкил медиҳад.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Дар диссертатсия чун маводи таҳқиқӣ нашри интиқодии фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ дар таҳияи Муҳаммад Дабирсиёқӣ, 4 нусхаи хаттӣ, нашрҳои гуногуни «Луғати фурс», «Сиҳоҳ-ул-фурс», «Фарҳанги форсӣ», «Бурҳони қотеъ», нашрҳои мухталифи осори Рӯдакӣ, девону ашъори шоирони асрҳои X-XI, нашрҳои «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (солҳои 1958 ва 2019) ва «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» тасҳеҳи Маҳмуди Мудаббирӣ мавриди истифода қарор гирифт.

**Пойгоҳи таҳқиқот**ро факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», конференсияҳои донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**, пеш аз ҳама, дар таъйин намудани ҷойгоҳи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ зоҳир мегардад. Дар ин замина, фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» аз ҷиҳати фарогирии шавоҳиди шеърии зиёд ҳамчун сарчашмаи адабӣ эътироф

шуда, муаллифи фарҳанг натанҳо луғатнигор, балки шоири бомаҳорати асри XVII муаррифӣ гардид. Роҳу усулҳои интихоби асноди шоҳид ва шарҳи маънои онҳо дар фарҳанги мазкур бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шуд. Маротибаи аввал дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ҷой доштани афкори интиқодӣ ва он заминаи рушди нақд дар фарҳангнигории минбаъда гардиданаш бо далелҳо собит карда шуд. Ҳамчунин, дар асоси асноди шоҳиди фарҳанг 50 байт аз ашъори суханварони асрҳои X-XI нақду тасҳеҳ карда шуд. Нахустин маротиба фарҳанги мазкур ҳамчун сарчашмаи нодири киноёту истиороти адабӣ муаррифӣ гардида, мақоми муаллифи он дар шарҳу тавзеҳи ин воситаҳои бадеӣ ва маърифати ашъори шоирон муайян карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Бар асоси омӯзиши мундариҷа ва муҳтавои фарҳангҳои тафсирӣ муқаррар гардид, ки аносири нақд, тасҳеҳ, маърифати адабиёт, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ дар фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ маҳз дар асрҳои миёна зоҳир гардиданд, ки ин амр дар рушди минбаъдаи улуми нақду сухансанҷӣ ва матншиносӣ таъсир гузошта, то ҳол дар танзими фарҳангҳои тафсирӣ ва тадвини ашъори шоирони классикии форсӣ-тоҷикӣ хидмат менамояд;
2. Сурурии Кошонӣ аз ҷумлаи он фарҳангнигороне ба шумор меравад, ки дар фарҳанги хеш дар баробари шарҳу тавзеҳи вожагон, таъбирҳои мухталифи луғатномаҳои пешинаро мавриди нақду баррасӣ қарор дода, андешаҳои интиқодии хешро дар мавриди шеваҳои истифодаи абёти шоҳид, шарҳу маънигузории вожагону таркибҳо иброз менамояд;
3. Фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» бо баробари фарогирии теъдоди зиёди моддаҳои луғавӣ нисбат ба дигар фарҳангҳои асримиёнагӣ, ҳамчунин киноёту истиороти зиёди адабиро ба таври алоҳида шарҳу тавзеҳ додааст, ки баррасиву таҳқиқи онҳо дар баробари нақши муассир гузоштан дар маърифати матолиби шуаро, ҳунари шоирии суханварон метавонад арзиши муҳими фарҳангро дар шинохти зебоишиносии адабиёт ва завқи баланди бадеии муаллиф баён созад.

4. Муаллифи фарҳанг аз тавзеҳи луғавии моддаҳои шарҳшаванда берун рафта, маълумоти бештареро тавассути истифода аз маъхазҳои илмию соҳавӣ барои аҳли мутолиа пешниҳод кардааст, ки барои дарки маънии мутуни осори адабӣ мусоидат менамояд.

5. Дар «Фарҳанги Сурурӣ» аз намунаҳои ашъори шоирон абёти ҷолиб ҳамчун аснод зикр шудаанд, ки чанде аз онҳо ҳатто дар таркиби девони шоирони классикии форсӣ-тоҷикӣ ба чашм нарасид. Дар канори ин, дар фарҳанг гунаҳои абёте истифода шудаанд, ки тавассути шарҳи вожаи мавриди тавзеҳ ба мо равшан мешавад, ки муаллифи фарҳанг аз нусхаҳои нодир ва қобили эътимоди он барои таълифи асари хеш истифода кардааст.

6. «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ яке аз маъмултарин фарҳангҳои тафсирии асримиёнагӣ маҳсуб ёфта, бо сабаби аз ҷониби худи муаллиф таҳрир ёфтани он дар дарозои асрҳои гузашта, дар намудҳои мухтасару мукаммал нусхабардорӣ гардидааст. Нусхаҳои муътабари фарҳанг то ҳол дар китобхонаҳои бузурги ҷаҳон нигаҳдорӣ карда мешаванд.

7. Фарҳанги мазкур аз лиҳози истифодаи сарчашмаҳои муътамад дорои абёти шоҳиди нисбатан саҳеҳ буда, дар заминаи он дар давоми кори тадқиқӣ тасҳеҳу атрибутсияи баъзе абёт ва ашъори нави шоирон низ муқаррар карда шуд, ки ин амр низ ба корбурди нусхаҳои нодири сарчашмаҳои мавриди истифода аз ҷониби муаллиф дарак медиҳад.

**Аҳамияти назарию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои он дар рушди минбаъда ва ҳаллу фасли масъалаҳои тозаи адабиётшиносии назариявию амалӣ, фарҳангнигорӣ, матншиносӣ, нақду тасҳеҳ ва шинохти паҳлуҳои мухталифи илмҳои мазкур, маърифат ва шарҳи адабиёт хизмат хоҳад кард. Натиҷаҳои тадқиқот барои муайян кардани ашъори бозмондаи суханварони асрҳои X-XI, дарёфти шакли саҳеҳ ва маънии дурусти силсилаи киноёту истиороти шоирона, нақду тасҳеҳи теъдоди абёти шоирони асрҳои X-XI мусоидат намуда, дар бораи шарҳу тафсири маҳорати суханварии Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоир нақши муассир мегузорад.

Ҳамчунин, маводи диссертатсия дар таҳқиқи масоили меҳварии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ва иҷрои корҳои зерин аҳамияти амалӣ дорад:

- барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ аз рӯи фанҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, луғатшиносӣ, матншиносӣ ва нақду сухансанҷӣ;
- барои таҳияи девон ва ё ашъори мунтахаби суханварони асрҳои X-XI;
- барои танзими фарҳангҳо ва шуруҳи осори адабӣ;
- таҳияи фарҳангҳои муаллифӣ:
- омӯзиши равишҳои тасҳеҳи мутуни адабӣ:
- барои таълифи корҳои илмӣ дар заминаи таҳқиқи фарҳангҳо ҳамчун сарчашмаҳои адабӣ, масъалаҳои матншиносӣ, маърифат ва шарҳи адабиёт.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муҳимтарин нуктаҳо ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар ҷаласаҳои семенари илмӣ-назарии кафедраи адабиёти классикии тоҷик, конфронсҳои илмӣ-назариявии олимони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», **ду конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ** баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаб**и **дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъоварии мавод, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаву маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» ба иҷро расида, дар ҷаласаи кафедраи номбурда (қарори №6 аз 19.01.2024) муҳокима  шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 12 мақола, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 фасл, 8 зерфасл, хулоса, феҳрасти адабиёт ва 2 замима таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 210 саҳифа ва матни асосии рисола 152 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I. МУҲАММАДҚОСИМ СУРУРИИ КОШОНӢ ВА МАҚОМИ «МАҶМАЪ-УЛ-ФУРС»-И Ӯ ДАР СУХАНШИНОСИИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

## I .1. Зиндагинома ва фаъолияти адабии Сурурии Кошонӣ

Дар сарчашмаҳои таърихиву адабӣ тахаллуси Сурурӣ борҳо зикр шудааст, ки он мутааллиқ ба баъзе аз адибон ва фарҳангнигорону шарҳнависон мебошад. Дар таърихи адабиёти тоҷик чанде аз арбоби фазлу адаб бо тахаллуси Сурурӣ эҷод кардаанд, ки ба воситаи тазкираву баёзҳо аз фаъолияти адабии онҳо метавон огоҳ шуд.

Яке аз онҳо Муслиҳиддин ибни Мустафо ибни Шаъбон, маъруф ба Сурурӣ мебошад. Дар бораи ҷараёни зиндагии Сурурӣ то имрӯз ҳамин қадар маълумот мавҷуд аст, ки вай чанд муддат дар Туркия зиндагӣ карда, мутарҷими арабии «Гулистон» аст ва «Хиёбон» - шарҳи «Гулистон»-ро низ таълиф намудааст.Ӯ соли 969 ҳ./ 1591 м. аз олам даргузаштааст. Ӯ ҳамчунин «Шарҳи Маснавӣ» (туркӣ) ва «Шарҳи девони Ҳофиз»-ро навиштааст [73,96].

Ду шоири дигар бо номҳои Олимбеги Сурурӣ ва Мавлоно Сурурии Яздӣ мебошанд, ки ҳамзамонони Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ буда, дар давраи Ҷаҳонгиршоҳ, яъне аввали асри XVII ба Ҳинд омадаанд. Дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ дар бораи ин шоирон маълумоти мухтасар ва намунаҳо аз ашъорашон зикр шудааст [23, 370-371].

Аммо Сурурихҳои мазкур бо муаллифи фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс», яъне Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ҳеҷ робита ва алоқамандӣ надоранд.

Насаби Кошонӣ ба аксари шуаро ва удабое, ки аз вилояти Кошони Эрон баромадаанд ва зодгоҳи худро ҳамчун тахаллус ба худ гирифтаанд, мансубият дорад. Дар «Бахши Кошон»-и «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиуддини Кошонӣ [6] дар бораи аҳволу осори зиёда аз 50 нафар шоири кошонӣ маълумот дода шудааст.

Бо мақсади дар бораи муаллифи «Маҷмаъ-ул-фурс» – Сурурии Кошонӣ маълумот пайдо намудан ба тазкираву баёзҳои қуруни гузашта мурочиат

намуда, якчанд санадро дар мавриди зиндагӣ ва фаъолияти адабии ӯ пайдо намудем.

Бинобар маълумоте, ки Мир Тақиуддини Кошонӣ оварда, Валадуссидқ Мавлоно Ҳоҷӣ Муҳаммад кафшдӯз буда, дар хидмати падар ин касбро пеша намудааст ва баъд аз вафоти падараш низ аз ин ҳунар маош ҳосил кардааст. Аммо чун ба илмомӯзӣ шавқу ҳаваси зиёд дошт, ин касбро тарк карда ба назди арбоби фазл пайвастааст. Баробари омӯхтани улуми замона истеъдоди шеърнависӣ дошт ва дар ин ҷода ба ашъори мутақаддимин татаббуъ кардааст. Қуввати ҳофизааш ба мартабае будааст, ки сӣ ҳазор байти шуарои гузашта ва муосирро ба хотир доштааст [6,588].

Дар бораи фаъолияти луғатнигорӣ ва таълифи «Маҷмаъ-ул-фурс» Мир Тақиуддини Кошонӣ қайд менамояд: «...ва низ дар илми луғат ва тасҳеҳ, чи арабӣ ва форсӣ ва чи назму наср, салиқааш дар ниҳояти расоӣ аст ва зеҳнаш дар ғояти ҷавдату зебоӣ ва бисёр комилтабиату мунтаҳивазъ афтода ва ҳамвора авқот дар муҷолисати аҳли илму фазл ба таҳсили маҷду маолӣ масруф медорад ва ҳамагӣ рӯзгори фархундаосорро ба тасҳеҳи алфозу таҳқиқи маонӣ ва тартиби далоил ва танқеҳи масоил ва истикшофи асрори улуми ақлӣ ва истидлои ҳақоиқи нақлӣ сарф менамояд. Ва дар ин вало китобе дар луғоти фурс таълиф намуда, мавсум ба «Маҷмаъ-ул-фурс» ва ҳалли луғоти мушкилоти «Хамса»-и Шайх Низомӣ (рҳ) ва дигар шуарои мутақаддимин фармуда ва дар он нусхаи нафиса фавоиди ғариба ва нукоти аҷиба дарҷ сохта ва хулосаю зубдаи луғоти фурс ва ғайри онро бо ағлоти луғатнависони дигар бар арз ниҳода ва бешоибаи такаллуф, доноёни он фанну мустаидони сухан дар он ҷамъу таълиф ҳайронанд» [6,589].

Яъне, тазкиранигор ба истеъдоду қобилияти зеҳнӣ ва донишу маҳорати Сурурӣ баҳои баланд дода, ӯро дар тасҳеҳи алфозу таҳқиқи маъонӣ комёб меҳисобад. Аз ҷониби аҳли фазли замона ба хубӣ пазируфта шудани «Маҷмаъ-ул-фурс»-ро низ изҳор медорад. Дар ин тазкира аз ашъори Сурурӣ намунаҳо ҳам оварда шудааст, ки онро дар **замимаи дуюми рисола** овардаем.

Волаи Доғистонӣ дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро» дар бораи Мавлоно Муҳаммадқосими Сурурӣ маълумоти мухтасаре дода мегӯяд, ки аслан Кошӣ аст, дар Сифоҳон умр ба сар бурда, дар охири умр дар Ҳиндустон зиндагӣ кардааст ва фарҳангаш дар луғати фурс машҳур аст [5,996].

Ҳамчунин дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти шоирию фарҳангнигории Сурурӣ дар сарчашмаҳои адабию илмӣ, аз ҷумла, дар китоби «аз-Зариа ило тасониф-уш-шиа»-и Муҳаммад Муҳсини Оқо Бузурги Теҳронӣ [143,201] низ дар ҳамин мазмун маълумоти мухтасар зикр шудааст.

Тақии Авҳадии Балёнӣ муаллифи «Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин» мисли Мир Тақиуддини Кошонӣ муосири Сурурӣ буда, менависад, ки Мавлоно Сурурӣ аз Кошон аст, аммо аксар авқот дар Сифаҳон (Исфаҳон) раҳли иқомат афканда, умр ба сар мекунад ва дар бораи шикоят бурдани Сурурӣ ба ҳокими Ироқ дар бораи он, ки Тақиии Авҳадӣ луғати ӯро бардошта китоби «Сурмаи Сулаймонӣ»-ро оростааст, ҳикояте меорад [1,1903]. Яъне, ин ду фарҳангнигор ҳамзамон буда, дар як давр луғоти худро ба танзим даровардаанд.

Ғиёсуддини Ромпурӣ дар мавриди «Фарҳанги Сурурӣ» мегӯяд, ки таълифи Ҷалол Муҳаммадқосим аст [133,ҷ.2,221]. Аммо дар ҳеҷ як маъхаз номи «Ҷалол» ба назар нарасид ва худи Сурурӣ дар дебочаи фарҳанг дар мавриди сабаби таълифи он ному насаби худро «Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ алмутахаллис ба Сурурӣ» [116,2] зикр кардааст. Бар ин истинод дар мавриди ному насаби ӯ дигар ҷои баҳс намемонад.

С.И. Баевский дар бораи нусхаҳои қадимтарини «Маҷмаъ-ул-фурс» дар феҳрасти дастнависҳои Донишкадаи халқҳои Осиёи Академияи илмҳои ИҶШС иттилоъ дода, дар мавриди номи луғат ва муалллифи асар низ маълумоти муҳимро қайд менамояд, ки «Маҷмаъ-ул-фурс» бо номҳои «Фарҳанги Сурурӣ», «Луғати Сурурӣ» низ маъруф будааст. Муаллифаш Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ, бо лақаби Сурурӣ машҳур будааст. Соли таваллудаш номаълум, дар Кошон таваллуд шуда, дар Исфаҳон зиндагӣ кардааст. Дар бораи ӯ сайёҳи машҳури итолиёӣ Петро

делла Валле дар ёддоштҳои худ қайд намудааст. Баъд аз соли 1032 ҳ./ 1622-1623 м. дар Лоҳури Ҳинд зиндагӣ карда, дар роҳи Макка вафот кардааст [90,33-34; 51,194-214].

Муҳаммад Муин низ ҳофизаи қавӣ доштану ҳудуди сӣ ҳазор байт аз ашъори мутақаддимону мутааххирон дар ҳифз доштани Сурурӣро таъкид намудааст [108,ч.5,752].

Амон Нуров қайд менамояд, ки Сурурӣ дар ҳудуди соли 1622 аз Исфаҳон ба Ҳиндустон рафта, ба дарбори Шоҳҷаҳон роҳ ёфтааст ва баъдҳо ҳангоми сафари Макка аз олам даргузаштааст [126,11].

Дар бораи соли вафоти Сурурӣ дар тазкираҳо маълумоти мушаххас ба назар нарасида, аммо Шоҳ Алиакбари Шаҳристонӣ дар мақолаи «Муҳаммадқосим Сурурӣ нигорандаи «Маҷмаъ-ул-фурс» фавти ӯро тахминан соли 1036 ҳ. / 1627 м. қайд кардааст. Ин тахмин бар он асос, ки Сурурӣ соли 1028 ҳ. / 1619 м. таҳрири сеюми фарҳанги худро мураттаб сохта, «Хулосат ул-маҷмаъ» номид ва ба номи Эътимодуддавла Ҳотамбек вазири шоҳ Аббос бахшид [51,212]. Аммо ин тахмин комилан дуруст нест, чунки таҳрири чоруми фарҳанг солҳои 1039 ҳ./ 1630 бо роҳбарии худи Сурурӣ ба қалам омадааст [42]. Аз ин лиҳоз, соли вафоти ӯро солҳои 30-юми асри XVII тахмин кардан мумкин аст.

Маълумот оид ба таърихи зиндагию вафоти шоир ва мероси адабию фаъолияти фарҳангнигории ӯ, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқони мазкур дода шудааст, аксаран дар асоси тазкираҳои «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиуддини Кошонӣ [6], «Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин»-и Тақии Исфаҳонии Балёнӣ [1] ва «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ [5] мебошад.

Муҳаммадқосим Сурурӣ агарчи шоир буда ва бо тахаллуси Сурурӣ ашъоре сурудааст ва ба ҳамин иллат зикри номи ӯ ва намунаҳои ашъораш дар тазкираҳои мазкур зикр шуда, аммо шуҳрати Сурурӣ ба унвони як муаллифи маъруфи қарни XVII фақат ба эътибори фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» мебошад.

Ҳарчанд Сурурӣ ба унвони фарҳангнигор маъруфият дорад, вале аз маълумоти тазкираҳои зикршуда ва дигар манбаъҳои адабиву илмӣ равшан мешавад, ки ӯ ҳамчун шоир низ маъруфият доштааст. Бар иттилои С.И. Баевский девони ӯ  дар авоили асри XVII дар Ҳиндустон китобат шудааст [90,34], аммо то замони мо расидааст ё на, маълум нест.  Аз тазкираҳои номбурда ашъори бозмондаи Сурурӣ ҷамъоварӣ шуда, маводи таҳқиқии ин фасли рисоларо, ки ба таҳқиқи мазмуну мундариҷа ва анвои адабие, ки Сурурӣ ҳунари шоирии хешро таҷриба кардааст, ба вуҷуд овардааст.

Тавре ки таъкид гардид, Мир Тақиуддини Кошонӣ қарибулаҳди Сурурӣ буда, дар «Бахши Кошон»-и тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор», дар қисми аввал, яъне «Шуарое, ки дар замони муаллиф дар қайди ҳаёт буданд»  дар мавриди ашъори Сурурии Кошонӣ қайд менамояд: «Ва айзан дар ин асно гоҳе ба гуфтани шеър мубодират менамояд ва аз ганҷинаи хотири файзаш ашъори барҷаставу абёти хуҷаста, аз қасида, ғазал, рубоӣ ва маснавӣ ба назари мубассирони он водӣ мерасонад» [6,590]. Ҳамин тавр, дар тазкира аз ашъори мунтахаби Сурурӣ намунаҳо меорад.

Дар маҷмуъ,  ба воситаи  тазкираҳо ва дебочаи «Маҷмаъ-ул-фурс» 20 қасида, 4 соқинома, 11 ғазал, 1 қитъа, 10 дубайтию рубоӣ ва 3 байт аз ашъори Сурурӣ ҷамъоварӣ карда шуда, мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Тавре ишорат карда шуд, Сурурӣ аз шоирони мутақаддим ва муосир сӣ ҳазор байтро дар ҳофиза доштааст. Аз ин лиҳоз, дар гуфтани шеър низ хеле бомаҳорат будааст. Аз таҳлилу мушоҳидаи  ашъори бозмондаи ӯ муайян гардид, ки Сурурӣ бештар ба жанри ғайриодӣ ва камистеъмоли адабӣ, яъне қасидаи таркиббанд рӯй овардааст. Хусусияти асосии таркиббандҳои шоир дар он аст, ки он танҳо аз як банд иборат аст, яъне шеъри манзуме, ки қофиябандиаш мисли ғазал ва қасида аз 5 то 20 байт идома дошта, қофияи байти охир тамоман тағйир ёфтааст. Чунончи:

*Аз оташи савдои ӯ  чун сӯхт ҷисми лоғарам,*
*Дӯзахфурӯзи дард шуд ҳар зарра аз хокистарам.*
*Аз ёди рӯяш то ба шаб бо меҳр дар як хонаам,*

*Аз фикри чашмаш то саҳар бо фитна дар як бистарам.*

*Дудест дӯзахро нишон ҳар мӯйи ҷисми ғамкашам,*

*Обест оташ дар миён ҳар қатра аз чашми тарам.*

*Фарҳоди кӯҳи меҳнат аст аз ишқи ӯ ҷон дар танам.*

*Маҷнуни саҳрои ғам аст аз дарди ӯ дил дар барам.*

*Аз ёди бӯстони рухаш маҷлисфурӯзи ҷаннатам.*

*В-аз тоби лаъли дилкашаш ҳангомасӯзи Кавсарам.*

*Субҳам кунад гар шоми ғам з-он турраи шабгун, чӣ ғам,*

*Субҳе дигар орад бурун аз сина меҳри ҳайдарам.*

*Кишваркушои доду дин, хуршеди авҷи маърифат,*

*К-аз қулзуми табъаш задӣ бар авҷ мавҷи маърифат* [6,580].

Ҳарчанд муаллифи тазкираи мавриди назар ин қасидаро таркиббанд хондааст, вале ин сурудаҳои шоирро ба таври куллӣ наметавон ба шумули таркиббанд ворид намуд, чун онҳо бештар ба шеваи қасида суруда шудаанд, ҳарчанд дар охир як байти тарҷеъ доранд, вале идомаи он маълум нест, чун мутобиқи суннати эҷоди таркиббанд бояд бандҳои дигаре бошад. Ба эҳтимоли зиёд шояд онҳо ба сурати таркиббанд эҷод шуда бошанду танҳо банди аввал боқӣ мондаасту халос ё шояд муаллиф онҳоро шакли қасидаи таркиббанд навишта, бо як байти таркиб иктифо карда бошад. Аз ин рӯ, онҳоро ҳамчун қасида бояд ба шумор оварем, зеро ҳам аз назари шаклӣ ва ҳам муҳтавоӣ хусусияти қасидаро дар худ муҷассам намудаанд.

Ҳамин гуна, дар тазкираи мазкур 19 қасида мавҷуд аст, ки ба мазмуни мадҳия суруда шудааст ва асосан ба шоҳ Аббос бахшида шудаанд. Шоҳ Аббоси 1 (995 ҳ./1587 м.- 1038 ҳ./ 1629 м.) яке аз маъруфтарин намояндагони сулолаи Сафавиёни Эрон ба шумор меравад. Аммо аз таърихномаҳо маълум аст, ки ин шоҳ ба аҳли адаб ва шоирони маддоҳ таваҷҷуҳи зиёд надошт. Бо вуҷуди ин, Сурурӣ дар мадҳи ӯ чанд қасидае суруда ва ҳатто фараҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-ро барояш бахшидааст. Аз Исфаҳон ба Лоҳур рафтану ба дарбори Шоҳиҷаҳон пайвастани Сururиро ба инобат гирем, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки шоҳ Аббос ба Сурурӣ подоши сазовор ва таваҷҷуҳи

зиёд ҳам накардааст. Аммо ба қасидаҳои Сурурӣ аз ҷиҳати сохт, мазмун ва истифодаи саноеи бадеӣ баҳои хуб додан мумкин аст. Масалан, дар як қасидааш дар васфи шоҳ ташбеҳу истиороти дилпазиреро мавриди истифода қарор дода, ки воқеан аз ҳунари шоирии вай далолат медиҳад:

*Аз боғи лутфат ғунчае маҷлисфурӯзи сад биҳишт*

*В-аз боғи қаҳрат шуълае ҳангомасӯзи сад саир.*

*Зикри тавофи марқадат бандад биҳиште бар нафас,*

*Боди ғубори даргаҳат созад сипеҳре дар замир.*

*Он ҷо ки даҳр аз по фитад, меҳри ту бошад поймард*

*В-он ҷо ки чарх аз ҷо равад, ҳубби ту бошад дастгир* [6,582].

Ҳосили сухани шоир он аст, ки заррае аз лутфи ту сад биҳиштро фурӯзон мекунад; аммо шуълаи қаҳри ту аз оташи дӯзах ҳам сӯзонтар аст; касе зиёрати марқадат кунад, ба машомаш бӯйи биҳишт хоҳад омад; аз даргаҳат ҳатто ғуборе ҳам ба касе насиб гардад, дилаш мунаввар хоҳад шуд, қудрату тавоноӣ ва муҳаббати ту ҳатто замину осмонро ҳам аз фалокат боз медорад. Бояд гуфт, ки чунин гуна тавсифоту ташбеҳот ва истиорот дар қасидаҳои ӯ зиёд ба назар мерасад ва ин амр ба нуфузи ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоир таъкид меварзад.

Шоир санъати талмеҳро низ дар мусовии ташбеҳи қаҳрамони худ хеле ҷолиб ба кор бурдааст. Чунончи, дар абёти зерин сахои шаҳаншоҳро ба ҷуди Ҳотам монанд, дониши ӯро аз хиради Ҷабраил воло дониста, бузургии дарёи ҳиммати шоҳро ба тӯфони Нӯҳ ва чеҳраи ӯро ба рӯйи Юсуф ташбеҳ кардааст:

*Ҳотам зи бахилӣ накунад фаҳми каломаш,*

*Таълими карам чун диҳад арбоби карамро* [6,583].

***

*Ҳаст аз карам дасти туро чун баҳри Уммон сад иёл,*

*Дар дарсгоҳи донишат Ҷибрил тифли хурдсол* [6,583].

***

*Эй аз саҳоби ҳимматат ҳар қатра Уммони карам,*

*Дасти туву мавҷи сахо Нӯҳ асту тӯфони карам* [6,583].

***

*Пири гардун чу рӯйи ӯ бинад,*

*Чун Зулайхо зи сар ҷавон гардад* [6,589].

Дар ин абёт саноеи талмеҳ, ташбеҳ, истиора ва муболиға хеле ҳунармандона ба кор рафта, маъниорӣ низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар мавриди он ки қасидаҳои мадҳии ӯ ба шоҳ Аббос бахшида шудаанд, ҳеҷ тардид нест. Зеро шоир дар қасоиди хеш номи ин шоҳро борҳо зикр намудааст. Чунончи:

*Шоҳ Аббос, ки чархаш хонад,*

*Шоҳи Эрону хидеви Тӯрон* [6,592].

***

*Хуршеди сахо пайрави Аббоси ҷаҳонгир,*

*К-аз теғ ба каф дорад, алмоси ҷаҳонгир* [6,586].

Дар силки қасоиди ӯ ғазалгунаҳое ба мушоҳида мерасад, ки бо сабаби бо мурочиат ба соқӣ суруда шуданашон, онҳоро соқинома низ гуфтан мумкин аст, ки бештарашон дар пайравии ғазалҳои бо ин шева сурудаи шуарои гузашта эҷод шудаанд. Чунончи, Камоли Хуҷандӣ гӯяд:

*Дӯш аз дари майхона бидидем ҳарамро,*

*Май нӯшу бубин фусҳати майдони карамро.*

*Фармони хирад бар дили ҳушёр нависанд,*

*Ҳукме набувад бар сари девона қаламро.*

*Эй маст, гар афтӣ ба сари турбати шоҳон,*

*Муштоқи лаби ҷом биёбӣ лаби Ҷамро...* [34,41].

Сурурӣ гуфтааст:

*Соқӣ, бидеҳ он ойинаи рӯйи карамро,*

*Он шуълазани хирмани андӯҳу аламро.*

*Хуршед бувад бар сари ӯ парчами мушкин,*

*Аз ҷоми шуоаш бифарозад чу аламро.*

*Ҳар зарраи хокаш шавад аз шавқ машоме*

*Гар бод барад бӯй аз ӯ турбати Ҷамро...* [6,584].

Дар байни ғазалҳои мазкур ҳам аз ҷиҳати қофия ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа иртиботу пайвандӣ вуҷуд дорад. Чунончи, ҳангоми май нӯшидан аз нангу номус ҳарос надоштан, лаззати майро надонистани зоҳиди хоми зоҳирпараст, ойинаи дил будани май ва маҳз ба воситаи он рози ниҳонро донистани орифон дар сурудаҳои Ҳофизу Камол ва Сурурӣ ба шаклу шеваи гуногун баён гардидаанд. Ҳарчанд дар қолиби зоҳирӣ Сурурӣ аз ин ғазалиёти шуарои қабл аз худ истифода кардааст, вале ташбеҳоту тавсиф ва таркибҳои шоиронаи ӯ аз тозагиҳои хосае бархурдор мебошанд.

Ҳамин тавр, Сурурӣ дар қасидасароӣ ва шеваи эҷоди ғазал услуби хоси худро доро буда, ҳамзамон ба шоирони мутақаддим аз қабили Ҳофизу Камол низ татаббуъ кардааст. Мавзуи қасоиди шоир асосан мадҳу ситоиши шоҳи замон буда, зимни ин мадҳияҳо аз вазъи табоҳи рӯзгораш низ шикваҳо намудааст, ки ба ҷанбаҳои иҷтимоии сурудаҳои шоир таъкид мекунанд:

*Дар чашмаи хуршед, агар аз бахти ман аксе фитад,*
*Мавҷи шуоаш то абад дуди шаби ҳиҷрон шавад.*
*З-ин сон, ки мавҷи ашки ман занҷири пойи чарх шуд,*
*Дуде, ки хезад аз дилам, хуршедро зиндон шавад.*
*Аз доғҳои оташин рашки фалак гардад замин,*
*Гар оҳи барқосои ман як раҳ шарарафшон шавад.*
*Гар бар лаби дарё чакад, сӯзад зи лаб то синааш,*
*Як қатра з-он хуни ҷигар, к-аз чашми ман ҷӯшон шавад.*
*З-он ҳар дам аз хори мижа бандам раҳи селоби чашм,*
*Тарсам к-аз ин абри бало, кохи фалак вайрон шавад* [6,581].

Аз абёти мазкур аён мегардад, ки шоир он қадар ҳам рӯзгори фаровон ва ҳаёти хушбахт надоштааст ва барои беҳдошти зиндагии хеш ин ҳама мадҳияашро сурудааст. Ҳамин тавр, аз таҳлили қасидаҳои ӯ бармеояд, ки шоир бештар дар ин жанр муваффақ будааст ва ҳатто дар дебочаи «Маҷмаъ-ул-фурс» низ дар мадҳи шоҳ Аббос қасидаеро ҷой додааст [116,4], ки далели ин гуфтаҳост.

Тавре гуфта омад, Сурурӣ дар сурудани ғазал низ хеле маҳорат доштааст. Ғазалҳои ӯ дар сабки ироқӣ суруда шудааст. Ҳанӯз дар авоили асри XVII адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз сабки ҳиндӣ таъсирпазир буд, аммо давраи эҷодиёти Сурурӣ ба охирҳои асри XVI ва авоили асри XVII, бештар дар сарзамини Исфаҳон рост меояд, аз ин ҷиҳат аносири сабки ҳиндӣ камтар ба назар мерасад. Истиқболияҳои Сурурӣ ба ғазалҳои Ҳофизу Камол низ далел бар ин нукта аст, ки ӯ аз сабки қудамо бештар истиқбол кардааст. Ғазали зерин дар шеваи содаву латиф дар сабки шоирони гузашта суруда шудани ашъори шоирро бозгӯӣ мекунад:

*Лаби ту зинда кунад муъҷизи Масеҳоро,*
*Қадат ба хок фишонад ниҳоли Тӯборо.*
*Ба дафъи чашми бад аз сӯзи худ даме сад бор,*
*Сипанди оташи дил мекунам сувайдоро.*
*Зи рашки он ки cаборо бар ӯ гузар набвад,*
*Зи ҷон ҳисор кунам хоки он кафи поро.*
*Фазо барои мукофоти пири Канъонӣ,*
*Сапед сохт зи ғам дидаи Зулайхоро* [6,592].

Маълум аст, ки ин ғазал дар пайравӣ аз ин ғазали маъруфи Ҳофизи Шерозӣ суруда шудааст:

*Сабо ба луфт бигӯ он ғизоли раънoро,*
*Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додӣ моро* [41,44].

Дар ғазали мазкур шоир лаби ёрро ба унсури зиндакунанда чун муъҷизаи Масеҳо ва қади болои ӯро ба дарахти Тӯбо ташбеҳ медиҳад. Ҳамчунин, таъкид медорад, ки барои аз чашми бад нигаҳ доштани ӯ ҳатто сувайдоро мисли сипанд бо оташи дил дуд мекунаму аз рашки он ки сабо бар ӯ гузар накунад, омода ҳастам, то хоки кафашро ҳам бо ҷон иҳота намоям. Бар аҷзи он ки пири Канъон аз ғами фарзанд нобино гашта буд, чарх чунон кард, ки Зулайхо низ ба ин ҳол афтод. Агарчи дар байти аввали Сурурӣ вожаи Масеҳо ба ҳукми қофия омадааст, вале аз рӯйи қофиябандӣ дар байти

мақтаи Ҳофизи Шерозӣ он  ҳамчун қофия омада, ки робитаи ҳар ду ғазалро таъмин намудааст:

*Дар осмон на аҷаб, гар ба гуфтаи Ҳофиз,*

*Суруди Зуҳра ба рақс оварад Масеҳоро* [41,44].

Дигар ғазали Сурурӣ, ки бо забони содаву зебо, аммо таввассути корбурди ташбеҳоту мазомини хуб суруда шудааст, чунин оғоз мешавад:

*Ба саҳрои ғамат манзил гирифтам,*

*Чу саҳро кӯҳи ғам бар дил гирифтам.*

*Дами бисмил ба дасте домани ҷон,*

*Ба дасте домани қотил гирифтам.*

*Ба чашмаш нақди ҷон осон супурдам,*

*Зи лаълаш коми дил мушкил гирифтам...* [6,592].

Ин ғазал ҳам дар мавзуи ишқӣ суруда шуда, дар он мазмунсозиҳо тавассути корбурди ибороту таркиботи малеҳ мушоҳида мешавад. Ба ин тартиб, ғазалиёти шоир асосан дар мавзуи ишқӣ иншо гардида, бештари онҳо дар татаббуи шуарои классикии форсӣ-тоҷикӣ ба қалам омадааст. Чунончи, як ғазали Сурурӣ ба ғазали машҳури Сайидои Насафӣ ҳамрадиф аст. Дар мавриди шабоҳати ашъори ин ду шоир тахмин меравад, ки чун ҳар ду ҳамзамон буданд ва аз сурудаҳои ҳамдигар огоҳӣ доштаанд, Чунончи:

Сайидои Насафӣ фармудааст:

*Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд,*

*Нолаи ҷуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд.*

*Аз фиреби ваъдаҳои ӯ шудам розӣ ба марг,*

*Шаб ҳама шаб дасту теғи қотилам омад ба ёд.*

*Дар талоши баҳр чун гирдоб  саргардон шудам,*

*Ҳасрати лабҳои хушки соҳилам омад ба ёд.*

*Сар назад аз киштзори умри ман ғайр аз сипанд,*

*Сӯхтам, чун мазраи беҳосилам омад ба ёд.*

*Сайидо, дидам ба хок афтода барги лоларо,*

*Теғи ноҳақхӯрда сайди бисмилам омад ба ёд* [27,128].

Сурурӣ мефармояд:

*Субҳ оташрезии хӯйи туам омад ба ёд,*

*Шом мушкафшонии мӯйи туам омад ба ёд.*

*Шуд савдои дили ман матлаи сад офтоб,*

*То ҷаҳонафрӯзии рӯйи туам омад ба ёд.*

*Кардам аз сад раҳ таманнои хаёли оразат,*

*Аз сияҳбахтӣ ҳамон мӯйи туам омад ба ёд* [6,594].

Ҳарчанд қофиябандии ғазалҳои Сайидо ва Сурурӣ аз ҳамдигар фарқ доранд, аммо ба назар мерасад, ки радифи «омад ба ёд» илҳомбахши Сурурӣ гаштааст, ки дар тарҳи нав ғазале бо ҳамин радиф бисарояд.

Чун дигар ғазали Сайидоро мушоҳида менамоем, ки бо мақтаи зерин ба анҷом мерасад:

*Сӯхтам охир зи дасти нотавонбин, Сайидо,*

*Чашми гардун равшан аст имрӯз аз хокистарам* [27,272].

Ин ғазал ҳам илҳомбахши қасидае аз Сурурӣ, ки дар боло овардему бо байти зер оғоз мешавад, ҳамқофия ва мазмунан низ ба ҳам наздик аст:

*Аз оташи савдои ӯ, чун сӯхт ҷисми лоғарам,*

*Дӯзахфурӯзи дард шуд ҳар зарра аз хокистарам...* [6,580].

Дар умум, жанри ғазал низ дар эҷодиёти Сурурӣ мақоми хоса дошта, дар он бештар мавзуъҳои ишқию фалсафӣ таҷассум ёфтаанд.

Аз Сурурӣ ҳамагӣ 10 дубайтию рубоӣ ҷамъоварӣ шуда, муайян гардид, ки рубоиёти шоир дар пайравии шуарои асрҳои гузашта эҷод гардида, дар он афкори фалсафию ахлоқии шоир ва мавзуъҳои иҷтимоии замон таҷассум ёфтаанд. Матолиб ва мазмунҳои шарҳу баёнёфтаро шоир тавассути корбандии санъатҳои бадеӣ обуранги бадеӣ додааст. Масалан, дар рубоии зерин ҳоли афсурдаву душвори замони хешро тасвир мекунад, ки муҳтавои он ифодагари афкори иҷтимоии суханвар аст. Вақте сухан аз ашки шоир меравад, маълум аст, ки дилаш аз вазъи ногувори рӯзгори хеш ба дард омадаву шуълаи оҳаш дарё месӯзаду ба мисли доғ ба сина хок мегардад:

*Ашкам, ки аз ӯ тира шуд ойинаи хок,*

*Пургавҳари ноб сохт ганҷинаи хок.*

*Аз шуълаи оҳи дӯзахафшонам сӯхт,*

*Дарё монанди доғ бар синаи хок* [6,596].

Ё ки дар рубоии зерин аз савдои ишқи ёр саргарм шудани дилашро таъкид карда мегӯяд, ки ғами ишқи ёр чунон дар дилаш асар кардааст, ки дар куҳнагӣ ин ғам аз таърихи ин ҷаҳон ҳам тӯлонитар аст:

*З-он пеш, ки бо руҳ фитад кори дилам,*

*Савдои ту гарм кард бозори дилам.*

*Бар куҳнабинои чарх сабқат дорад,*

*Таърихи ғамат бар дару девори дилам* [6,596].

Ҳамин тавр, рубоиёти Сурурӣ низ бо забони сода ва бадеиёти хоса навишта шудааст, ки аз шоири чирадаст будани ӯ далолат медиҳад.

Аз тазкираҳои дардастбуда маълум мешавад, ки чанд қитъаи Сурурӣ ба мо расидааст, ки яке бо байти зерин оғоз мешавад:

*Ҳаббазо, хирқаи номӣ, ки биҳишт*

*З-ӯст дар пардаи хиҷлат пинҳон* [6,591].

Дар идомаи қитъа шоир аз воқеаву ҳодисаҳои замони хеш ва мавқеи давлатдории Шоҳ Аббос сухан ронда, ба таърифу тавсифи ӯ мепардозад:

*Шоҳ Аббос, ки чархаш хонад,*

*Шоҳи Эрону хидеви Тӯрон.*

*Кафи ӯ дурри сахоро дарё,*

*Дили ӯ гавҳари ишратро кон* [6,591].

Қитъаи мазкур аз 23 байт иборат буда, дар бораи корнамоиҳои шоҳи замон ва саховату ҷуди ӯ нақл менамояд ва бад-ин восита шоир матлабашро дар мавриди ниёз доштан ба эҳсони шоҳ иброз медорад.

Дар қитъаи зерин бошад рӯйи ёрро ба субҳи босафо ва зулфи сияҳашро ба шоми тор ташбеҳ дода, чашми масти ӯро чун сайёд мусаххаргари дили худ медонад:

*Рӯяш чу ба зери зулф дидам,*

*Гуфтам субҳе нуҳуфта дар шом.*

*Ё сайёдони чашми масташ*

*Хуршед фикандаанд дар дом* [5,996].

Азбаски ашъори бозмондаи ӯ миқдоран андак асту аксари онҳо дар жанри таркиббанд ҳастанд, абёт ё мақтаи фахрияи шоир ба назар нарасид. Аммо бо вуҷуди ин, барои далели он ки ин ашъор аз Сурурист ё на, ба чанд байте, ки шоир тахаллусашро дар он зикр намудааст, рӯ меорем:

*Сурурӣ, нақди ҷон дар пояш афшонам, вале тарсам,*

*Ки осебе расонад аз гаронӣ пойи ҷононро* [6,594].

***

*Машҳур аз онам ба Сурурӣ, ки зудоям,*

*Бо сайқали мадҳи ту зи дил занги аламро* [6,584].

Байти аввал аз ғазалиёт ва байти дувум аз қасидаи шоир буда, дар назм бо тахаллуси Сурурӣ эҷод намуданаш аз ин абёт равшан мегардад.

Маҳорати сухандонии Сурурӣ дар он зоҳир мешавад, ки ӯ дар ашъораш хеле таркибот ва ибороти латифи шоиронаро ба кор мебарад, аз ҷумла, *«хуршеди авҷи маърифат»* (1) (ин рақамҳо ишора ба тартиби рақами ашъори шоир дар замимаи II аст – С.Г.) , *«дар чашми хуршед аксе фитодан»* (2), *«зи лаб то сина сӯхтан»* (2), *«бо хори мижа бастани селоби чашм»* (2), *«кохи фалак вайрон шудан»* (2), *«аз по фитодани даҳр»* (4), *«бозори имкон гарм кардан»* (5), *«сар дар гиребони фано кашидан»* (5), *«дар кисаи умр нақди адам фикандан»* (6), *«Хайёти қазо»* (6), *«сӯзани тақдир»* (6), *«бар қади дил»* (6) *«ҷомаи ғам»* (6), *«замин ғӯта хӯрдан»* (6), *«дар лаълу гуҳар ғарқ шудани киштии афлок»* (7), *«теғу қалам бардоштан»* (7), «*нақши малакулмавт бар вароқи хок шудан»* (10), *«ба кафи даст косаи сар ниҳодан»* (10), *«машшотаи сунъи азалӣ»* (10), *«туҳфаи базми иҷобат»* (13), *«дандони кин тез кардан»* (13) *«пушти андеша камон гаштан»* (14), *«мурғи шодӣ зи шохи даҳр паридан»* (14), *«дил ғамошён гаштан»* (14), *«ойинаи рӯйи карам»* (22), *«хирмани андӯҳу алам»* (22), *«парчами мушкин»* (22), *«лаъли муваррақ»* (22), *«пири фалак»* (21), *«панҷаи исмат»* (20), *«обистани сад субҳ»* (19), *«куҳҳоли чашм шудани килк»* (18), *«дар ҳуҷраи маънӣ ниҳон будан»* (18), *«аз қалам*

*зулоли ҳайвон хӯрдан», «бар қомати ҷон ҷома дӯхтани килки санъат»* (23), *«дида зи ғам сапед шудан»* (24), *«оби зиндагӣ дар гулӯ хушк шудан»* (30), *«субҳи оташрез»* (34), *«хуршед фикандан»* (45) ва монанди ин ибороту таркиботи малеҳи шоирона ба шеъри Сурурӣ обу ранги бадеӣ додааст. Истифодаи таъбироти шоирона аз он далолат медиҳад, ки Сурурӣ донандаи хуби истилоҳоти адабӣ буда, ин нуктаро бахши «Истиорот ва киноёт»-и фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» низ собит месозад, ки дар фасли алоҳидаи боби дуюм баррасӣ хоҳад шуд.

Ҳамин тавр, дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти Сурурии Кошонӣ дар тазкираву фарҳангҳо ва мақолаҳои илмии муҳаққиқон асноди муътамаде фароҳам омада бозгӯи он аст, ки Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ, бо лақаби Сурурӣ машҳур буда, зодаи вилояти Кошон аст. Соли таваллуд ва вафоташ дақиқ нест, аммо маълум аст, ки дар нимаи дуюми асри XVI таваллуд шуда, солҳои 30-юми асри XVII аз олам даргузаштааст. Дар солҳои наврасӣ ҳамроҳи падараш бо касби кафшдӯзӣ машғул мешавад, аммо баъд аз вафоти падар барои илмомӯзӣ бештар саъю талош меварзад ва ба аҳли фазл мепайвандад. Ҳамин тавр, дар шеърнависӣ ва луғатдонӣ ба пояи баланд мерасад. Соли 1608 фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-ро таълиф намуда ба шоҳ Аббоси 1 (995 ҳ./ 1587 м. – 1038 ҳ./ 1629 м.) ҳадя мекунад. Шоҳ Аббос фарҳангро чӣ тавр қабул мекунад ва чӣ гуна қадрдонӣ менамояд дар ягон маъхаз зикр нашудааст. Мавлоно Сурурӣ чун ба маъхазҳои нав даст меёбад, бори дувуму савум фарҳангашро такмилу тасҳеҳу таҳрир менамояд. Девонаш низ дар аввали асри XVII дар Ҳиндустон китобат шудааст. Бештари умраш дар Исфаҳон сипарӣ гардида, солҳои 1622-1623 ба Ҳиндустон меравад ва ҳангоми сафар ба шаҳри Макка дар роҳ вафот мекунад.

Аз таҳлилу баррасии ашъори Сурурӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ яке аз шоирони соҳибноми ҳавзаи адабии Исфаҳон дар охирҳои асри XVI ва аввали асри XVII мебошад. Ӯ дар жанрҳои қасида, ғазал, таркиббанд, қитъа ва рубоӣ маҳорати ҳунарии хешро номоиш додааст. Мавзуоти ашъори шоирро ишқу муҳаббат, мадҳу ситоиш,

шикоят аз рӯзгор ва ақидаҳои фалсафию ахлоқӣ фаро гирифтаанд. Шоир дар ашъораш аз саноеи бадеӣ ва истилоҳоти адабӣ моҳирона ба кор гирифтааст. Ҳарчанд девонаш то замони мо нарасида, аммо ба воситаи тазкираҳои асримиёнагӣ зиёда аз 200 байти ашъори Сурурӣ дастрас гардидааст ва аз рӯи ин сурудаҳо маълум аст, ки вай суханвари соҳибном ва бомаҳорати замони хеш ба шумор меравад. Аз муҳаққиқони эронӣ Муҳаммад Мустафо Рисолатпаноҳӣ ва Ҳусайни Қурбонпур ашъори ӯро ҷамъоварӣ намуда, як маҷмуаи кӯчак бо номи «Аҳвол ва ашъори Сурурии Кошонӣ» ба табъ расонидаанд [48]. Сурурӣ дар пайравии шоирони гузашта, чун Ҳофизу Камол, Сайидо ва дигар бузургони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ғазалҳои хешро ба қалам овардааст, ки маҳорати ӯро дар татаббуи назми гузаштагон бозгӯӣ мекунад. Дар анвои мухталифи ашъори шеър шоир равониву содагии баёнро бо шеваи мутақаддимин ҳифз намуда бошад ҳам, баъзе унсурҳои сабки ҳиндӣ низ дар истиороту киноёти шоиронаи ӯ кам ба мушоҳида мерасанд, ки ин равиши кори ӯ ба унсурҳои сабкии шоирони қадим ва асри худ дар каломи шоир ишорат дорад.

### I .2. «Маҷмаъ-ул-фурс» ва мақоми он дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ

«Маҷмаъ-ул-фурс» ё «Фарҳанги Сурурии Кошӣ» ба қалами Қосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ, маъруф бо тахаллуси Сурурӣ, тааллуқ дошта, таҳрири якуми ин фарҳанг дар солҳои 1599 -1600 поён ёфтааст. Луғатшиноси маъруфи тоҷик Ҳ.Рауфов қайд мекунад, ки Сурурӣ дар таҳрири дуюми луғати худ аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» истифода намуда, онро соли 1628 ба итмом расонидааст [76,25]. Сурурӣ таҳрири сеюми «Маҷмаъ-ул-фурс»-ро низ фароҳам карда, онро «Хулосат-ул-маҷмаъ» номидааст [51,201]. Таҳрири чоруми фарҳанг соли 1630 ба вуқуъ пайвастааст [42].

Алиакбари Деҳхудо низ қайд кардааст, ки «соҳиби «Маҷмаъ-ул-фурс» ин китобро дар соли 1008 ҳ./ 1600 м. дар Исфаҳон таълиф кард ва онро дар соли 1018 ҳ./ 1610 м. ба номи «Хулосат-ул-маҷмаъ» хулоса карда, пас дар

соли 1032 ҳ./ 1623 м. ба Ҳинд рафт ва сипас ба Лоҳур, дар он ҷо ба такмили он пардохт...» [106, 493]

Дар мавриди «Маҷмаъ-ул-фурс» будани номи китоб худи Сурурии Кошонӣ дар дебочаи фарҳанг зикр менамояд: «Ва бар ройи маъниорои арбоби идрок махфӣ намонад, ки чун ин китоб маҷмаи ҷамеи луғати фурс аст, лимуаллифиҳи:

*Кард тавфиқ чу дод итмомаш,*

*«Маҷмаъ-ул-фурс» Сурурӣ номаш»* [116,5].

Дар аксари сарчашмаҳо ин фарҳанг бо номҳои «Маҷмаъ-ул-фурс» «Фарҳанги Сурурӣ» ва «Луғати Сурурӣ» зикр гардидааст [90,32; 9,493;121,201].

С.И.Баевский дар бораи зиёда аз 10 нусхаи хаттии ин фарҳанг маълумот додааст [90,149].

Луғатшиноси маъруф В.А.Капранов қайд менамояд, ки бинобар ақидаи Х.Блохман дар давоми солҳои 1419-1826 дар минтақаи Ҳинд 10 фарҳанги муҳим таълиф шудааст ва яке аз онҳо «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ мебошад [97,149].

Адабиётшиноси тоҷик Абулманнони Насриддин қайд менамояд, ки дар садаи ёздаҳуми ҳиҷрӣ фарҳангнависии форсии Ҳинд ҷараёни тозаеро касб кард, ки муҳимтарин сифати он ҷамъоварӣ ва танзими вожаҳои асили форсӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳамин замина «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ ва дигар фарҳангҳои ҷомеъ ва муҳим ба низом омаданд [68, 239].

Фарҳанги мазкур дар асрҳои миёна хеле маъмулу машҳур буда, дар замони худ ба таври васеъ нусхабардорӣ карда шуда, мавриди истифодаи фарҳангнигорони сонӣ қарор гирифтааст. Бар асари фарогирии вожаҳои куҳани форсӣ ва шавоҳиди фаровони шеърӣ аз осори суханварони классикии форсӣ-тоҷикӣ, ин фарҳанг мақоми бештареро назди луғатнигорон пайдо кардааст. Фарҳанги мазкур асосан калимаҳои аслии форсӣ-тоҷикиро шарҳ медиҳад. Сабаби таълифи фарҳангро Сурурӣ дар дебочаи китоб чунин

иброз медорад: «...чун фақири ҳақири касирулқалб, касируттақсир, бандаи соҳии ҷонӣ Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ ал-мутахаллис ба Сурурӣ дар татаббуи ашъори балоғатосори акобир бисёр кӯшида буд ва дар зимни он лобуд кутуби луғати араб ва фурс, он чи дар миён буд, дида, аммо чун дар татаббуи ашъор ба луғати фурс бештар эҳтиёҷ мешуд, ҳиммат бар тафаҳҳуси он масруф сохт...» [116,2]

Яъне, ҳадафи асосии Сурурӣ аз таълифи фарҳанг асосан шарҳу тавзеҳи калимоти форсӣ-тоҷикӣ аст, ки дар осори бузургони адабиёти классикӣ ба кор бурда шудааст.

Фарҳанг аз муқаддима, 28 боб ва замима иборат буда тақрибан 6 ҳазор луғатро бо санадҳо шарҳ медиҳад. Замимаи он  истиорот ва киноёти адабиро дар бар мегирад. Калимаҳо аз рӯи ҳарфи якум ба бобҳо, аз рӯи ҳарфи охир ба фаслҳо ҷудо гардида, мувофиқи тартиби алифбои арабии тоҷикӣ чида шудаанд.  Муаллиф дар танзими асари худ аз луғатномаҳои пешин фаровон истифода карда, баъзе аз мақолаҳои луғавиро айнан иқтибос кардааст.

Муҳаққиқи ин фарҳанг Муҳаммад Дабирсиёқӣ  қимати онро чунин арзёбӣ менамояд: «Ва он аз лиҳози ҷомеияту иштимол бар шавоҳиди шеърӣ аз каломи устодони куҳани забони форсӣ, зикри маъхаз, нақли ҳар луғат ва баёни асноди маонии мутааддиди луғатӣ ва нақди баъзе маонӣ ва ғассу самину аҳволи мутақобил бар ҳамаи фарҳангҳои форсӣ, ки дар қуруни гузашта таълиф шудааст, қатъан бартарӣ дорад. Ва агар аз лиҳози теъдоди луғоту ҷомеияти маонии мутааддиди луғат ба пояи комилтарини онон, ки «Бурҳони қотеъ» аз он ҷумла аст, нарасад,  ба сабаби шавоҳиди назмӣ ва зикри санаду нақди маонӣ ва зикри аҳволи мухталифа қатъан бар он бартарӣ хоҳад дошт. Ва чун ба шарҳе, ки хоҳем гуфт, дар таҳрир ё ривоёти комил китоби «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-ро низ дар ихтиёр доштааст, бартарии вай бар он фарҳанг низ қатъан хоҳад буд» [116,3]. Яъне, Муҳаммад Дабирсиёқӣ ба «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ аз ҷиҳати фарогирии луғату шавоҳиди шеърии зиёд ва нақди маънонию зикри иқтибосҳо аз дигар фарҳангҳои асримиёнагӣ бартарӣ додааст.

Дар дебочаи  фарҳанг муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми таҳрири нахустини асар аз 16 маъхази муътабар истифода мебарад ва дар авоили асри XI / XVII  онро ба итмом мерасонад. Аммо  чун ба манобеи тоза ба монанди «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Шомил-ул-луғот», «Туҳфат-ус-саодат» даст меёбад, фарҳанги худро боз ҳам бо баҳрабардорӣ аз онон комилтару пурратар месозад. Чунонки дар дебочаи таҳрири дувум мегӯяд: «Бар замири иксиртаъсири мутолиакунандагон, ки чашмаи зулоли табъашон аз ғубори малол масун бод ва саҳми саодат ба кавкаби иқболашон мақрун, пӯшида намонад, ки дар санаи 1028 ҳ. (1619 м.– С.Г.) муаллифи ин нусха, аънӣ хӯшачини хирмани маонӣ – Сурурии Кошонӣ шарафи мутолиаи фарҳанги... Шоҳ Ҷамолиддин Ҳусайни Инҷу, ки дар ин сол аз Ҳинд овардаанд, мушарраф шуд ва ин нусхаро ба илҳоқи  баъзе аз луғату фавоид аз он музайян гардонид ва фарҳанги мутлақ ҳар ҷо мазкур мешавад, китобе аз он аст ва китоби «Шомил-ул-луғот» – таълифи Қароҳисорӣ, ки маонии луғатро ба туркӣ навишта ва фарҳанги «Туҳфат-ус-саодат»  – таълифи Муҳаммад низ дар ин сол ба назар расид ва чун ин таълиф ба мавриди айём мусаҳҳаҳ гардид» [116,7].

Ҳамчунин, дар дебоча муаллиф ба Абдулмузаффар Аббосшоҳ Баҳодурхон  бахшидани фарҳангро  зикр намуда, қасидае дар мадҳи ӯ меорад, ки бо абёти зерин оғоз мешавад:

*Шоҳе, ки чакад марг чу хун аз сари теғаш,*
*Миррих фишонад чу шарар озари теғаш.*
*Пӯшида ҷаҳон ҳар дам аз ӯ хилъати фатҳе,*
*Бо он ки бараҳна-ст ҳаме пайкари теғаш...* [116,4]

Ҳамин тавр, таҳрири аввал дар соли 1008  ҳ./ 1600 м., таҳрири дувум дар соли 1018 ҳ./ 1610 м., ва таҳрири савум соли 1028 ҳ./ 1619 м. ба анҷом расидааст. Ба иттилои Аҳмад Гулчини Маъонӣ, Муҳаммад Мустафо Рисолатпаноҳӣ ва  Ҳусайни Қурбонпур таҳрири чоруми фарҳанг низ соли 1039 ҳ./ 1630 м. зери назари худи муаллиф дар Ҳиндустон ба анҷом пазируфтааст [42;48,3].

Дар мавриди омӯзиши фарҳанги мазкур дар гузашта тазкиранигорон Мир Тақиуддини Кошонӣ [6,588], Волаи Доғистонӣ [5,996], Тақии Исфаҳонии Балёнӣ [1,1902], фарҳангнигорон Абдурашиди Таттавӣ [121], Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ [133,ч.1,221] маълумоти муфид дода бошанд, дар асри XX муҳаққиқон Саид Нафисӣ [15,62], Константин Аюнов Чайкин [15,62], Муҳаммад Дабирсиёқӣ [116;146], Муҳаммад Муҳсини Бузурги Теҳронӣ [144,201], Алиакбари Деҳхудо [106, 493], Муҳаммад Муин [108,ч.5,752], Забеҳулло Сафо [49,380], С.И.Баевский [90,33] дар омӯзиши нусхаҳои хаттӣ ва нашри интиқодии он саҳми босазое гузоштаанд. Дар асри навин ҳам ба ин фарҳанг таваҷҷуҳи аҳли илму адаб бештар гардида, дар ин ҷода Шоҳ Алиакбари Шаҳристонӣ [51], Ҳусайн Қурбонпур, Муҳаммад Мустафо Рисолатпаноҳӣ [48], Аҳмад Гулчини Маъонӣ [42] дар маҷмуаву мақолоти хеш доир ба зиндагиномаву ашъори Сурурӣ ва нусхаҳои фарҳанги мазкур корҳои таҳқиқотӣ ба анҷом пазируфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки фарҳангҳои форсӣ-тоҷикӣ дар мавриди шарҳи маънои калима фаротар рафта, хусусияти энсиклопедиро касб менамояд ва аз ин ҷиҳат мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегиранд. Дар онҳо на танҳо инкишофи таърихии лексикаи забони тоҷикӣ, балки бисёр истилоҳоти таърихию динӣ, вижагиҳои бадеӣ, таҳаввуллоти ҷуғрофию табиӣ ва ғ. муфассал инъикос ёфтааст. Фарҳангҳои тафсирии мутақаддим ва асримиёнагӣ сарчашмаҳои боэътимоди адабӣ ва ҳифзкунандаи осори шоирону нависандагон мебошанд. «Фарҳанги Сурурӣ» низ аз ҷумлаи он фарҳангҳоест, ки барои иншои фарҳангҳои минбаъда, дар танзими девони осори шоирони классик ва дар таълифи шарҳҳо чун сарчашма хизмат кардааст.

Дар фарҳангнигории форсу тоҷик «Маҷмаъ-ул-фурс» низ яке аз маъхази фарҳангҳои муосир ва минбаъда маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, дар таълифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Ғиёс-ул-луғот» ва «Бурҳони қотеъ» сарчашмаи асосӣ маҳсуб меёбад. Бинобар маълумоти

фарҳангшиносон С.И.Баевский ва А.Воҳидов ин фарҳанг сарчашмаи «Гулдастаи фарҳанги Бӯстон» низ маҳсуб меёбад [90,61;96,99]

Дар бораи ҳамаср будани муаллифони «Фарҳанги Сурурӣ» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва аз ҳамдигар баҳрабардорӣ намуданашон Сурурии Кошонӣ дар дебочаи фарҳанги хеш ишораҳо менамояд [116,7].

Ҳ.Рауфов низ қайд намудааст, ки муаллифони фарҳангҳои «Маҷмаъ-ул-фурс» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» аз ҳамдигар хеле баҳрабардорӣ намуда, фарҳангҳои хешро такмил додаанд. Ҳамчунин қайд мешавад, ки Акбаршоҳ ба муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» Ҳусайн Инҷу аз Эрон «Фарҳанги Сурурӣ»-ро оваронидааст [76,25].

Дар муқаддимаи «Бурҳони қотеъ» низ дар радифи сарчашмаҳои дигар номи «Фарҳанги Сурурӣ» қайд карда шудааст. Ин нуктаро Алиасғари Ҳикмат чунин таъкид намудааст: «Дуввумин маъхази соҳиби «Бурҳон», китоби «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ аст, ки дуруст дар ҳамон замон, ки «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар Ҳинд ба номи Ҷаҳонгир таълиф мешуда, ин китобро ҳам дар Эрон ба номи Шоҳ Аббоси аввал менавиштаанд» [126,ҷ.3,378]. Муллифи «Бурҳони қотеъ» дар тафсири моддаҳои луғавии «*барсам*» [126,ҷ.1,166], «*хандахарош*» [126,ҷ.1,,404], «*ревниз*» [126,ҷ.2,86], «*заъир*» [126,ҷ.2,99], «*сайбусан*» [126,ҷ.2,187], «*ғижак*» [126,ҷ.2,280], «*фаросиюн*» [126,ҷ.2,295], «*фарошиван*» [126,ҷ.2,296], «*фаркомах*» [126,ҷ.2,303], «*фуб*» [126,ҷ.2,319], «*катобун*» [126,ҷ.2,356] ва ғ. «Фарҳанги Сурурӣ»-ро чун сарчашма зикр кардааст.

Ҳамчунин, ба «Фарҳанги Сурурӣ» фарҳангнависони асримиёнагӣ назари интиқодии хешро иброз намудаанд. Адабиётшинос Абдуманнони Насриддин таъкид месозад, ки Мавлоно Абдурашиди Таттавӣ равияи интиқодиро дар мактаби фарҳангнависии форсӣ ба таълифи «Фарҳанги Рашидӣ» ривоҷи тоза бахшид ва дар фарҳангномаи худ камбудиҳои «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Маҷмаъ-ул-фурс»-ро тасҳеҳ кард [72,51].

Фарҳангшиноси тоҷик Ҳ.Аҳадов низ қайд менамояд, ки Абдурашиди Таттавӣ ҳангоми тартиб додани фарҳанг ба сарчашмаҳо, алалхусус ба

«Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Маҷмаъ-ул-фурс» бо назари танқидӣ муносибат мекунад [54,7].

«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ дар танзиму тадвини осори шоирон низ ҳамчун сарчашма хизмат менамояд. Чунончи, дар «Девони Рӯдакии Самарқандӣ» – дар асоси нусхаи Саид Нафисӣ ва И.С.Брагинский дар қатори дигар сарчашмаҳо се нусхаи ин фарҳанг бо номҳои «Фарҳанги Сурурӣ» (нусхаи мухтасар), «Маҷмаъ-ул-фурс» (нусхаи мукаммал мутааллиқ ба профессор К.А.Чайкин) ва «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ (нусхаи мукаммал мутааллиқ ба Саид Нафисӣ) [15,62] қайд карда шудааст.

«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ бо назардошти фарогирии ашъори шоирони асрҳои X-XVII дар таҳияи девони шуарои адабиёти классики тоҷик чун сарчашма хидмат кардааст. Дар фарҳанг аз ашъори зиёда аз 60 шоири асрҳои X-XI байти шоҳид ба кор бурда шудааст. Ин аст, ки дар тадвини «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» низ дар қатори сарчашмаҳои адабии муътабар чун «Лубоб-ул-албоб», «Ал-муъҷам», «Луғати фурс», «Сиҳоҳ-ал-фурс», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» номи «Фарҳанги Сурурӣ» низ зикр гардидааст. Дар танзиму тасҳеҳ ва муқоисаи абёти чанде аз шоирон Маҳмуди Мудаббирӣ аз ин фарҳанг бахрабардорӣ намуда, дар ҳавошӣ номи «Фарҳанги Сурурӣ»-ро қайд кардааст. Чунончи, дар саҳифае, ки ашъори Шаҳиди Балхӣ омадааст:

*Аз баногӯш лаългун гӯӣ*[1]*,*
*Барниҳодаст олғуна*[2] *ба сим.*

***

*Шавад бадхоҳ чун*[3] *рӯбоҳ баддил,*
*Чу шеросо ту бихромӣ*[4] *ба майдон.*

Дар ҳошия:

1-Сурурӣ: он баногӯш гар сафо гӯӣ

2- Сурурӣ: баркашидаст волғуна

3- Сурурӣ: адӯи ӯ шавад

4- Сурурӣ: Чу шеросо хиромад ӯ ба майдон [38,34].

Дар «Фарҳанги Сурурӣ» омадааст:

*Он баногӯш к-аз сафо гӯӣ,*

*Баркашидааст волғуна ба сим* [14,1500].

***

*Адӯи ӯ шавад рӯбоҳи баддил,*

*Чу шеросо хиромад ӯ ба майдон* [12,8].

Ҳамин тавр, мураттиби «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» баҳри таҳияи нашри интиқодӣ ба фарҳангҳои мутақаддим муроҷиат намуда ва байтҳои гуногуннусхаро дар ҳошия нишон додааст. Ва бешубҳа, яке аз сарчашмаи ин нашри интиқодӣ «Фарҳанги Сурурӣ» аст, ки номи ин фарҳангро дар силки дигар луғоти муътабар зикр намудааст.

Боиси зикр аст, ки аз шуарои асри X Абӯнасри Марғазӣ ва Абӯрофеъ танҳо якбайтӣ мерос мондааст ва ин абёт тавассути фарҳангҳои асримиёнагӣ то ба мо расида омадааст. Ин гуна абёти нодир аз «Луғати фурс» [123,44] ба фарҳангҳои дигар минбаъд интиқол ёфтааст, аз ҷумла дар «Фарҳанги Сурурӣ» низ ин ду байт мавҷуд аст. Чунончи:

*Фарҳаст* - (ба «ро»-ю «син»-и муҳмалатайн ва «ҳо», ба вазни «бадмаст») ба маънии ҷоду бошад... Ва Абӯнасри Марғазӣ низ гӯяд:

Байт:

*Ҳастро нест кунад тунбали ӯ,*

*Нестро ҳаст кунад фарҳасташ* [116,951].

*Тулу* - (ба замми «то» ва «лом») ба маънии поини тир бошад ва наздик ба гӯшҳои камонро низ гӯянд. Ва дар «Фарҳанг» (ба фатҳи «то» ва «лом») ба маънии хор оварда ва мисоли маънии аввал ва ин маънӣ байте аз Абӯрофеъ оварда:

*Тир андар қалби лашкар то тулу,*

*Мехалад чунонки дар чашмаш тулу* [116,325].

Дар намунаи ин абёти нодир арзиши адабии фарҳанг бо абёти шоҳид ва рисолати нигаҳдошти мероси адабии шоирон дар тӯли асрҳо зоҳир мешавад. Зеро фарҳангҳо натанҳо муҳофизи луғоти аслии куҳани забони форсӣ-

тоҷикӣ, балки нигаҳдорандаи ашъори ноби шуаро дар тӯли қарнҳои гузашта маҳсуб меёбад.

Мусаллам аст, ки дар асрҳои миёна дар адабиёти тоҷик барои тафсири осори классикон таълифи шарҳҳо низ роиҷ гардида буд. Яке аз аносири шарҳнависӣ ин шарҳу тавзеҳи калимаву ибороти шеър буд ва дар ин ҷода хидмати фарҳангҳои форсии тоҷикӣ басо назаррасанд. Шореҳон дар тафсири маънии вожагон аз фарҳангҳо баҳрабардорӣ менамуданд. Аз ҷумла, «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ низ барои таълифи шарҳҳои осори классикон чун маъхази муҳим хидмат кардааст. Чунончи, муҳаққиқи тоҷик Абдуманнони Насриддин ин фарҳангро яке аз сарчашмаҳои шарҳи «Хиёбон» - шарҳи «Гулистон»-и Сироҷиддин Алихони Орзу қайд намудааст [73,43].

Ҳамин тавр, «Маҷма-ул-фурс»–и Суруриии Кошонӣ чун сарчашмаи адабӣ дар таълифи фарҳангҳои минбаъда, чун «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ», «Гулдастаи фарҳанги Бӯстон», танзиму тадвини осори шоирони адабиёти классик ва таҳияи шуруҳоти осори адибони классики тоҷик хидмат кардааст.

Бояд қайд кард, ки фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» бо истифода аз маъхазҳои муҳим ва бо истиноди шавоҳиди шеърӣ аз шоирони мутақаддим, шарҳу тавзеҳи вожаҳои аслии форсӣ, ҳамчунин иқтибос аз осори пурарзиши илмию адабӣ ва чун сарчашмаи луғатҳои баъдина дар фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ аҳамияти хоса касб менамояд ва қобили омӯзиш ва таҳқиқ мебошад.

## I.3. Нусхаҳои хаттии «Фарҳанги Сурурӣ»

Аз омӯзиши феҳрасти нусхаҳои хаттии кутуби форсии китобхонаҳои муътабар маълум гардид, ки «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ аз фарҳангҳои маъмули интишорёфта ба ҳисоб рафта, дар замони худ ва минбаъд низ дар сарзамини Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва Эрон ҳамчун луғати ҷомеи форсӣ шуҳрати беандоза доштааст. Хаттотону котибони бисёре ба китобати ин

фарҳанг даст задаанд ва нусхаҳои гуногуни он дар китобхонаҳои бузурги кишварҳои Русия, Франсия, Туркия, Эрон, Ҳиндустон, Покистон ва Ӯзбекистон то ҳол маҳфуз аст. Дар феҳрасти нусхаҳои хатии мутааллиқ ба Аҳмади Мунзавӣ [57,1903] дар бораи 52 нусхаи ин фарҳанг маълумот дода шудааст. Аммо он нусхаҳо аз ҳамдигар то андозае фарқ доранд. Яке аз сабаби фарқияти нусхаҳо дар он аст, ки фарҳанг аз ҷониби худи Сурурӣ се бор таҳрир ёфта, дар ду ё се нусха паҳн гардидааст. Нашри интиқодии фарҳанг соли 1341 ш./ 1959 дар Теҳрон бо кӯшиши Дабири Сиёқӣ дар се муҷаллад, дар ҳаҷми 1657 саҳифа ба чоп расидааст. Он дар асоси 5 нусха, яке таълифи Саид Нафисӣ (Табрез, 1940), дигаре чопи Константин Аюнов Чайкин - муншии собиқ сафорати Рус дар Теҳрон (таърихи таҳрири он соли 1060 ҳ./ 1650 м.) аст. Се нусхаи дигари дастиро аз Ҷаъфар Султонқуроӣ (соли таълиф 1054 ҳ./1645 м.), устод Маҳдӣ ва Аҳмад Афшори Шерозӣ дастрас карданашро мегӯяд, аммо дар бораи замону макони китобат ва мураттибони он маълумоти кофӣ намедиҳад. Бо вуҷуди ин, нашри мазкур мукаммалтарин нашри интиқодии фарҳанг дар замони мо маҳсуб ёфта, кори илмии мо дар заминаи он рӯйи кор омадааст.

Дар ин маврид Аҳмад Гулчини Маонӣ [42,108] таъкид месозад, ки баъд аз нашри интиқодии фарҳанг аз ҷониби Муҳаммад Дабирсиёқӣ, боз як нусхаи мукаммале дарёфт шудааст, ки соли 1339 ҳ./ 1630 м. дар Акбаробод бо дасти котиби хушнависе зери назари муаллифи фарҳанг китобат шудааст ва онро таҳрири чоруми фарҳанг меномад. Мавсуф ин нусхаро муаррифӣ намуда меафзояд, ки аз нусхаҳои дигар нисбатан мукаммалтар буда, дар нашрҳои интиқодии оянда чун нусхаи муътабар ба кор меояд.

Сабаби дигари тафовути нусахи хаттии фарҳанг ҳини нусхабардорӣ аз ҷониби котибон ворид шудани тағйиротҳои ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ мебошад. Дигар фарқияти нусхаҳо дар охир қисми «Истиорот ва киноёт» надоштани баъзеи онҳо мебошад.

То он ҷое, ки дар бораи чандин нусхаҳои хатии ин фарҳанг аз феҳрастҳои китобхонаҳои ҷаҳон, ба мисли «Феҳрасти дастхатҳои форсии

китобхонаи миллии Париж» [143], «Феҳрасти маҷмуаи Фурут Виллиём Колиҷ (Калкутта)» [113], «Феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии Институти ховаршиносӣ» [102], «Феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии китобхонаҳои Туркия» [115], «Феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Донишгоҳи Истамбул» [114], «Феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии музейи миллии Покистон дар Карочӣ» [110] ва асари «Описание персидских рукописей Института народов Азии» (Выпуск 4) [90] иттилоъ ёфтем, дар ин ҷо мухтасар баён хоҳем кард.

1. Дар фонди дастхатҳои китобхонаи Диёрбакри Туркия таҳти рақами 2555 [115,84].

2. Дар фонди китобхонаи «Домод Иброҳимпошо»-и Навшаҳри Туркия таҳти шумораи 158 [115,137].

3. Дар феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Донишгоҳи Истамбул таҳти рақами IUK. FУ.684-(684) [12,685] .

4. Дар феҳрасти маҷмуаи Фурут Виллиём Колиҷ (Калкутта) дар китобхонаи Оршеви миллии Ҳинд- Деҳлии нав бо нишондоди 102 AcNo.105 [114,40] .

5. Дар фехрасти дастнависҳои Институти халқҳои Осиёи Академияи илмҳои ИҶШС (Ленинград) якчанд нусхаҳои фарҳанг таҳти рақамҳои B563 (478); B 564 (478 b); C 803; C318 (478a); C319 (478ab); B1157; O 423 [90, 33-37].

6. Дар феҳрасти нусхаҳои хаттии форсии музейи миллии Покистон дар Карочӣ шумораи қайд: N.M.1957-1053/15 [110,343].

7. Дар феҳрасти нусхаҳои хатии форсии институти милали Осиёи фарҳангистони улуми Русия низ чанд нусхаи қадимии ин фарҳанг, таҳти шумораи B-543; B-564; B-1157; C-319; Д-423 [102,387].

8. Дар ҷилди чоруми «Феҳрасти дастхатҳои форсии китобхонаи миллии Париж» таҳти рақами 995-998 [143,349].

9. Дар дафтари амволи китобхонаи Ҳоҷӣ Салим Оғо (Искандари Истамбул) таҳти рақами 1671 [115,69].

**10.** Дар фонди дастнависҳои китобхонаи Валиуддини Афандӣ (Истамбул, Туркия) таҳти рақами 3152 [115,581].

Мувофиқи маълумоти И.С.Баевский дар китобхонаи Масҷиди Имом Ризо дар феҳрасти «Луғатҳои қадимаи форсӣ» дар қатори дигар луғатҳо «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ низ мавҷуд буда, К.Г.Залеман низ аз он истифода бурдааст [90,14].

Ҳамчунин мувофиқи иттилои луғатшиноси мазкур дар китобхонаи Хоҷа Халифаи Машҳад ва дар фонди дастхатҳои Институти Шарқшиносии АФ РРС Ӯзбекистон (Тошканд) чанд нусхаи ин фарҳанг мавҷуд аст [90, 16-18].

Ба ҷуз нашри интиқодӣ боз 4 нусахи хаттии фарҳанг мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Нусхаҳое, ки ба мо дастрас буд, бо нашри интиқодии таҳияи Дабирсиёқӣ муқоиса карда шуда, аҳамияти ин нусахи хаттӣ чунин арзёбӣ карда шуд:

1. **Нусхаи хаттии Китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломии Ҷумҳурии исломии Эрон**

Номи китоб: «Маҷмаъ-ул-фурс».

Муаллиф: сабт нашудааст.

Шумораи сабти китоб:207-39.

Таҳти рақами 15874.

Саҳифаҳои аввали китоб афтодааст, аз ҳарфи «бо» фасли «ҳамза», байти зерин оғоз шудааст:

*Чунон эмин шуд аз адлат, ки бархост,*

*Зи гетӣ фитнаи дузду билода.*

Ин байт аз Шамси Фахрӣ буда, ҳамчун шоҳиди калимаи «билода», яъне фосиқу бадкор омадааст.

Баъд аз он калимаҳои *«балоба», «пихаста», «босара», «пела», «басағда», «боза», «баруфа», «беҳуда»* шарҳу тавзеҳ ёфта, абёти шоҳид оварда шудааст. Дар нашри Дабирсиёқӣ баъди байти болозикри Шамси Фахрӣ боз аз Рӯдакӣ низ байти шоҳид оварда шудааст. Ҳамчунин, дар нашри

интиқодӣ баъди тартиби ин фасл аз калимаи «билода» баъдан чунин идома ёфтааст: *«балоба», «бихаста», «босара», «бела», «басағда», «бағома», «боза», «бӯта», «басурида», «бозгуна», «баркӯҳ», «барсула», «балуна», «баруфа», «беҳуда»* ва ғайра. Калимаҳои *«бағома», «бӯта», «басурида», «бозгуна», «баркӯҳ», «барсула» ва «балуна»* дар нусхаи хаттӣ нест. Абёти шоҳид низ дар ин нусха нисбат ба нашри интиқодӣ камтар ба назар мерасад. Яъне, дар нашри интиқодӣ бар асноди як вожа ду-се байт ба ҳар маънӣ алоҳида оварда шудааст, дар нусхаи хаттӣ бошад, танҳо як байт омадааст. Номи фасл ва моддаҳои луғавӣ бо ранги сурх, матни фарҳанг бо ранги сиёҳ навишта шудааст. Охири китоб бо ҳарфи «ё», фасли «ё», бо шарҳи вожаҳои *«яхнӣ», «ёрагӣ», «ятоқӣ», «ёрӣ», «яздодӣ»* ба итмом расидааст. Баъд аз он ду саҳифа истиорот бо ҳуруфи «гоф», «мим»-у «нун» омадааст, ба мисли *«гурба дар зиндон», «гарончон», «гирди пойи ҳавз гаштан», «меваи дил», «мағз дар сар кардан», «мағз тар кардан», «минбаролудагон», «нофабӯй»* омада, бо ибораи *«ниҳӣ дар навардӣ»* ба охир расидааст. Китоб аз 277 саҳифа иборат буда, котиб ва соли китобат ишора нашудааст [120].

Аз муқоисаи нусхаҳо маълум гардид, ки нусхаи хаттии мазкур, ки замону макони таълиф ва котибаш маълум нест, аммо 80 фисади калимаҳои нашри интиқодиро дорад. Аввалу охири китоб афтодааст, бинобар ин боби «алиф» пурра, боби «бо» қисман ва охири истиороту киноёт аз китоб ҳазф шудааст. Шарҳи маънӣ комилан мувофиқат менамояд, абёти шоҳид нисбат ба нашри интиқодӣ камтар ба назар мерасад. Хаташ хоно ва ҳолати китоб хуб нигаҳдорӣ карда шудааст.

**2. Нусхаи хаттии Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ (Эрон)**

Муаллиф: Сурурӣ.

Шумора: 7394.

Дар саҳифаи аввал: «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ.

Дар саҳифаи дуюм: Муқаддима чунин оғоз шудааст: «Бимиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Ибтидои каломи ҳар донишвари суханвар ва интиҳои сухани ҳар хирадманди ҳунарпарвар шоиставу сазовор аст...»

Боби алиф, фасли алиф оғоз шудааст.

Нусхаи нисбатан мукаммал. Дар ҳошияаш «Бурҳони қотеъ» навишта шудааст. Дар ҳошияи саҳифаи 163 «Бурҳони қотеъ» ба охир мерасад ва котиб соли итмоми онро 1283 ҳ./ 1867 м. сабт мекунад. Луғат бо шарҳи вожаи *«Афдасто»* оғоз шудааст. Ҳамин тавр бобу фаслҳо бо тартиби алифбои форсии арабиасос идома ёфта, боби «ё», фасли «ё» бо шарҳи луғоти «*ёрӣ*» ва «*яздодӣ*» ба анҷом мерасад. Аммо луғатҳои мазкур мисли нашри интиқодӣ абёти шоҳид надорад. Баъд аз шарҳи калимаи «*яздодӣ*», «Боб-ул-алиф» омада истиороту киноёт бо шарҳи калимаи «*обшиносон*» оғоз мешавад. Ин боб 16 саҳифаро дар бар гирифта, бо фасли «нун» , шарҳи ибораи «ниҳӣ дар навард» ба итмом мерасад. Китоб аз 285 саҳифа иборат буда, котиб ва соли нусхабардории он қайд нашудааст [117].

Дар натиҷаи муқоиса бо нашри интиқодӣ маълум гардид, ки ин нусха нисбат ба дигар нусхаҳои хаттӣ аз ҷиҳати фарогирии луғот комилтар буда, шарҳи маънои вожаҳо низ ба нашри интиқодӣ мувофиқат менамояд. Китоб аз муқаддима оғоз гардида, то киноёту истиоротро дар бар гирифтааст. Аммо ин нусха байти шоҳид надорад ва шояд сабаб он бошад, ки дар як нусха ду луғат, яъне «Фарҳанги Сурурӣ» ва «Бурҳони қотеъ» ҷой дода шуда, абёти шоҳид ҳазф гардидааст. Ва ё ин нусха аз рӯйи таҳрири сеюм, яъне «Хулосат-ул-маҷмуъ» китобат шудааст, ки танҳо шарҳи вожаҳоро дорад. Дар ҳошияи нусха «Бурҳони қотеъ» нигошта шуданаш ва соли 1283 ҳ./ 1867 м. таълиф ёфтанаш аз он дарак медиҳад, ки ин нусха дар авохири асри XIX китобат гардидааст.

**3. Нусхаи дигари Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон**

Дар нусхаи электронӣ саҳифаи аввал, яъне номи китоб ва рақами он мавҷуд нест. Аммо «Фарҳанги Сурурӣ» буданаш аз дохили китоб мушаххас карда шуд.

Аз саҳифаи 1 то саҳифаи 604 саҳифабандӣ карда шудааст. Саҳифаи якум чунин оғоз мегардад: «Аммо чун дар татаббӯъи ашъор ба луғати фурс

бештар эҳтиёҷ мешуд, ҳиммат бар тафаҳҳуси он масруф сохт, то ба таъйиди раббонӣ ва тавфиқи субҳонӣ 16 нусха, ки тафсили асомии эшон ин аст:

1. «Шарафномаи Манярӣ» таълифи Иброҳим Қавоми Форуқӣ
2. «Меъёр-ул-Ҷамолӣ»–и афсаҳулмутакаллимин Шамси Фахрӣ
3. «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ...»

Ҳамин тавр, номи шонздаҳ сарчашма зикр гардидааст. Ин иборот аз муқаддимаи фарҳанг аст, ки то саҳифаи чорум идома ёфта, бо қитъаи Саъдии Шерозӣ, ки бо байти зерин анҷом меёбад, ба охир мерасад:

*Магар соҳибдиле рӯзе ба раҳмат,*

*Кунад дар кори ин мискин дуое.*

Баъд аз ин қитъа «Боб-ул-алиф маъа-л-алиф» яъне фасли аввали боби «алиф» оғоз мешавад. Калимаҳои *«афтасто»,«элиё», «осо»* ва ғ. аз рӯйи тартиби алифбо шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Нусха аз 24 боб иборат буда, дар охир истиорот ва киноёт низ ташреҳ ёфтааст. Саҳифаи охир таҳти рақами 604 бо шарҳи истиороти *«нофаи мушк ёфт», «нонкӯр», «нафсобод», «нофабӯй» ва «ниҳӣ дар навард»* ба итмом мерасад.

Дар муқоиса бо нашри интиқодӣ маълум гардид, ки дар ин нусха оғози муқаддима афтодааст. Матни фарҳанг бо нашри интиқодӣ қариб як навъ буда, абёти шоҳид низ фарқ намекунад. Дар нусхаи мазкур дар ҳавошии саҳифаҳои 15, 25, 30, 32, 38, 40, 62, 72, 79, 85, 94, 97, 102, 104, 107, 113, 124, 172, 179, 185, 204, 205, 207, 216, 218, 227, 229, 239, 245 ва ғ. қайду ишораҳо сабт гардидааст, ки дар нашри интиқодӣ онҳо дар дохили матн ҷойгир шудаааст. Дар нашри интиқодӣ «боби нун»-и истиорот бо шарҳи *«нофаи мушк ёфт»* оғоз ёфта, баъдан *«нонкӯр», «нафсобод», «нотарошида», «нохун ба дандон», «нохун ба дил», «нодида», «нон дар анбон», «нармшона», «нармгардан», «нофабӯй», «ниҳӣ дар навард», «намак бар оташ афкандан», «намад дар об доштан», «нимаи динор», «наъл афкандан», «наъли вожгун» ва «наъл дар оташ»* ба анҷом мерасад ва баъдан бобҳои «вов», «ҳо» ва «ё» меоянд. Дар нусхаи баррасишаванда боби «нун» панҷ ибораро шарҳ дода, абёти шоҳид ҳам надорад. Бобҳои боқимонда вуҷуд надорад.

Охири китоб бо ҷумлаи «хатми Муҳаммад оли Ҷаъфар фӣ 24 шаҳри ҷимодӣ-ул-аввали 1222» ба охир мерасад [118]. Яъне маълум мегардад, ки котиби ин нусха Муҳаммад оли Ҷаъфар ном дошта, онро соли 1222 ҳ./ 1807 м. китобат намудааст.

**4. Нусхаи Китобхонаи Остони Қудс (Туркия)**

Номи китоб: «Фарҳанги Сурурӣ».

Муаллифаш Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ.

Хати насхи 22 – сатрӣ.

Соли табъ ё таҳрир: 1254 қ.

Ҳаҷми китоб: 237 саҳифа.

Навъи китоб – луғат.

Шумораи сабт – 2741.

Котиб: Мирзо Ризохони Ноилӣ.

Рақамгузории китоб чунин аст, ки дар ҳар ду саҳифа як рақам гузошта шудааст, яъне 237 варақ саҳифагузорӣ шуда, китоб аслан аз 474 саҳифа иборат аст.

Саҳифаи якум: «Маҷмаъ-ул-фурс». Китоби «Фарҳанги Сурурӣ». Таълифи Ҳоҷӣ Муҳаммади Сурурии Кошонӣ. «Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Ибтидои каломи ҳар донишманди суханвар ва интиҳои сухани ҳар хирадманди ҳунарвар...»

Ҳамин тавр, 4 саҳифа дебочаи фарҳанг, ки аз тарафи худи Сурурӣ таълиф шудааст, идома ёфта, бо қитъаи зерини Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ ба итмом расидааст:

Қитъа:

*Бимонад солҳо ин назму тартиб,*
*Зи мо ҳар зарра хок афтода ҷое.*
*Ғараз нақшест, к-аз мо боз монад,*
*Ки ҳастиро намебинам бақое.*
*Магар соҳибдиле рӯзе ба раҳмат,*
*Кунад дар кори ин мискин дуое.*

Баъд аз ин «Боб-ул-алиф маъа-л-алиф» оғоз ёфта, калимаи «Афдасто» шарҳу тавзеҳ меёбад. Дар идома мувофиқи тартиби алифбо бобу фаслҳо мураттаб гардидааст. Калимаҳо бо ранги сурх ва матни фарҳанг бо ранги сиёҳ навишта шуда, ҷо-ҷо дар ҳошия вожаҳои аз матн афтода қайд карда шудааст. Дар натиҷаи муқоиса бо нашри интиқодии фарҳанг муайян карда шуд, ки дар ин нусха нисбат ба нашри интиқодӣ миқдори моддаҳои луғавӣ камтар ба назар мерасад. Чунончи, дар боби «то», фасли «йо»-и нашри интиқодӣ тартиби моддаҳои луғавӣ чунин аст: *«тутрӣ», «таншавӣ», «титӣ», «тонӣ», «тузӣ», «турконӣ», «тубкӣ», «ташӣ», «толкӣ»* ва ғайра. Дар нусхаи мазкур бошад ба тартиби зер аст: *«тутрӣ», «тузӣ», «тубкӣ», «ташӣ», «толкӣ»* ва ғайра. Яъне дар нусхаи хаттӣ калимаҳои *«таншавӣ», «титӣ», «тонӣ», «турконӣ»* мавҷуд нест. Аммо абёти шоҳиде, ки дар зери калимаҳои болозикр оварда шудааст, бо нашри интиқодӣ мувофиқат мекунад. Дар боби «Истиорот ва киноёт»-и нашри интиқодӣ вожаҳои боби «алиф» чунин мураттаб гардидааст*: «обшиносон», «ангушти нил», «остин бар задан», «абрӯ задан», «оҳани сард кӯфтан», «оҳуи монда гирифтан», «ангушти арӯс», «асб афкан, об дар ҷӯй», «об аз сари ҷӯй ишва бастан», «об бар оташ задан», «асбу фарзин ниҳад»* ва ғайра. Дар нусхаи хаттӣ тартиби боби «Истиорот» ба чунин зайл мушоҳида шуд: *«обшиносони кор», «ангушти нил», «абрӯ задан», «асбу фарзин ниҳад»* ва ғайра. Яъне дар нусхаи хаттӣ 8 моддаи луғавӣ аз нашри интиқодӣ кам ба назар мерасад.

Фарҳанг бо боби «нун»-и қисми «Истиорот» ба охир расидааст. Яъне дар ин боб панҷ ибора, ба монанди *«нофаи мушк ёфт», «нонкӯр», «нақшобод», «нофабӯй» ва «ниҳӣ дар навард»* шарҳу тафсир ёфта, дар саҳифаи 237 китоб ба фарҷом мерасад. Дар нашри интиқодӣ бошад боби «нун» 20 ибораву таркиботро фаро гирифтааст. Баъд аз он боз се боб, яъне бобҳои «вов», «ҳо» ва «йо» мавҷуд аст. Аз ин бармеояд, ки боби истиорот низ дар ин нусха мукаммал нест [119].

Аммо бо вуҷуди ин, нусхаи мазкур аз ҷиҳати фарогирии моддаҳои луғавӣ, риояи тартиби алифбо ва саҳифабандиву хушнависӣ арзиши хуби илмию адабӣ ва матншиносӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи ин нусхаҳо бо хати насх навишта шуда, номи бобу фаслҳо бо хатҳои сулс ва настаълиқ иншо шудаанд. Аз баррасии нусхаҳои мазкур бармеояд, ки нусхаи аввал муқаддима надорад, абёти шоҳид низ хеле кам ба назар расида, истиорот ба охир нарасида, китоб ба итмом расидааст ё саҳифаҳои охир афтодааст. Нусхаи дуюм муқаддима дорад, дар ҳошия луғати «Бурҳони қотеъ» омадааст, аммо абёти шоҳид надорад. Соли таълифи онро 1283 ҳ./ 1904 м. тахмин кардан мумкин аст, зеро дар ҳошия соли итмоми навишти «Бурҳони қотеъ»-ро чунин зикр кардааст. Истиорот дар боби «нун» ба охир расидааст. Нусхаи сеюм, ки соли 1222 ҳ./ 1807 м. дар Эрон аз ҷониби Муҳаммад Оли Ҷаъфар ном котиб китобат карда шудааст, нисбатан комилтар ва ба нашри интиқодии Дабирсиёқӣ наздик буда, шояд яке аз 5 нусхае бошад, ки Дабирсиёқӣ истифода кардаасту дар бораи онҳо маълумоти кофӣ надодааст. Нусхаи чорум аз 237 саҳифа иборат буда, нисбат ба нусхаҳои якуму дуюм мукаммал аст. Аммо миқдори моддаҳои луғавӣ дар муқоиса бо нусхаи сеюм камтар ба назар мерасад. Дар охири китоб қисмати киноёт ва истиорот ҷой дода шуда, бо ҳурфи «нун» ба охир расидааст.

Аз шиносоии чандин нусхаҳои фарҳанг маълум мешавад, ки «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ фарогири калимоту ибороти куҳани форсӣ-тоҷикӣ буда, бо истиноди ашъори шуарои мутақаддим дар фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ мавқеи хоси худро дошта, дар минтақаҳои гуногуни Осиё китобат карда шудааст. Нусахи нодири он, ҳарчанд пурра бошад ё на, то имрӯз дар китобхонаҳои бузурги ҷаҳон нигаҳдорӣ карда шуда, мавриди омӯзишу таҳқиқи забоншиносу адабиётшиносон қарор дорад. Нашрҳои интиқодии ин фарҳанг аз ҷониби муҳаққиқон Константин Аюнов Чайкин, Саид Нафисӣ ва Дабирисиёқӣ ба риштаи таҳрир кашида шудааст, ки таҳияи муҳаққиқи охир нашри мукаммал маҳсуб мешавад.

## Хулосаи боби I

1. Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммади Кошонӣ, бо тахаллуси Сурурӣ машҳур буда, зодаи вилояти Кошон аст, зиндагониаш ба нимаи дуюми асри XVI ва нимаи аввали асри XVII рост меояд. Дар ҷавонӣ бо касби падарӣ, яъне кафшдӯзӣ машғул шуда, баъд аз вафоти падар барои илмомӯзӣ бештар саъю талош меварзад ва ба аҳли фазл мепайвандад. Соли 1600 фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-ро ба анҷом мерасонад ва ба шоҳ Аббоси 1 мебахшад. Сурурии Кошонӣ чун ба маъхазҳои нав даст меёбад, бори дувуму савум ва чорум фарҳангашро такмилу тасҳеҳу таҳрир намуда, соли 1630 ба анҷом мерасонад. Девонаш низ дар аввали асри XVII дар Дошлаи Ҳиндустон китобат шудааст. Бештари умраш дар Исфаҳон сипарӣ гардида, солҳои 1622-1623 ба Ҳиндустон меравад ва солҳои 30-юми асри XVII ҳангоми сафар ба шаҳри Макка дар роҳ вафот мекунад.

2. Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ яке аз шоирони машҳури ҳавзаи адабии Исфаҳон дар асри XVII буда, дар жанрҳои қасида, ғазал, таркиббанд, қитъа ва рубоӣ эҷод намудааст ва мавзуоти ашъори ӯро ишқу муҳаббат, мадҳу ситоиш, шикоят аз рӯзгор ва ақидаҳои фалсафию ахлоқӣ фаро гирифтааст. Девонаш то замони мо нарасида, танҳо ба воситаи тазкираҳои асримиёнагӣ зиёда аз 200 байти ашъораш дастрас гардидааст. Сурурӣ дар пайравии шоирони гузашта, чун Ҳофизу Камол ва дигар бузургони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ эҷод кардааст. Сабки ашъори ӯ ба сабки ироқӣ моил буда, унсурҳои сабки ҳиндӣ низ дар истиороту киноёти шоиронаи ӯ андак тазоҳур кардааст.

3. «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ бо истифода аз маъхазҳои муҳим ва бо истиноди шавоҳиди шеърӣ аз шоирони мутақаддим, шарҳу тавзеҳи вожаҳои аслии форсӣ, ҳамчунин иқтибос аз осори пурарзиши илмию адабӣ ва чун сарчашмаи луғатҳои баъдина дар фарҳангнигории форсу тоҷик аҳамияти хоса касб намудааст. Ин фарҳанг дар адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар таълифи фарҳангҳои минбаъда, чун «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ», «Гулдастаи

фарҳанги «Бӯстон», дар танзиму тадвини осори шоирони адабиёти классик ва таҳияи шуруҳоти осори адибони классики тоҷик чун сарчашмаи адабӣ низ хидмат кардааст.

4. Аз омӯзиши нусхаҳои хаттии фарҳанг чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки фарҳанги мазкур аз фараҳангҳое, ки дар асрҳои миёна ва ҳатто то асри XX маъмулу интишорёфта маҳсуб мешавад. Дар манотиқи гуногуни Осиё аз ҷониби котибону нусхабардорон ба таври васеъ китобат шудааст ва он нусхаҳо аз ҳамдигар тафовут ҳам дорад. Чи тавре ки таъкид гардид муаллиф фарҳангашро борҳо таҳриру такмил намудааст ва «Маҷмаъ-ул-фурс» дар шаклҳои гуноногун, баъзан ҳамроҳ бо дигар фарҳангҳо, гоҳо бешоҳид ва гоҳо беистиорот нусхабардордорӣ карда шудаанд. Аз рӯйи ин нусах то имрӯз нашрҳои интиқодӣ аз ҷониби муҳаққиқон Константин Аюнов Чайкин, Саид Нафисӣ ба риштаи таҳрир кашида шудааст. Аммо нашри нисбатан мукаммалу интиқодии он бо эҳтимоми Дабирсиёқӣ рӯйи кор омадааст. Аммо Дабирсиёқӣ танҳо аз 3 нусхаи хаттӣ истифода бурда ва аз таҳрири чоруми фарҳанг бехабар буд. Имрӯз дар китобхонаҳои ҷаҳон ҳифз шудани зиёда аз 50 нусхаи хаттии фарҳанг ва аз тарафи муҳаққиқон дарёфт шудани таҳрири чоруми фарҳанг далолат аз он медиҳад, ки дар оянда таҳияи нашри интиқодии нави фарҳанг имкон дорад.

## БОБИ 2. ВИЖАГИҲОИ ФАРҲАНГИ «МАҶМАЪ-УЛ-ФУРС»

### II.1. Сарчашмаҳои таълифи фарҳанг ва таснифи он

Сурурӣ дар таълифи «Маҷмъ-ул-фурс» аз сарчашмаҳои муътабар баҳрабардорӣ намудааст. Дар дебочаи фарҳанг муаллиф 16 китобро ҳамчун маъхази фарҳанг зикр менамояд, ки инҳоянд:

1. «Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ» (асри X);
2. «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (асри XI);
3. «Тарҷумаи Сайдана»-и Абӯрайҳони Берунӣ (асри XI);
4. «Шарҳи ас-Сомӣ фӣ-с-соми-л-Майдонӣ» – шарҳи луғати дузабонаи «ас-Сомӣ фӣ-с-сомӣ»-и Аҳмад ибни Муҳаммад Абулфазли Майдонӣ (асри XII);
5. «Меъёри ҷамолӣ»-и Шамси Фахрӣ (асри XIV);
6. «Лисон-уш-шуаро»-и маҷҳулулмуаллиф (асри XIV);
7. «Ҷомеъ-ул-луғот»-и манзуми Ниёзии Ҳиҷозии Бухороӣ (асри XIV);
8. «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ (асри XIV);
9. Фарҳанги «Зуфонгӯё ва ҷаҳонпӯё»-и таснифи Бадриддин (асри XIV);
10. «Адот-ул-фузало» таснифи Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ (асри XV) ;
11. «Шарафномаи Аҳмади Манярӣ» таълифи Иброҳим Қавоми Форуқӣ (асри XV);
12. «Фарҳанги Ҳусайн Вафоӣ»-и Ҳусайн Вафоӣ (асри XVI);
13. «Рисолаи Мирзо»-и Иброҳим ибни Мирзошоҳ Ҳусайни Исфаҳонӣ (асри XVI);
14. «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ (асри XVI);
15. «Муайид-ул-фузало» таълифи Муҳаммад Лод (асри XVI);
16. «Луғати Ҳалимӣ» таълифи Лутфуллоҳ ибни Юсуфи Ҳалимӣ (асри XVI);

Дар таҳрири дуюм бошад, Сурурӣ аз фарҳангҳои муосиронаш баҳрабардорӣ менамояд ва дар дебочаи таҳрири сонӣ аз бартарии таҳрири фарҳангаш зикр менамояд: «...дар санаи 1028 муаллифи ин нусха, аънӣ хӯшачини хирмани маъонӣ Сурурии Кошонӣ, шарафи мутолиаи фарҳанги Шоҳ Ҷамолиддин Ҳусайни Инҷу, ки дар ин сол аз Ҳинд овардаанд, мушарраф шуд ва ин нусхаро билҳақ баъзе аз луғат ва фавоид аз ғайра гардонид ва фарҳанги мутлақ ҳар ҷо мазкур мешавад, китобе аз он аст. Ва китоби «Шомил-ул-луғат» таълифи Қароҳисорӣ, ки маъонии луғатро ба туркӣ навишта ва ба фарҳанги «Туҳфат-ус-саодат» таълифи Муҳаммад низ дар ин сол ба назар расид ва чун ин таълиф ба мавриди айём мусаҳҳеҳ гардид, бинобар ин, нусхае, ки дар ин айём тамом мешавад, эътибораш бештар аст» [116,3].

Ҳангоми шарҳу тавзеҳи моддаҳои луғавӣ Сурурӣ сарчашмаи онро низ зикр кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқи фарҳанг аён гардид, ки муаллиф ба ғайр аз 16 сарчашмаи дар дебочаи китоб зикршуда, ҳамчунин аз маъхазҳои зерин истифода бурдааст:

1. «Китоб-ут-тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ (асри XI);
2. «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Алӣ ибни Усмони Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ (асри XI);
3. «Мафотеҳ-ул-улум»-и Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Котиби Хоразмӣ (асри Х1);
4. «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Ҳамидуддини Балхӣ (асри XII);
5. «Ҷавоҳирнома»-и Мир Садриддин Муҳаммади Шерозӣ (асри XII);
6. «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ (асри XIII);
7. «Аҷоиб-ул-булдон»-и Закариё ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Қазвинӣ (асри XIII);
8. «Фарҳанги Фахри Қаввос»-и Фахриддин Муборакшоҳи Ғазнавӣ (асри XIII);
9. «Шомил-ул-луғот»-и Қароҳисорӣ (асри XIV);
10. «Маҷмаъ-ул-ансоб»-и Муҳаммад Алӣ Ҳусайн ибни Муҳаммади Шабонкораӣ (асри XIV);

11. «Таърихи Вассоф»-и Шаҳобиддини Абдуллоҳи Шерозӣ (асри XIV);
12. «Шарҳи Қонун»-и Мавлоно Қутбиддини Аллома (XIV);
13. «Ғароиб-уд-дунё»-и Шайх Озарӣ (XIV);
14. «Туҳфат-ус-саодат»-и Маҳмуд ибни Шайх Зиёуддин Муҳаммад (асри XV);
15. Фарҳанги «Рисолат-ун-насир» (асри XV)
16. «Канз-ул-луғот»-и Муҳаммад ибни Абдухолиқ (асри XV);
17. «Кашф-ул-луғот ва-л-истилоҳот» таълифи Аҳмад Сурии Биҳорӣ (асри XVI);
18. «Ихтиёроти бадеӣ»-и Алӣ ибни Ҳусайни Ансор (таърихи таълиф номаълум);
19. «Қомус»- фарҳанги арабӣ (таърихи таълиф номаълум);
20. «Ҷоми ҷаҳоннамо»-и Амир Ғиёсиддини Мансур (таърихи таълиф номаълум);
21. «Маҷолис-ул-муъминин»-и Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ (асри XVII);
22. Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Мир Ҷамолуддин Ҳусейни Инҷуи Шерозӣ (асри XVII).

Ҳамаи ин сарчашмаҳоро ба 3 гурӯҳ қисмат карда, дар бораи онҳо маълумоти мухтасар иброз намуда, мавриди истифодаи онҳо дар фарҳанг муайян карда шуд:

### II.1.1. Фарҳангҳо

1. **Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ.** Ин фарҳанг то замони мо нарасидааст. В.А. Капранов қайд менамояд, ки «Азбаски дар фарҳангҳои «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ ва «Фарҳанги Рашидӣ» аз «Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ» чанд иқтибос овардаанд, гумон меравад, ки он то асри 17 ба фарҳангнависон дастрас будааст [97,35;24,25]. Саид Нафисӣ низ дар ин маврид қайд менамояд: «То авоийили қарни ёздаҳум китобе дар луғати форсӣ ба дасти фарҳангнависони Эрон ва Ҳиндустон будааст, ки пайдост китоби кӯчаке буда. Ва фарҳангнависон номи онро «Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ» ё «Фарҳанги Абуҳафси Суғдӣ» овардаанд. Ҷамолуддин Ҳусайн ибни

Фахруддини Ҳасани Инҷу дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», ки зилқаъдаи 1005 аз таълифи он фориғ омада ва беш аз ӯ Муҳаммадқосим ибни Ҳоҷимуҳаммади Сурурии Кошонӣ дар «Фарҳанги Сурурӣ», ки дар 1008 таълиф карда ва дар «Маҷмаъ-ул-фурс», ки дар 1028 ба поён расонидааст, аз ин китоб матолибе гирифтаанд» [126,ҷ.3,370]. Аз тарафи Сурурӣ бевосита истифода шудани ин фарҳанг ҳақиқат аст, зеро Сурурӣ дар дебочаи фарҳангаш дар силки 16 сарчашма «Фарҳанги Абӯҳафси Суғдӣ»-ро низ зикр менамояд [116,2].

Дар фарҳанг чандин луғот аз «Фарҳанги Абуҳафси Суғдӣ» иқтибос шуда, ишораҳои махсусе ба он луғат шудааст. Дар тавзеҳи вожаҳои *«охаш»* [116,49], *«астим»* [116,68], *«баштар»* [116,135], *«деранд»* [116,510], *«саморӯғ»* [116,760], *«сатим»* [116,774] истифода шудааст. Чунончи:

*Деранд* - (ба касри «дол»-у фатҳи «рой»-и муҳмала) даҳру замонро гӯянд. Мисолаш Устод Рӯдакӣ фармояд:

*Ёфтӣ чунки мол ғарра машав,*

*Чун ту бас диду бинад ин деранд.*

Ва Абуҳафси Суғдӣ «деранд»-ро ба маънии таъвиз оварда ва бо ин байти Рӯдакӣ мустамсак шуда:

*Аё сарви ман дар таку пӯйи онам,*

*Ки дерандосо бипечам ба ту бар* [116,511].

*Саморуғ* - дар «Нусхаи Вафоӣ» гиёҳе бошад, ки аз ҷоҳои намнок рӯяд... аммо дар «Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ» ба маънии хоки шӯра омада ва бо ин байти Унсурӣ мустамсак шуда:

*Куҷо ман чашм дорам бар сахоят,*

*Гулу лола нарӯяд аз саморуғ* [116,760].

Ҳамин тавр, дар ташреҳи якчанд луғати куҳани форсӣ-тоҷикӣ ба «Фарҳанги Абуҳафси Суғдӣ» ишора шудааст.

2. **«Луғати фурс»-**и Абулмансур Алӣ ибни Мансури Асадии Тӯсӣ. Аз луғатҳои қадимтарин ва машҳуртарин, ки то замони мо омада расидааст. Муаллифаш яке аз шоирони машҳури асри XI, соҳиби «Гаршоспнома» ва «Панҷ мунозира» Асадии Тӯсӣ аст, ки луғати худро тақрибан дар охирҳои

солҳои 60-уми асри XI таълиф намудааст. Аз рӯйи нусхаҳои хаттие, ки аз ҳамдигар хеле фарқ доранд, се бор дар Эрон чоп шудааст (Чопи П.Ҳорн, Берлин, 1887; Аббос Иқбол, Теҳрон, 1940; чопи Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, 1957) ва дар Тоҷикистон низ бо муқаддима, таҳия, таълиқот, ҳошия, луғот ва феҳрасти Нурулло Ғиёсов соли 2015 ба табъ расидааст [135]. Ин луғатро соҳибони «Меъёри Ҷамолӣ», «Адот-ул-фузало», «Туҳфат-ул-аҳбоб», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва дигарон истифода кардаанд. Таъсири ин луғат, хусусан ба «Меъёри ҷамолӣ» ва «Туҳфат-ул-аҳбоб» бузург аст.

Сурурӣ аз ин фарҳанг дар мавриди шарҳи калимаҳои *«артанг»* [116,62], *«боло»* [116,116], *«сатир»* [116,736] ва ғ. баҳрабардорӣ намудааст, чунончи:

*Боло* - дар нусхаи Асадӣ асби ҷанибат бошад [116,116].

*Сатир* - (ба фатҳи «син» ва касри «то»-и қарашат) дар нусхаи Вафоӣ чиҳилу яке бошад аз як ман. Аммо дар «Туҳфат» ва «Нусхаи Мирзо» ва «Нусхаи Ҳаким Асадӣ» ба маънии шаш дираму ним омада. Ҳаким Фирдавсӣ фармояд:

Байт:

*Хаданге, ки пайкони ӯ даҳ сатир,*
*Зи тиркаш баровард гурди далер* [116,736].

3. **«Ас-Сомӣ фӣ-с-сомӣ»**-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иброҳим Майдонии Нишопурӣ, фарҳанги арабӣ ба форсист. Муаллиф фарҳанги мазкурро ба Алӣ ибни Масъуд Исмоил пешкаш менамояд. Соли вафоташ 518 ҳ./ 1124 м. Муаллиф вожаҳоро на аз рӯйи ҳуруф, балки аз рӯйи маъно ба чаҳор бахш тақсим кардааст. Пайравони Сомӣ бисёр буданд ва яке аз онҳо баробари бартараф намудани мушкилӣ ва душвориҳои фарҳанг китобе ба номи «Алобона» таълиф намудааст [109, 273].

Сурурӣ аз ҳамин нусхаи маҷҳулулмуаллифи «Шарҳи Сомӣ» истифода бурдааст ва дар дебоча низ ба ин ишорат карда мегӯяд, ки муаллифашро намедонад ва ба номи «Алобона» омадааст [116,5].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» бо номи «Шарҳи Сомӣ» якчанд иқтибоси арабӣ оварда шудааст. Дар шарҳи воҳидҳои луғавии *«уст»* [116,17], *«озоддарахт»* [116,19], *«аҳнуз»* [116,30], *«аскудор»* [116,37], *«испурз»* [116,45], *«барғоб»* [116,119], *«баҷ»* [116,123], *«боғуҷ»* [116,124], *«бурд»* [116,127], *«парокӯҳ»* [116,259] *«зафт»* [116,653], *«зимунҷ»* [116,655], *«зоҷ»* [116,655] ва ғ. аз ин фарҳанг баҳрабардорӣ менамояд. Чунончи:

*Зодхӯст* - пири солхӯрда бошад. Аммо дар «Сомӣ» ба маънии шахсе бошад, ки чизи кам хӯрад ва аз кам хӯрдан заифу наҳиф шуда бошад [116,654].

4. **«Фарҳанги Қаввос»** таълифи Фахриддин Муборакшоҳ Қаввоси Ғазнавӣ. Ин фарҳанг дар байни солҳои 1290-1310 таълиф гардидааст [127].

Сурурӣ дар тафсири вожаи «Оғарда» боре аз ин фарҳанг ёд мекунад. [116,107]

5. **«Сиҳоҳ-ул-фурс»**-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Муншӣ, ки ба номи Хоҷа Ғиёсуддини Рашид тасниф кардааст. Муаллифаш Шамсиддин Муҳаммад ибни Фахриддин Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, соли таълифаш 728 ҳ./ 1327-1328 м., дар Табрез [110].

Сурурӣ аз ин фарҳанг дар тавзеҳи калимоти «ос» [116,47], *«он»* [116,81], *«ошом»* [116,69], *«дарӣ»* [32,588] ва ғ. истифода намудааст. Чунончи:

*Дарӣ* - забони форсӣ аст ва Муҳаммад Ҳиндушоҳ гӯяд, ки ба воситаи он ин забонро дарӣ гӯянд, ки дар замони Баҳман ибни Исфандиёр чун мардум аз атрофи олам ба даргоҳи ӯ меомаданд ва забони якдигарро намедонистанд, подшоҳ фармуд то донишмандон забони форсӣ вазъ карданд ва онро «дарӣ» ном карданд, яъне забоне, ки бар даргоҳи подшоҳ ба он такаллум кунанд ва ҳукм кард, то ҷамъе мамолик бо он забон такаллум кунанд... [116,588]

6. Фарҳанги «**Меъёри Ҷамолӣ». **Номи пуррааш «Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқӣ» ва номҳои дигараш «Фарҳанги Шамси Фахрӣ», «Луғати фурс», «Луғати фурси қадим». Аз сабаби ба ҳокими Форс Ҷамолиддини Абӯисҳоқи Инҷу бахшида шуданаш «Меъёри Ҷамолӣ» ном

дода шудааст. Муаллифаш Шамсиддин Муҳаммад Фахрии Исфаҳонӣ аст, ки соли 745 ҳ./ 1344 м. дар Луристон фарҳанги худро таълиф менамояд [107].

Сурурӣ нисбат ба дигар фарҳангҳо аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Меъёри Ҷамолӣ» бештар истифода намудааст. Дар шарҳи калимоти *«абисто»* [116,9], *«уст»* [116,17], *«анисон»* [116,76], *«бархӯр»* [116,135] ва ғ. Чунончи:

*Омарғ* - (ба мадди «алиф» ва фатҳи «мим») андаке аз чизе бошад. Мисолаш Ҳаким Кисоӣ гӯяд:

*Аз умр намондаст бар ман магар омарғ*

*В-аз киса намондаст бар ман магар охол.*

Ва дар «Туҳфат» ва «Меъёри Ҷамолӣ» бо ин маънӣ омада ва қавли Кисоӣ муайиди эшон аст ва Шамси Фахрӣ низ фармояд:

*Сели ситами ҳодиса бунёди маро канд*

*В-аз мояи уммед намондаст ҷуз омарғ* [117,51].

7. Фарҳанги **«Ҷомеъ-ул-луғот»-**и манзуми Ниёзии Ҳиҷозӣ. То замони мо маҳфуз монданаш маълум нест [118,22]. Дар «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ дар қатори дигар сарчашмаҳо зикр ёфтааст. «Ҷомеъ-ул-луғот»-и манзуми Ниёзии Ҳиҷозӣ ва дар баъзе нусха ба ҷои «Ҳиҷозӣ» «Бухорӣ» ба назар мерасад.

Соҳиби «Маҷмаъ-ул-фурс» аз ин фарҳанг дар тавзеҳи вожаҳои *«икдиш»* [116,50], *«астина»* [32,107], *«бадогор»* [116,142], *«полҳанг»* [116,242], *«дастхуш»* [116,532], *«дастбона»* [116,582], *«заҳв»* [116,687] ва ғайраҳо баҳрабардорӣ намудааст. Чунончи:

*Икдиш* - (ба касри «ҳамза» ва «дол») дутухм аз турку ҳинд. Мисолаш Шайх Низомӣ гӯяд:

*Низомӣ икдиши хилватнишин аст,*

*Ки ниме сирка, ниме ангубин аст.*

Ва дар нусхаи Ниёзӣ ба маънии асбе бошад, ки як тарафаш тозӣ ва тарафе дигар ҳиндӣ бошад...[116,50]

8. Фарҳанги **«Зуфонгӯё ва ҷаҳонпӯё»** машҳур ба «Ҳафтбахшӣ» тасніфи Бадриддини Иброҳим. Номи дигараш «Нусхаи Зуфонгӯё». Ин фарҳанг бештар аз 4 ҳазор воҳиди луғавиро фаро гирифтааст. То солҳои 60-уми асри XX ин луғат дар қатори луғатҳое, ки то ба замони мо нарасидаанд, дохил мешуд. Соли 1964 ба И.Баевский муяссар шудааст, ки аз байни асарҳои фонди дастхатҳои Институти халқҳои Осиё нусхаи ягонаи ин асарро пайдо намояд. Ин нусхаи ягонаи луғат дар Осиёи Миёна дар асри XVII аз тарафи Араб ном муншии Насаф китобат карда шудааст [56,59].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» дар ташреҳи воҳидҳои луғавии *«иқлимиё»* [116,13], *«бихафаз»* [116,131], *«подгона»* [116,274], *«тавахш»* [116,301], *«серсор»* [116,745] ва ғ. истифода кардааст. Чунончи:

*Баҳор* - маъруф...ва дар «Зуфонгӯё» «баҳор» ба тозӣ гулест, ки онро ба форсӣ «говчашм» гӯянд...[116,137]

9. **«Лисон-уш-шуаро»** - яке аз қадимтарин фарҳангҳои форсӣ аст, ки дар давраи Султон Фирӯзшоҳ (756 ҳ./ 1355 м.-790 ҳ./ 1389 м.) подшоҳи Ҳинд тасниф карда шудааст. Дар Ҳиндустон баъди луғатҳои «Фарҳанги Қаввос», «Сиҳоҳ-ал-фурс» ва «Меъёри Ҷамолӣ» қадимтарин луғат маҳсуб меёбад. То ба замони мо расидааст. Дар бораи муаллифи «Лисон-уш-шуаро» ҳеҷ иттилое дар даст нест, фақат ин қадар маълум аст, ки ӯ шоире бо тахаллуси Ошиқ будааст. «Лисон-уш-шуаро» ба номи Султон Фирӯзшоҳ нигошта шуда ва чунин бармеояд, ки нависанда ба дарбори он султон вобаста будааст [76,27].

Сурурӣ дар мавриди тавзеҳи калимоти *«устухонранг»* [116,58], *«иштим»* [116,69], *«бархӯр»* [116,135], *«баҳор»* [116,137], *«торанг»* [116,311] аз ин луғат истифода намудааст. Чунончи:

*Иштим* – (ба «шин»-и муъҷама) ба маънии риме аст, ки дар ҷароҳат монда бошад... ва дар «Лисон-уш-шуаро» риме бошад, ки аз ҷароҳат равад [116,69].

10. **«Канз-ул-луғот»**-и Муҳаммад ибни Абдухолиқ ибни Маъруф, фарҳанги арабӣ ба форсист. Муаллиф ин фарҳангро дар нимаи дуюми асри

XV ба низом даровардааст. Фарҳанги мазкур ҳамчун сарчашмаи луғатҳои «Баҳори Аҷам», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Мунтахаб-ул-луғот» маҳсуб меёбад [116,15].

Сурурӣ дар тафсири калимаи «тироз» чунин овардааст:

*Тироз* - ...ва дар «Канз-ул-луғот» ба маънии гурӯҳе аз одамиён ва илми ҷома омада, пас ба маънии ҷое, ки дар он ҷомаҳои фохир бофанд. Ва илми ҷома ва гурӯҳе аз одамиён арабӣ бошад ва боқӣ ғайриарабӣ [116,913].

11. **«Туҳфат-ус-саодат»** фарҳанги тафсирии форсӣ-тоҷикист, ки Маҳмуд ибни Шайх Зиёуддин Муҳаммад соли 1511 таълиф намудааст. Дар муқаддима ба султон Сикандари Лудӣ (солҳои ҳукм. 1489—1517) қасидае бахшида шудааст. Аз ин рӯ, баъзан бо номи «Туҳфат-ус-саодати Сикандарӣ» низ ёд шудааст. «Туҳфат-ус-саодат» аз 32 боб ва ҳар бобаш аз ду фасл (муфрадот ва мураккабот) иборат аст. Миқдори моддаҳои луғавии «Туҳфат-ус-саодат» аз 14 ҳазор калима зиёд аст [90,17,19].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ аз ин фарҳанг дар ташреҳи калимаҳои *«аздаб»* [116,15], *«авранд»* [116,29], *«охура»* [116,109], *«барӯманд»* [116,127], *«банд»* [116,128], *«бӯйафзор»* [116,142], *«барвор»* [116,142], *«хаврақ»* [116,447] ва ғайра баҳрабардорӣ карда шудааст. Чунончи:

*Бӯйафзор* - адвия, ки ба ҷиҳати матиб сохтани таом дар он кунанд ва «бӯйзор» низ гӯянд ва миҷмарро низ гӯянд, яъне удсӯз, казо фӣ-«Туҳфат-ус-саодат». Мисоли аввал Шайх Низомӣ гӯяд:

*Китоби тару бӯйафзори хушк,*
*Абоҳое парварда бо бӯйи мушк* [116,142].

12. **«Адот-ул-фузало»**-и Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ.

Фарҳанг соли 1419 дар Ҳиндустон танзим ёфтааст. Луғат аз ду қисм иборат буда, дар қисми аввал калимаҳои ҷудогона аз рӯйи ҳарфи аввал ва дуюм ба тартиби алифбо шарҳу тавзеҳ ёфта, дар қисми дуюм таркиб ва навораҳои рехта аз рӯйи ҳарфи аввал ва охир чида шуда, тафсир карда шудааст [44,59].

Соҳиби «Мачмаъ-ул-фурс» дар ташреҳи вожаҳои *«оҳинҷ»* [116,22], *«авбор»* [116,39], *«аштак»* [116,53], *«бикёсо»* [116,118], *«бодпеч»* [116,125], *«пӯз»* [116,231], *«ҷӯх»* [116,347], «*чиғал»* [116,394], *«хафида»* [116,476], *«дӯсанда»* [116,522], *«зимунҷ»* [116,655], *«сиринҷ»* [116,721], *«шабҳар»* [116,851] ва ғайра аз «Адот-ул-фузало» баҳрабардорӣ намуда, чунончи:

*Зич* - (ба касри «зо») ва «ҷим»-и тозӣ низ омада, яъне сухраву лоғу роҳи нафас ва он китоб, ки аз он тақвим истихроҷ кунанд, казо фӣ-л-«Адот». Мисоли маънии аввал Ҳаким Сӯзанӣ фармояд:

*Байте ду-се санои ту хоҳам ба назм кард*

*В-он гаҳ фурӯ равам ба раҳи* ***зичу*** *масхара* [116,657].

13. **«Шарафномаи Аҳмади Манярӣ»** таълифи Иброҳим Қаввоми Форуқӣ. Бо номҳои «Фарҳанги Иброҳимӣ», «Фарҳанги Иброҳимшоҳӣ», «Шарафномаи Иброҳимӣ» ва «Шарафнома» низ дучор мешавад. Муаллифаш Иброҳим Қавомиддини Форуқӣ фарҳангро соли 873 ҳ./ 1473-1474 м. дар Ҳиндустон ба анҷом расонидааст [148].

Сурурӣ дар фарҳангаш ин сарчашмаро бо номи «Шарафнома» дар тасрифи калимаҳои *«устур»* [116,35], *«имар»* [116,39], *«абр»* [116,42], *«баҷаст»* [116,120], *«бодбар»* [116,143], *«парешидан»* [116,252*], «тавтаг»* [116,311], *«хоркор»* [116,438], *«девбанд»* [116,512], *«Рашнавод»* [116,605], *«Зарир»* [116,664], *«саток»* [116,762], *«шаранг»* [116,870] ва ғайра зикр намудааст, чунончи:

*Сӯнах* - (баъд аз «вов» «нун», ба вазни дӯзах) номи шаҳрест дар «Шарафнома» (ва ба ҷойи «нун» «йо» низ ба назар расида). Сӯзанӣ гӯяд:

*Дили рамида ғазалро ба мақтаъ овардам*

*Ба мадҳи соҳиби садри раёсати* ***Сӯнах.*** [116,725]

14. Фарҳанги **«Тухфат-ул-аҳбоб»-**и Ҳофизи Ӯбаҳӣ. Ин фарҳанг дар бораи лексикаи қадимаи забони тоҷикӣ баҳс мекунад ва дар нимаи аввали асри XVI навишта шудааст. Номҳои дигараш «Тухфаи хонӣ», «Китоби луғати фурс», «Ҳалли луғоти порсӣ», «Луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ». Муаллифаш Ҳофиз Султон Алии Ӯбаҳӣ, ки таҳрири охирини луғатро соли 936 ҳ./ 1530 м.

дар Осиёи Миёна ба анҷом расонидааст. Дар фарҳанги «Тухфат-ул-аҳбоб» зиёда аз 2600 калимаи форсии тоҷикӣ, баъзан бо шоҳид, баъзан бемисол, шарҳ дода шудааст [136].

Ин луғатро дар қатори дигар сарчашмаҳо соҳиби «Маҷмаъ-ул-фурс» дар шарҳи калимаҳои *«абисто»* [116,9], *«инафт»* [116,18], *«акхиҷ»* [116,22], *«анҷӯх»* [116,25], *«бархӯр»* [116,136], *«барбор»* [116,137], *«бир»* [116,138], *«тарзада»* [116,326], *«ҷам»* [116,358], *«чаргар»* [116,377], *«чашмпаном»* [116,396], «*хадук»* [116,451] ва ғайра ба кор бурдааст, чунончи:

*Боди фавардин* - (ба фатҳи «фо»-ю «вов» ва сукуни «ро»-и муҳмала ва касри «дол») боди дабур казо фӣ-«Тухфат». Мисолаш Устод Рӯдакӣ фармояд:

*Гетӣ-т чунин ояду гарданда бад-ин сон,*

*Ҳам боди барин ояду ҳам боди фавардин* [116,180].

15. «**Фарҳанги Мирзо»**-и Мирзо Иброҳим ибни Мирзо Шоҳ Ҳусайни Исфаҳонӣ. Номҳои дигараш «Нусхаи Мирзо», «Рисолаи Мирзо». Муаллифаш дар замони шоҳ Таҳмосп (1524-1576) зиндагӣ карда, ин луғатро соли 986 ҳ./ 1578-1579 м. таълиф кардааст. Луғат асосан калимоту ибороти тоҷикӣ ва қисман арабӣ ва туркии ба забони тоҷикӣ дохилшударо фаро гирифтааст [90,29].

Дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» дар мавридҳои зерин аз «Фарҳанги Мирзо» истифода шудааст: *«ангуз»* [116,12], *«ашканиш»* [116,23], *«эзун»* [116,43], *«бишанҷ»* [116,125], *«баланҷ»* [116,125], *«балодар»* [116,142], *«пурза»* [116,272], *«тамохра»* [116,331], *«чарғанд»* [116,375], *«данг»* [116,560], *«рист»* [116,599], *«жард»* [116,700], *«ситанба»* [116,801], *«самандар»* [116,740], «*шора»* [116,889] ва ғ. Чунончи:

*Баланҷ* - (ба фатҳи *«бо»*-ю *«лом»* сукуни *«нун»*) андозаю қадри чизе бошад дар «Нусхаи Мирзо» [116,740].

16. **«Фарҳанги Вафоӣ»**-и Ҳусайн Вафоӣ. Замони таълиф асри XVI. Фарҳанг аз 25 боб, 451 фасл ва 2425 луғат иборат буда, бобҳо аз рӯйи ҳарфи аввал мураттаб гаштаанд. Миқдори калимаҳои ҳар як боб ва фасл нишон

дода мешавад. Масалан, «боб-ул-алиф» 21 фасл аст ва 93 луғат, фасли ҳарфи «ҳамза» 14 луғат аст ва ғайра [104].

Аз фарҳанги мазкур соҳиби «Маҷмаъ-ул-фурс» дар мавридҳои зерин, яъне шарҳи луғатҳои *«оғор»* [116,35], *«артанг»* [116, 62], *«барғаст»* [116,122], *«бағтоқ»* [116,157], *«пӯк»* [116,239], *«таркун»* [116,316], *«ҷангалук»* [116,355], *«зовар»* [116,668], *«сатованд»* [116,725], *саморӯғ* [116,760], *«шаболанг»* [116,869] ва ғайра баҳрабардорӣ кардааст, чунончи:

*Шаболанг* - (ба фатҳи «шин»-у «лом» ва баъд аз «шин» «бо»-и муваҳҳада) дар «Нусхаи Вафоӣ» нахҷир бошад [116,869].

17. Фарҳанги **«Муайид-ул-фузало»** таснифи Муҳаммади Лод буда, соли 1519 таълиф ёфтааст. Нусхаи дастнависи он дар фонди дастхатҳои Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон таҳти рақами №1046 нигаҳдорӣ мешавад, ки соли 1305 ҳ./ 1888 м. нусхабардорӣ карда шудааст. Луғат аз рӯйи ҳарфи аввал ва охири калимаҳо сохта шудааст. Дар охири фарҳанг тавзеҳоти муфиде оид ба улуми забон ва риёзиёт сабт карда шудааст. Фарҳанги мазкур соли 1899 дар Конпур ва соли 1885 дар Лакҳнав ба чоп расида, се нусхаи хатии он дар китобхонаи Институти халқҳои Осиёи АИ Русия таҳти рақамҳои С 1800, С 310-2, С (1244-42) (464) нигоҳдорӣ мешавад [90,19].

Соҳиби «Фарҳанги Сурурӣ» дар тафсири воҳидҳои луғавии *«оғаниш»* [116,50], *«балуч»* [116,125], *«балодар»* [116,142], *«пашланг»* [116,241], *«тарок»* [116,309], *«чилчилиҳ»* [116,407], *«хӯса»* [116,477], *«зерафзор»* [116,665], *«Самарканд»* [116,729] ва ғайраҳо аз «Муайид-ул-фузало» ёд мекунад. Чунончи:

*Пиёда* - маъруф...ва низ номи гулест, казо фӣ-л-«Муайид». Мисоли ин маънӣ Амир Хусрав фармояд:

Байт:

*Ҷое, ки ба раҳ кунанд гулгашт,*
*Дар кӯча дамад гули пиёда* [116,276].

18. **«Луғати Ҳалимӣ»** соли 1511 ба риштаи таҳрир даромадааст. Ин асар фарҳанги дузабонаи форсӣ ба туркӣ аст. Муаллиф дар ин фарҳанг аз ду ҳазору дусад байти форсӣ баҳра бурдааст. Нависанда ибтидо луғатро ба форсӣ сабт карда, тавзеҳоти вожаро ба туркӣ оварда, сипас якояк чанд байти форсӣ барои шоҳид баён мекунад. Аз ашъори шоироне чун Асадӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Анварӣ, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Шамси Фахрӣ ва Низомӣ фаровон истифода намудааст.Сурурӣ дар шарҳи вожаҳои *«оғор»* [116,35], *«огур»* [116,41], *«андул»* [116,65], *«барғоб»* [116,119], *«билода»* [116,195], *«пила»* [116,270], *«тала»* [116,335], *«чурк»* [116,387], *«харанбор»* [116,431], *«дукреса»* [116,583], *«сарпоён»* [116,782] ва ғайраҳо истифода намудааст. Чунончи:

*Замухг* - (ба фатҳи «зо» ва замми «мим» ва сукуни «хо»-и муъҷама) бағоят бахил ва мумсикро гӯянд ва дар «Нусхаи Ҳалимӣ» ба маънии нокас омада...[116,676]

19. «**Кашф-ул-луғот ва-л-истилоҳот**» таълифи Аҳмад Сурӣ Биҳорӣ, соли таълифаш 1544. Фарҳанг истилоҳоти сӯфияро шарҳу тавзеҳ додааст. Луғати мазкур муқаддима ва 28 бобро фаро мегирад. Фарҳанги мазкур соли 1840 дар Калкутта ва соли 1900 дар Лакҳнав ба чоп расидааст [44,46].

Сурурӣ дар ташреҳи вожаи «боданҷир» чунин мегӯяд:

*Боданҷир* - дар «Кашф-ул-луғот» номи дарахтест маъруф, ки «беданҷир» низ гӯянд ва маънии таркибии он бодшикан бошад, чи «анҷир» ба маънии шикананда ва сӯрохкунанда бошад [116,137].

20. **«Қомус»**. Дар таърихи фарҳангнигории араб якчанд луғатҳо бо унвони «Қомус» таълиф гардидаанд. Сурурӣ аз кадоми он истифода бурдааст, муайян нест. Дар ду маврид ба «Қомус» ишора кардааст. Яке дар тавзеҳи луғати «пешпора» ва дигаре дар шарҳи калимаи «тироз». Чунончи:

*Пешпора* - (ба касри «бо» ва сукуни «йо»-и ҳуттӣ ва «шин»-и муъҷама ва фатҳи «ро»-и муҳмала) ҳалвое бошад тангу нарм мураккаб аз орду равған ва душоб ва онро ба арабӣ шуфориҷ гӯянд... аммо дар «Қомус» оварда, ки «аш-шуфориҷ каъа-ла-бат ат-табақу фиҳи-л-фиҳот ва-с-суккаруҷат муарраб

пешпора», маънии иборат ин аст, ки шуфориҷ табақе аст, ки хушбӯйиҳо ва танқулот бар он гузошта ба маҷлис оранд [116,259].

21. **«Ихтиёроти бадеӣ»-**и Алӣ ибни Ҳусайни Ансор машҳур ба Ҳоҷӣ Зайн-ул-Аттор, ки аз ду мақолот иборат буда, дар аввал адвияи муфрадот ва дар дуюм мураккаботро дар бар мегирад ва аз рӯйи ҳарфи якум ва дуюми вожаҳо тартиб ёфтааст. Ин луғат асосан калимаҳоеро, ки номи гиёҳҳо, амрозу давоҳоро ифода мекунанд, шарҳу эзоҳ додааст.

Соҳиби «Маҷмаъ-ул-фурс» дар мавриди тафсири калимаҳои *«озод»* [116,33], *«анҷида»* [116,99], *«басла»* [116,200], *«панҷнагашт»* [116,214], *«тӯрак»* [116,309], *«хилоли момунӣ»* [32,499] ва ғайраҳо аз ин фарҳанг суд бардоштааст. Чунончи:

*Басла* - (ба «син»-у «лом» ба вазни «баста») донаест монанди мош, ки дар миёни боқила бошад ва дар ҳаволии Луристон монанди адасу боқила пазанду хӯранд ва ба арабӣ «ҳуллар» хонанд (ба замми «хо»-и муъҷама ва фатҳи «лом»-и мушаддад ва охираш «ро»-и муҳмала) казо фӣ-л-«Ихтиёрот» [116,200].

22. **Фарҳанги «Рисолат-ун-насир»** то ба замони мо нарасидааст. Ба андешаи Ҳ.Рауфов соли таълифаш то соли 1419 буда, сарчашмаи фарҳангҳои «Адот-ул-фузало», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» низ маҳсуб меёбад [76,26].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ҳангоми тавзеҳи воҳиди луғавии «дажхим» чунин баён шудааст:

*Дажхим* - (ба фатҳи «дол»-у сукуни «зо»-и форсӣ ва касри «хо») бадхӯ ва бадтабъро гӯянд... ва дар «Рисолат-ун-насир» ба маънии бахил ва тангҳол мастур аст [116,548].

23. **«Шомил-ул-луғот»** таълифи Қараҳисорӣ. Сурурӣ дар дебочаи фарҳанг аз ин луғат дар таҳрири дуюм истифода бурданшро таъкид менамояд, аммо дар тафсири ягон вожа ба ин фарҳанг ишорат накардааст.

24. **«Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»**-ро Изудуддавла Мир Ҷамолиддин Ҳусайн ибни Фахриддин Ҳасани Инҷуи Шерозӣ соли 1017 ҳ./ 1608 м. таълиф

намудааст. Ӯ дар давраи ҳукмронии ду намояндаи Темуриёни Ҳинд – Акбар (1556-1606) ва писари ӯ Ҷаҳонгир (1605-1627) зиндагӣ кардааст.

Барои таълифи фарҳанги Ҷамолиддини Инҷу худи Акбаршоҳ мароқи зиёд зоҳир менамудааст. Ҳатто «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ, ки дар Эрон дар он замон таълиф ёфта буд, дар як муддати кӯтоҳ бо фармони Акбаршоҳ ба ихтиёри Ҷамолиддини Ҳусайн оваронида шуда будааст. Ниҳоят соли 1017 ҳ./ 1608 м. муаллиф муваффақ мешавад, ки заҳмати чандинсолаи худро дар иёлати Панҷоб ба анҷом расонад ва асари худро ба шакли як луғати мукаммал бахшида ба Ҷаҳонгиршоҳ «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» номад [124,7-8].

«Маҷмаъ-ул-фурс» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» аз ҳамдигар хеле баҳрабардорӣ намудаанд. Чунончи, Сурурӣ дар мавриди шарҳи калимоти *«андарзо»* [116,9], *«авро»* [116,11], *«анрӯб»* [116,18], *«осу»* [116,90], *«бурунсаро»* [116,117], *«барх», «басту»* [116,188], *«палук»* [116,240], *«тангор»* [116,295], *«ҷӯрбӯр»* [116,351], *«хуррам»* [116,460] ва ғайра номи ин фарҳангро зикр кардааст. Сурурӣ «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-ро дар китоби худ ба шакли мухтасар «Фарҳанг» ном бурдааст. Чунончи:

*Хумор* - (ба замми «хо») дар «Фарҳанг» номи шаҳрест мансуб ба хубон дар Хито ва ба арабӣ малолате бошад, ки баъд аз кайфияти шароб бошад [16,438].

*Таф* - (ба фатҳи «то») гармӣ бошад...ва дар «Фарҳанг» ба маънии партаву равшанӣ низ оварда ва бо ин байти Ҳаким Хоқонӣ мустамсак шуда:

*Оҳи ман чандон фурӯзон шуд, ки кӯрон ними шаб,*
*Аз тафи ин оҳи сӯзон ришта дар сӯзан кашанд* [116,303].

То он ҷое, ки ба мо маълум гардид, Сурурӣ дар таълифу таҳрири фарҳанги хеш аз 24 луғати пешина ва муосир истифода бурдааст. Дар тафсири як вожа ҳатто шарҳи якчанд фарҳангро дар муқоиса меорад ва ба ҳар як маънии он аз шуаро шоҳид меорад. Чунончи, дар шарҳи калимаи «баҳор» аз 6 сарчашма ба амсоли «Адот-ул-фузало», «Шарафнома», «Туҳфат-ул-аҳбоб», «Зуфонгӯё ва ҷаҳонпӯё», «Лисон-уш-шуаро» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» маънибардорӣ менамояд [116,137], ки ин аҳамияти

фарҳангро аз ҷиҳати шарҳи муфассали вожаҳо боз ҳам собит месозад. Дигар он аст, ки дар «Маҷмаъ-ул-фурс» аз луғатҳои муътабаре, ки то ба замони мо нарасидааст, истифода шудааст, ки аҳамияти фарҳангро боз ҳам меафзояд. Чунончи, Абуҳафси Суғдӣ аввалин фарҳангнигори форсӣ-тоҷикӣ муаррифӣ мегардад, аммо рисолаи ӯ то ба мо нарасидааст ва танҳо ба воситаи фарҳангҳое, амсоли «Фарҳанги Сурурӣ» ба фарҳанги мазкур даст ёфтан мумкин аст. Сурурӣ аз қадимтарин луғот ба мисоли «Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ»-ву «Луғати фурс»-и Асадӣ то фарҳангҳои муосиронаш мавриди истифода қарор дода, китоби худро аз ҷиҳати илмӣ ва корбурди маохизи муътамад комил гардонидааст.

### II.1.2. Китобҳои илмию соҳавӣ

Сурурӣ дар таснифи «Маҷмаъ-ул-фурс» ба ғайр аз фарҳангҳо ба кутуби илмию соҳавӣ низ муроҷиат менамояд. Муаллиф осори уламои гузаштаву муосирро дар шарҳу тавзеҳи истилоҳоти таърихӣ, географӣ, астрономӣ ва филологию этнографӣ, дар ташреҳи аҷоиботи олам, ҷонварону ҳодисаҳои ғайриодии табиат, номи растаниву гиёҳҳои шифобахш, доруву дармон, калимоту ибороти улуми тасаввуф, тиббу риёзиёт мавриди назар қарор медиҳад.

1. **«Тарҷумаи Сайдана»**-и Абурайҳони Берунӣ дар бораи растаниву гиёҳҳои шифобахш, доруву дармони дардҳо баҳс мекунад [142,ҷ.2,339]. Муаллифи фарҳанг дар мавриди шарҳи номи растаниву гиёҳҳое чун *«ангажад»* [116,32], *«ос»* [116,47], *«асбағул»* [116,63], *«испарғам»* [115,69], *«девча»* [116,571] аз ин асари илмӣ истифода намудааст. Чунончи:

*Девча* - хӯраест, ки дар пашмина афтад ва ба зиён диҳад... ва дар «Сайдана»-и Абурайҳони Берунӣ мастур аст, ки девча номи гиёҳест, ки ӯро зардук низ гӯянд (ба фатҳи «зо»-и муъҷама ва замми «ро»-и муҳмала) [116,571].

2. **«Муъҷам-ул-булдон»** -и Ёқути Ҳамавӣ. Асари бузургҳаҷми ҷуғрофишинос ва сайёҳи асри XIII Ёқути Ҳамавӣ буда, аз 10 ҷилд иборат аст

ва соли 1224 бо ҳамкории олим, файласуф ва муаррихи араб Ибни Қифтӣ таълиф шудааст. Дар таълифи «Муъҷам-ул-булдон» зиёда аз 50 асари олимони Юнон, аз ҷумла, Афлотун, Пифагор, Батлимус, ҷуғрофишиносони Шарқ, аз ҷумла Ибни Хурдодбеҳ, Ибни Возеҳ, Абузайди Балхӣ ва дигарон ҳамчун сарчашма истифода бурда шудааст.

Асар аз муқаддима, 5 боб, қисми луғат ва қисми таърихӣ иборат аст. Ин асар маълумот оид ба ҷуғрофиёшиносону сайёҳони қадиму асримиёнагӣ, асарҳои илмии онҳо, пайдоиш ва инкишофи адабиёти ҷуғрофии араб, назарияҳо оид ба шаклҳои Замин, таснифоти иқлимии маҳалҳо, бурҷҳои осмонӣ, таърихи ноҳияҳои алоҳида, тақсимоти давлатҳо, тавсифи урфу одати аҳолии минтақаҳои гуногунро фаро мегирад. Дар қисми луғати асар бошад, истилоҳҳо аз рӯи алифбо ҷой дода шуда, ҳар кадом эзоҳи таърихӣ, географӣ, астрономӣ ва филологию этнографии худро доранд [156].

Сурурӣ аз қисмати поёни асар, ки луғат ном дорад, истифода намуда, дар шарҳи номҳои шаҳру вилоят, қалъаву минтақаҳои ҷуғрофӣ ва ашхоси таърихӣ аз он ба кор бурдааст, аз ҷумла, дар тафсири калимаҳои «*Ахсисак*» [116,57], *«Отил»* [116,64], *«Алон»* [116,83], «*Озарбойҷон»* [116,88], *«Исбоҳ»* [116,106], *«Синдбод»* [116,732]. Чунончи:

*Алон* - (ба фатҳи «ҳамза») номи вилоятест аз Туркистонзамин ва баъзе гуфтаанд номи шаҳрест... ва дар «Муъҷам-ул-булдон» (ба ташдиди «лом») оварда ва гуфта, ки номи билоди восеаест аз ҷиболи Қабқ ва мулуки онро Куркундох гӯянд (ба замми ҳар ду «коф»). Ва миёни мамлакати Аллон ва ҷиболи Қабқ қалъаест, номи он қалъа Боби Аллон (ба ташдиди «лом») [116,83].

3. «**Аҷоиб-ул-булдон».** Дар феҳристи кутуби форсию арабӣ якчанд асарро бо номи «Аҷоиб-ул-булдон», ки муаллифонашон гуногун аст, дучор омадан мумкин аст. Аммо Сурурии Кошонӣ дар шарҳу тавзеҳи аҷоиботи табиат аз «Аҷоиб-ул-булдон»-и Закариё ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад Қазвинӣ баҳра бурдааст [142,ҷ.1,333]. Чунончи:

*Ос* - Осиё бошад...ва дар «Аҷоиб-ул-булдон» марқум аст, ки «ос» номи райҳонест бағоят хушбӯй... [116,47]

*Буссаз* - (ба замми «бо» ва фатҳи «син»-и муҳмалаи мушаддада) ва бусаз (ба тахфифи «син») марҷон бошад ва онро «кома» низ хонанд ва манбати он қаъри дарёст. Расане афкананд ва баркашанд, чун бар он вазад ва офтоб бар он тобад сурх гардад, казо фӣ «Аҷоиб-ул-булдон» [116,133]

4. **«Ғароиб-уд-дунё»-**и Шайх Озарӣ. Муаллиф дар бораи ҷонварону ҳодисаҳои ғайриодии табиат маълумот дода, барои шоҳид асосан аз эҷодиёти худ шеърҳо меорад. Муаллифи «Маҷмаъ-ул-фурс» аз ин асар ҳамагӣ 4 маротиба дар шарҳи калимоти *«хузон»* [116,467], *«хӯша»* [116,496], *«ромуз»* [116,612], *«колбосу»* [116,1123] истифода бурдааст. Чунончи:

*Хузон* - номи паҳлавони эронӣ... ва Шайх Озарӣ дар «Ғароиб-уд-дунё» фармуда, ки номи мурғест азим ва гуфта:

*Ҳаст мурғе ба номи ӯ хузон,*

*Дар ҳаво бар яке чу пили дамон* [116,496].

Инчунин, Сурурӣ аз китобҳои таърихӣ, аз қабили, «Таърихи Вассоф»-и Шаҳобиддини Абдуллоҳи Шерозӣ, «Маҷмаъ-ул-ансоб»-и Муҳаммад Алӣ Ҳусайни Шабонкораӣ, аз асарҳои тасаввуфӣ «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Алӣ ибни Усмони Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ, «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Ҳамидуддини Балхӣ, аз осори мансуб ба тиббу риёзиёт «Шарҳи Қонун»-и Мавлоно Қутбиддини Аллома, «Китоб-ут-тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ ва дигар асарҳои илмӣ истифода намудааст. Азбаски номи ин гуна асарҳо дар фарҳанг як ё ду маротиба оварда шудаанд, дар бораи онҳо маълумот доданро лозим надониста, танҳо мавриди истифодаи онҳоро иброз медорем.

5. **«Китоб-ут-тафҳим»-**и Абурайҳони Берунӣ:

*Сада* - (ба вазни «зада») даҳум рӯз аз баҳманмоҳ...ва дар «Китоб-ут-тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ мастур аст, ки он рӯзро ба ду ваҷҳ «сада» мегӯянд, яке он ки аз он рӯз то наврӯз панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб мемонад. Дувум он ки дар он рӯз иддае фарзандони падари нахустин, ки Абулбашар

Одам (а) бошад, ба сад расида буд ва садро дар қадим ба «син» менавиштаанд [116,704].

6. **«Кашф-ул-маҳҷуб»**-и Алӣ ибни Усмони Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ:

*Ангалюн* - (ба фатҳи «ҳамза» ва «коф»-и форсӣ ва замми «йо»-и ҳуттӣ) китоби тарсоён бошад...ва дар китоби «Кашф-ул-маҳҷуб» таълифи Алӣ ибни Усмони Ҷуллобӣ, ки аз кутуби муътабараи сӯфия аст, мастур аст, ки дар ҳар чизе, ки аҷоиб бисёр бошад, юнониён ангалюн гӯянд ва дар Рум чизе сохтаанд бар мисоли руде дар бемористон, сахт аҷиб ва дар ҳафта ду рӯз беморонро он ҷо баранд ва онро бинавозанд, то беморон бишнаванд ва онро низ ангалюн гӯянд, интиҳои калома [116,74].

7. **«Мафотеҳ-ул-улум»**-и Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Котиби Хоразмӣ:

*Парвиз* - лақаби Хусрав аст...ва дар «Мафотеҳ-ул-улум» ба маънии азиз низ гуфта [116,631].

8. «**Ҷавоҳирнома**»-и Мир Садриддин Муҳаммади Шерозӣ:

*Бадахшон* - номи вилояте миёни Хуросону Ҳинд...ва Мир Садриддин Муҳаммади Шерозӣ дар «Ҷавоҳирнома»-и худ оварда, ки нисбати лаъли Бадахшон на аз он аст, ки конаш он ҷост, балки ба воситаи он аст, ки аз маодин ба Бадахшон нақл кунанд ва он ҷо фурӯшанд [116,181].

9. **«Ҷоми ҷаҳоннамой»**-и Амир Ғиёсиддини Мансур:

*Зардушт* -...ва Сайид-ул-фузало Амир Ғиёсуддини Мансур дар «Ҷоми ҷаҳоннамой» мефармояд, ки муътамади соҳиби умда он аст, ки дар соли савум аз ҳукумати Гуштосп Зардушт, ки ба заъми маҷус пайғамбар аст, зоҳир шуд...[116,652]

10. **«Шарҳи Қонун»**-и Мавлоно Қутбиддини Аллома:

*Сом* - падари Зол ва дигар варам бошад ва Мавлоно Қутбиддини Аллома дар «Шарҳи Қонун» оварда, ки «ас-сарсом ҳува лафзун мураккабун мин калиматайни: ас-сар ва ҳува арраъс ва ас-сом ва ҳува-л- варам» [13,776].

11. **«Маҷмаъ-ул-ансоб»**-и Муҳаммад Алӣ Ҳусайн ибни Муҳамммади Шабонкораӣ:

*Парвиз* - лақаби Хусрав аст... Соҳиби «Маҷмаъ-ул-ансоб» оварда, ки Парвиз ба луғати паҳлавӣ моҳиеро гӯянд. Чун Хусрав моҳиеро бағоят дӯст медошт, мулаққаб ба ин ном шуд [116,231]

Ҳамчунин, аз «Таърихи Вассоф»-и Шаҳобиддини Абдуллоҳи Шерозӣ дар шарҳи калимаи «испандурмуз» [116,33], аз «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Ҳамидуддини Балхӣ дар тавзеҳи вожаи «Ӯш» [116,49], аз «Маҷолис-ул-муъминин»-и Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ дар тафсири воҳиди луғавии «гай», дар мавриди баррасии мисраи сеюми рубоии Орифи Балуч истифода бурда шудааст.

Ҳамин тавр, Сурурӣ дар мавриди шарҳу эзоҳи калимоту иборот ва истилоҳоти улуми тиббу риёзӣ, таъриху ҷуғрофӣ, тасаввуфу адабиёт аз 14 кутуби илмию соҳавӣ баҳрабардорӣ намуда, баҳри асноди шарҳаш аз онҳо иқтибос меорад ва номи сарчашмаро низ зикр менамояд. Истифодаи кутуби илмию соҳавӣ муътамад будани шарҳи фарҳангро боз ҳам собит месозад.

### II.1.3. Осори адабӣ

Муаллифи фарҳанг барои истиноди маънӣ аз ашъори шуарои адабиёти классики форсӣ - тоҷикӣ фаровон истифода бурдааст. Чӣ тавре, ки Мир Тақиуддини Кошонӣ дар «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» таъкид менамояд: «ва дар ин вало китобе дар луғоти фурс таълиф намуда мавсум ба «Маҷмаъ-ул-фурс» ҳалли луғоти мушкилоти «Хамса»-и Шайх Низомӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) ва дигар шуарои мутақаддимин фармуда» [116,589]. Яъне, «Маҷмаъ-ул-фурс» барои шарҳу тавзеҳи вожаҳои душворфаҳми осори Низомӣ ва дигар шоирони мутақаддим фароҳам омадааст. Сурурӣ чун абёти шоҳид аз ашъори шуарои асри X то намояндагони асри XVII истифода намудааст, ки дар **замимаи дуюм** ному насаби шоирон ва мавриди истифодаи ашъори эшонро бо теъдоди абёт ва зикри саҳифаи фарҳанг ба таври комил нишон додаем. Муаллиф ҳам аз осори назмӣ ва ҳам аз асарҳои насрӣ ҳамчун сарчашма фоида бурдааст. Ҳангоми истиноди абёти шоҳид номи асарҳоро бевосита зикр менамояд, чунончи:

| № | Номи асар | Муаллиф | Саҳифаи фарҳанг |
|---|---|---|---|
| 1. | «Вис ва Ромин» | Фахриддини Гургонӣ | 542 |
| 2. | «Туҳфат-ул-ироқайн» | Хоқонии Шарвонӣ | 603;764 |
| 3. | «Бӯстон» | Саъдии Шерозӣ | 643 |
| 4. | «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» | Саноии Ғазнавӣ | 1144 |
| 5. | «Махзан-ул-асрор» | Низомии Ганчавӣ | 744 |
| 6. | «Иқболнома» | Низомии Ганҷавӣ | 662 |
| 7. | «Шарафнома» | Низомии Ганҷавӣ | 137 |
| 8. | «Искандарнома» | Низомии Ганҷавӣ | 806 |
| 9. | «Хусрав ва Ширин» | Низомии Ганҷавӣ | 205, 382 |
| 10. | «Лайлӣ ва Маҷнун» | Низомии Ганҷавӣ | 413, 910 |
| 11. | «Ҳафт пайкар» | Низомии Ганҷавӣ | 516 |
| 12. | «Шоҳнома» | Абулқосими Фирдавсӣ | 12,14,14,16,17,20, 25,26,27,29,30... |
| 13. | «Маснавии маънавӣ» | Ҷалолуддини Румӣ | 10,11,14,15,17,20, 21,24,30,31,35... |
| 14. | «Гулшани роз» | Маҳмуди Шабистарӣ | 1047 |
| 15. | «Ҷоми Ҷам» | Авҳадии Мароғаӣ | 835 |
| 16. | «Қирон-ус-саъдайн» | Хусрави Деҳлавӣ | 266 |
| 17. | «Ҳумой ва Ҳумоюн» | Хоҷуи Кирмонӣ | 224 |
| 18. | «Меҳру Муштарӣ» | Ассори Табрезӣ | 144,158 |
| 19. | «Юсуф ва Зулайхо» | Абдураҳмони Ҷомӣ | 265, 13,747 |
| 20. | «Мақолот» | Насируддини Тӯсӣ | 508 |
| 21. | «Гулистон» | Саъдии Шерозӣ | 128 |

Инчунин, аз таҳлилҳо маълум мешавад, ки муаллифи фарҳанг девони ашъори шоирони адабиёти классикиро истифода намуда, дар маҷмуъ зиёда аз 10 ҳазор байт аз ашъори 300 шоир шоҳид овардааст.

Аз ашъори шоирони мутақаддим, аз ҷумла, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Пирӯзии Машриқӣ, Масъуди Ғазнавӣ аз то 3 байт, аз ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ Абулмасал, Абулмуайид, Абӯтоҳири Хусравонӣ, Абӯшакури Балхӣ, Оғоҷӣ, Абӯшуайби Ҳиравӣ, Кисоӣ, Маъруфӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Фароловӣ, Хусравӣ, Хуҷаста, Шаҳиди Балхӣ, Шокири Бухороӣ аз то 127 байт, аз шоирони асри XI ба монанди Абӯалии Чочӣ, Абӯосим, Аммораи Марвазӣ, Абулхатири Мунаҷҷим, Абӯнасри Марғазӣ, Абӯрофеъ, Аминӣ, Асадии Тӯсӣ, Атоӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Бундори Розӣ, Қариуддаҳр, Лабибӣ, Масъуди Розӣ, Руҳонӣ, Тайён, Урмуздӣ, Фархорӣ, Фахриддини Гургонӣ, Фирдавсӣ, Хаффоф, Ҳаккок, Шуҳраи Офоқ, Юсуфи Арӯзӣ, Абӯсаиди Абулхайр, Асҷадӣ, Дақиқӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва диг. аз то 500 байт истинод овардааст. Инчунин, аз ашъори шоирони бузург, чун Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва монанди ин садҳо шоирони дигар байти шоҳид овардааст, ки девони ашъори онҳо машҳур ва хеле интишор ёфта буд. Аммо дар фарҳанг номи шоироне ҳастанд, ки дар сарчашмаҳои маъмули адабиётшиносӣ ба назар нарасидаанд, ё ки шахсияту ашъори онҳо ба таври кофӣ шинохта нашудааст, аз ҷумла, Давоӣ, Ғазанфари Кулҷорӣ, Дақоиқи Фирӯзшоҳӣ, Девонаи Савдоӣ, Ёқути Мустаъсамӣ, Комилӣ, Қозӣ Нурии Исфаҳонӣ, Қозӣ Ҳамидӣ, Қозӣ Низом, Қосими Коҳӣ, Мирзо Қосими Гунободӣ, Насири Адиб, Назири Қуддус, Нуриддини Сандуқӣ, Рашиди Аъвар, Сайид Алии Мусаввар, Сайфи Эраҷ, Сайфиддини Зубайрӣ, Содиқи Меҳр, Ҳолии Тошкандӣ, Шайх Судон, Шаҳобиддини Фомӣ, Шаҳобуддавла Шарафулмулк ва номи монанди ин шоирони ношинохтаи дигар бо абёти шоҳид муаррифӣ гардидаанд.

Пас гуфтан мумкин аст, ки Сурурӣ дар танзими фарҳанги хеш аз луғатҳои мутақаддиму муосир ба таври васеъ истифода намудааст, онҳоро дар шарҳу тавзеҳи луғатҳо ба таври қиёсӣ ба кор бурдааст. Ҳарчанд дар дебочаи фарҳанг танҳо номи 16 китобро зикр кардааст, аммо ҳангоми омӯзиши фарҳанг маълум гашт, ки муаллифи фарҳанг аз 24 луғат, зиёда аз 10

китоби илмию соҳавӣ ва аз осори шоирони классикӣ ашъори зиёде истинод намудааст. Дар ташреҳи истилоҳоти улуми гуногуни замон ва шарҳи ному насаби қаҳрамонони адабӣ, ҷойҳои таърихию ҷуғрофӣ, ҳодисаҳои табиат, номи набототу ҳайвонот ва киноёту истиороти мушкилфаҳми адабӣ аз осори илмию соҳавӣ ба фаровонӣ истифода намудааст. Инчунин девону баёз ва осори шоирони асрҳои X- XVII-ро ҳамчун сарчашма ба кор бурда, фарҳанги худро бо абёти шоҳид ғанӣ гардонидааст. Маҳз ҳамин фарогирии фарҳанг буд, ки арзиши илмию адабии онро афзуда, дар фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ ҷойгоҳи муносибро ёфт ва дар адабиётшиносӣ низ ҳамчун сарчашмаи боэътимод ба кор гирифта шуд.

### II.2. Асноди шоҳид ва шеваҳои гузиниши он дар фарҳанг

Фарҳангҳои тафсирии форсӣ-тоҷикӣ дар баробари аҳамияти бузурги лексикографии худ, дорои арзишҳои адабӣ низ мебошанд. Дар ин самт, санадҳои шеърӣ, ки барои тақвияти маъниву мазмуни воҳидҳои луғавӣ аз осори суханварони классикӣ баргузида шудааст, хеле пурарзиш аст. Мусаллам аст, ки луғатнигорон ин асноди шеъриро аз сарчашмаҳои муътамад мавриди истифода қарор дода, арзиши илмиву адабии таълифоташонро дучанд зиёд мегардонанд. Асноди шоҳиди фарҳангҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки луғатнигорон девонҳои мукаммал ё осори ин ё он суханварро дар даст доштанд.

Асноди шоҳид дар фарҳангҳо дар баробари муаррифӣ намудани адабиёти ғановатманди классикии мо, дар ҳаллу фасли бисёре аз масъалаҳои илми суханшиносӣ нақш мегузорад, аз ҷумла, омӯзиши ин аснод аз нуқтаи илми матншиносӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар тасҳеҳу барқарор намудани мутуни осори адибони классикӣ саҳмгир бошем. Аз лиҳози илми матншиносӣ тавассути ин абёти шеърӣ тасҳифоти зиёди ашъори адибон тасҳеҳ мегардад, муаллифони воқеии онҳо муқаррар мешавад, инчунин ба ганҷинаи адабиёти бузурги мо намунаҳои нави манзум ворид мегардад.

Чунки фарҳангҳо мисли девонҳои шоирон бисёр нусхабардорӣ нашуда, асолати матнро бештар ҳифз менамоянд.

Дар таърихи фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ аввалин шуда Абуҳафси Суғдӣ, баъдан Асадии Тӯсӣ дар луғатҳои худ дар тафсири калимаҳо аз ашъори шоирон истинод оварданд ва бо ин усул шарҳу маънии калимаро боэътимод сохтанд. Омӯзиши луғатномаи Асадӣ аз ҷониби муҳаққиқон аз назари илми матншиносӣ имкон фароҳам овард, ки бештар аз 100 байти суханварони асри X тасҳеҳ шавад, муаллифи воқеии зиёда аз 100 байт муқаррар гардад ва чанд байти тоза ба хазинаи адабиёти классикии тоҷик ворид гардад [135;2;83]. Бо ҳамин усул ва принсип луғатномаҳои дигар, монанди «Фарҳанги Фахри Қаввос»-и Муборакшоҳи Ғазнавӣ ва «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ омӯхта шуда, дар матншиносии асри X тозагие ворид гардид. Боиси зикр аст, ки дар идомаи фарҳангҳои тафсирии форсӣ-тоҷикӣ, чун «Луғати фурс», «Сиҳоҳ-ул-фурс» ва «Фарҳанги Қаввос» минбаъд низ анъанаи истифодаи асноди шеърӣ дар фарҳангҳо ривоҷу равнақ ёфт.

Ин принсип дар солҳои минбаъда низ аз ҷониби луғатнигорон риоя карда шуд. Ба ҷуз чанд фарҳанге, ки ба амсоли «Уммон-ул-маонӣ», «Кашф-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ» дигар кулли луғатномаҳои форсӣ-тоҷикӣ тафсири худро бо абёти шоҳид истинод бахшидаанд. Он фарҳангҳои бешоҳид низ бо сабабҳои хоси худ, яъне аз сабаби фарогирии калимаҳои дигар забон ё аз ҷиҳати фарогирии миқдори зиёди луғат аз санадҳо холӣ ҳастанд. Масалан, ба андешаи луғатшинос Ҳ.Рауфов [76,134] фарҳанги «Бурҳони қотеъ» дар асоси луғатҳои шоҳиддор аз қабили «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Сурурӣ» ва чанд сарчашмаи дигар сохта шудааст ва қисми асосии он ҳамон аст, ки дар луғатҳои зикршуда ба андозае бо мисолҳо тафсир ёфтааст. Санадҳои шеъриро фарҳангнигорон аз девону ҷунгҳо, сафинаву баёзҳо интихоб мекарданд, ки бо гузашти замон бо амри воқеаҳои мухталифи таърихӣ баъзе аз ин манбаъҳо аз байн рафтанд ва дар натиҷа худи фарҳангҳо мақоми сарчашмаи нахустинро ба худ касб карданд. Гузашта аз

ин, ҷиҳати дониши баланд, завқи салим ва истеъдоди беназири суханшиносӣ доштани муаллифони фарҳангҳо баъзе аз абёти тасҳифхӯрдаи суханварон дар луғатномаҳо ба шакли дуруст омадаанд.

Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ низ дар танзими фарҳанг ин принсипро шеваи кори худ қарор дода, дар баробари истифода аз сарчашмаҳои адабӣ аз луғатномаҳои қаблан таълифшуда низ истифода намудааст. Муайян кардани сарчашмаҳои санадҳои шеърӣ аз фарҳангҳои дигар иқтибос аст ё аз нусхаи ашъори шоирон бардошта шудааст, маълум нест. Ва дигар ин аст, ки муаллифи тазкираи «Зубдат-ул-афкор ва хулосат-ул-ашъор» дар бораи Сурурӣ чунин гуфта буд: «Валҳақ қуввати ҳофизааш ба мартабаест, ки зиёда аз сӣ ҳазор байт аз ҷамъи аснофи сухан қадиману ҳадисан ва атиқану ҷадидан ба хотир дорад ва дар он шева ҳеҷ касро ба назар намеоварад» [116,578]. Яъне, Сурурӣ сӣ ҳазор байти шоирони пешина ва муосирро аз ёд медонист ва бешак, дар тафсири луғат низ аз хотираш абёти шоҳид зикр намудааст. Ҳини муқоисаву муқобала намудани санадҳои шеърии «Фарҳанги Сурурӣ» ба инобат гирифтани ин паҳлуи масъала муҳим мебошад. Дар фарҳанг номи намояндагони адабиёти классикии асрҳои X-XVII ҳамчун муаллифи абёти шоҳид хеле зиёд зикр гардидааст. Сурурӣ аксари онҳоро бо эҳтиром бо номҳои «устод», «ҳаким», «шайх», «мавлоно», «мир», «амир» ба ёд меорад. Аксари ин шоирон дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ машҳур ҳастанд ва як қисмашон ҳамзамонони муаллиф буда, дар дигар маъхазҳо номи онҳо ба назар намерасад. Ба ҷуз ин, дар фарҳанг абёте низ мавҷуд аст, ки бо ибораҳои «шоир гӯяд», «яке аз мутақаддимин гӯяд», «яке аз акобир гӯяд», «яке аз бузургон гӯяд» омада, номи онҳо муайян зикр нашудааст.

Дар маҷмуъ, Сурурӣ дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» санадҳои шеъриро аз осори суханварони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ истинод кардааст, ки аз ҳама бештар ба ашъори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Низомию Саъдӣ, Хоқонию Сӯзанӣ рӯ овардааст, ки осори шоирони мазкур дар асрҳои миёна хеле маъмул буда, девони ашъори онҳо бештар интишор ёфта буд. Инчунин, дар

байни суханварон абёте аз муҳаққиқони адабиёт ва луғатнигорон Асадии Тӯсӣ, Аммораи Марвазӣ, Муҳаммад Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, Юсуфи Арӯзӣ, Шамси Фахрӣ ва диг. низ оварда шудаанд. Номи кулли шоирон, теъдоди абёт бо саҳифаи фарҳанг дар шакли ҷадвал ба рисола **замима** карда шуд.

«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ аз ҷиҳати фарогирии абёти шоҳиди зиёд аз дигар фарҳангҳои асрибмиёнагӣ афзалият дорад. Ин бори дигар собит месозад, ки ҳадафи луғатнигор танҳо шарҳу тавзеҳи воҳиди луғавӣ набуда, балки собит намудани асолати он дар доираи адабиёт мебошад ва тавассути тавзеҳи воҳиди луғавӣ маърифат намудани мазмунҳои баланди ашъори суханварон будааст.

Дар фарҳанг воҳидҳои луғавие мавҷуданд, ки бе зикри шоҳиди маъно низ сабт шудаанд, аммо ба миқдори кам. Аксари моддаҳои луғавӣ бо мисолҳо шарҳ дода шудаанд.

Моддаҳои луғавии «Фарҳанги Сурурӣ» бо истифода аз асноди шеърӣ ба тариқи зерин ба қалам дода шудааст. Чунончи:

*Даскара* - (ба вазни «масхара») номи шаҳре аз Ироқи Аҷам. Мисолаш Лабибӣ гӯяд:

*Корвоне ҳаме аз Рум сӯи Даскара шуд,*
*Об пеш омаду мардум ҳама бар қантара шуд* [116,574].

*Зун* - (ба замми «зо») баҳра ва ҳисса бошад. Мисолаш Унсурӣ гӯяд:

*Ба чашм андарам дида аз зуни ӯст,*
*Ба ҷисм андарам ҷунбиш аз хуни ӯст* [116,681].

Гоҳо Сурурӣ барои боэътимод гардидани шарҳаш ба тафсири як маънои воҳиди луғавӣ чандин шоҳид пеш меорад:

*Ховар* - мағриб бошад ва бохтар машриқ, чунонки Ломеӣ гӯяд:

*Хуршедро чун паст шуд дар ҷониби ховар алам,*
*Пайдо шуд андар бохтар бар остини шаб алам.*

Ва Ҳаким Асадӣ низ ба ин маънӣ фармояд:

*Ба шодию ҷоми дамодам набид,*
*Бибуданд то хур ба ховар расид.*

Ва Устод Рӯдакӣ низ гӯяд дар сифати офтоб:

*Аз Хуросон бардамид товусваш,*

*Сӯйи ховар мехиромад шодукаш.*

***

*Меҳр дидам бомдодон чун битофт,*

*Аз Хуросон сӯйи ховар мешитофт.*

Ва Шайх Низомӣ низ фармояд:

*Сапеда чу бар зад сар аз бохтар,*

*Сиёҳӣ ба ховар фурӯ бурд сар* [116,433]

Сурурӣ дар интихоби ашъор вобаста ба калимаи шарҳшаванда аз навъҳои гуногуни шеърӣ истифода бурдааст. Аз навъи маснавӣ бештар ба кор бурдааст ва баъзан номи онҳоро низ зикр кардааст, ба амсоли «Шоҳнома», «Маснавии маънавӣ», «Махзан-ул-асрор», «Иқболнома», «Шарафнома», «Искандарнома», «Хусрав ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пайкар», «Гулшани роз», «Ҷоми Ҷам», «Ҳумой ва Ҳумоюн», «Меҳру Муштарӣ», «Юсуф ва Зулайхо», «Қирон-ус-саъдайн», «Вис ва Ромин», «Туҳфат-ул-ироқайн», «Бӯстон», «Гулистон», «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат», «Мақолот», чунончи:

*Ришта* - маъруф. Ва дигар марази ришта, маъруф. Мисолаш «Бӯстон»:

*Якеро ҳикоят кунанд аз мулук,*

*Ки бемории ришта кардаш чу дук* [116,643]

Муаллиф аз қасидаҳои шуарои гузашта низ шоҳид овардааст:

*Пайғула* - (ба вазни паймуда) гӯшаву кунҷи хона бошад. Мисолаш Ҳаким Анварӣ фармояд дар талаби шароб:

*Панҷ қаллошем дар пайғулае,*

*Бо ҳарифе, к-ӯ рубоби хуш занад.*

*Чархи мардумхор, гӯйӣ хасми мост,*

*То чу бархезем бар ҳар шаш занад.*

*Бе шаробе оташ андар мо задаст,*

*Кист к-ӯ обе бар ин оташ занад?!* [116,267]

Соҳиби фарҳанг  навъи тарҷеъро низ ҳамчун истинод ба кор бурдааст:

*Бурхӣ* - он чӣ ба ивази чизе ба касе диҳанд ва фидо. Мисолаш Саъдӣ дар тарҷеъ гӯяд:

*Ҷон бурхии рӯйи ёр кардам,*

*Гуфтам: магараш вафост чун нест?*

*Биншинаму сабр пеш гирам,*

*Дунболаи кори хеш гирам*    [116,207]

Ҳамчунин, дар фарҳанг аз Қатрон [116,117], Муиззӣ [116,297], Амир Хусрав [116,312], Хоҷа Салмон [116,436], Хоқонӣ [116,566],  Шайх Озарӣ [116,612],  Саъдӣ [116,829], Сироҷиддини Сагзӣ [116,834], Хоҷа Насир [116,872]  ва дигар шоирон қитъаҳо дар мавзуъҳои гуногун ҳамчун шоҳид оварда шудааст. Чунончи:

*Тол* - дар «Муайид-ул-фузало» дарахтест, ки онро дарахти Бӯҷаҳл гӯянд... ва ба маънии обгир низ оварда, ки толоб низ гӯянд ва ба маънии он табақ монанде, ки аз биринҷ созанд ва хунёгарон бар ҳам зананд ва ба садои он усул нигаҳ доранд низ оварда ва ин қитъаи Амир Хусрав муайиди ӯст:

*Дигар builder сози биринҷин номи он тол,*

*Бар ангушти парирӯёни қаввол.*

*Гирифта чун пиёла тол дар даст,*

*На аз май, аз суруди хештан маст*    [116,312].

Инчунин, барои истиноди маъно аз шоироне чун Рӯдакӣ [116,305], Шаҳобуддавла Шарафулмулк  [116,68], Имодуддин [116,121], Унсурӣ [116,248], Мавлоно Саҳобӣ [116,258], Мавлоно Котибӣ [116,281], Маҳии Ироқӣ [116,312], Қосими Анвор [116,447], Абулхатири Мунаҷҷим [116,453], Маҳастӣ [116,461], Сайфулмулк [116,575], Хоҷа Алии Рометанӣ [116,627], Абӯсаиди Абулхайр [116,798], Орифи Балуч [116,1249], Айнулқуззоти Ҳамадонӣ [116,1393]  рубоӣ ва дубайтиҳо сабт карда шудааст. Чунончи:

*Рометан* - (ба вазни «боридан») номи қасабаест аз вилояти Бухоро, ки мавлуди Хоҷа Алии Рометанӣ бошад, ки ба Азизон машҳур аст ва ин рубоӣ аз ӯст:

*Хоҳӣ, ки ба Ҳақ расӣ, биором, эй тан*

*В-андар талаби дӯст биором, эй тан.*

*Хоҳӣ мадад аз руҳи азизон ёбӣ,*

*Пой аз сари худ соз, биё Рометан* [116,627]

Сурурӣ на танҳо аз осори назмӣ, балки аз асарҳои насрие чун «Гулистон» ва «Мақолот» низ далел овардааст. Чунончи,

*Банд* - маъруф... ва дигар фунуни киштиро низ гӯянд ва муайиди ин маънӣ он ибороти «Гулистон» аст, ки фармуда: «Яке дар санъати гӯштӣ гирифтан бар сар омада буд, чунонки дар ин илм сесаду шаст банд фохир донистӣ» [116,128].

*Дарвох* - (ба фатҳи «дол» ва сукуни «ро»-и муҳмала) онро гӯянд, ки аз беморӣ бархоста ва нақоҳат бошад... ва ба маънии маҳкаму мазбут низ омада, чунонки пири Ҳирот, қуддиса сирраҳу дар «Мақолот»-и худ аз Зуннун нақл карда, ки фармуд: «Чун касе ёбӣ, ки бизоат ба дасти ӯ бувад ва дарди ту бо доруи ӯ мувофиқ бошад, домани ӯ дарвох дор» [116,508].

Санади шеърӣ ҳамчун маводи меҳварии фарҳанг истифода шуда, дорои якчанд хусусияҳои илмиву адабӣ мебошад, аз ҷумла, он дар матншиносии осори адабӣ ва маърифати дурусти осори суханварон нақши бориз дорад.

Ҳамин тавр, Сурурӣ дар фарҳанги хеш новобаста аз миқдору навъи шеър абёти шоҳидро аз ашъори шоирони гузаштаву ҳамзамононаш мувофиқи шарҳу тафсири худ интихоб намудааст. Аз навъҳои шеърӣ асосан навъи маснавӣ ба кор бурда шуда, навъҳои дигари шеърӣ ба амсоли қасида, қитъа, рубоӣ, тарҷеъ низ ба назар мерасанд. Аз осори насрӣ ба осори Саъдӣ ва Насириддини Тӯсӣ мурoҷиат намудааст, ки ин вижагии хоси «Маҷмаъ-ул-фурс» маҳсуб меёбад, зеро дар фарҳангҳои асримиёнагӣ аз асарҳои насрӣ истифода бурдан хеле кам ба назар мерасад. Аз таҳлилҳо маълум гашт, ки Сурурӣ дар мураттаб сохтани фарҳанг аз ашъори шоирони мутақаддим ва асрҳои миёна истифода бурдааст ва бештар аз ҳама ба осори бузургони адабиёти классикии тоҷик чун Рӯдакиву Фирдавсӣ, Асадиву Унсурӣ,

Низомию Хоқонӣ, Мавлавию Саноӣ, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Носири Хусрав таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

### II.3. Хусусиятҳои луғавию адабии «Фарҳанги Сурурӣ»

«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ дар асоси меъёри фарҳангнигории асрҳои миёна таҳияву таълиф гардидааст. Ин фарҳанг аз муқаддима, 28 боб ва қисми истиороту киноёт иборат аст. Дебочаи нахустини китоб дар таҳрири аввал нигошта шуда, дар он ҳадафи муаллиф аз таълифи асар, сохти фарҳанг, сарчашмаҳои он ва қасидае дар мадҳи шоҳ Абдулмузаффар Аббосшоҳ Баҳодурхон оварда шудааст. Дар дебочаи дувумини китоб, ки баъд аз таҳрири дуюм иншо шудааст, доир ба сабаби таҳрири сонӣ ва дар бораи сарчашмаҳои нави фарҳанг маълумот дода шудааст.

Аз ибтидои асри XV принсипи нави ҷобаҷогузории калимаҳо маъмул гашт, ки он принсип бо «Фарҳанги Фахри Қаввос»-и Муборакшоҳи Ғазнавӣ алоқаманд аст. Падидор аст, ки баробари низоми нави луғатсозӣ ҳамоно усулҳои лексикографии фарҳангномаҳои пешина то дараҷае риоя карда шудаанд. Акнун мумкин буд, аз рӯйи ҳарфи аввал калимаи матлуб ва аз рӯйи ҳарфи охир қофияи лозима дарёфт карда шаванд. Ба ҳамин тартиб, луғатҳои «Адот-ул-фузало», «Уммон-ул-маонӣ», «Маҷмаъ-ул-аҷам», «Туҳфат-ус-саодат», «Муайййид-ул-фузало», «Туҳфат-ул-аҳбоб», «Мадор-ул-афозил», «Маҷмаъ-ул-фурс», «Кашф-ул-луғот», «Латоиф-ул-луғот» ва ғайра танзим ёфтанд [70,10].

Сурурӣ низ дар таснифи фарҳанги хеш аз ин усул истифода намуда, калимаҳоро аз рӯйи ҳарфи аввал ба бобҳо ҷудо кард, чунончи «боб-ул-алиф», «боб-ул-бои тозӣ», «боб-ул-бои форсӣ», «боб-ул-то», «боб-ул-ҷими тозӣ», «боб-ул-ҷими форсӣ» ва аз рӯйи ҳуруфи охири вожа ҳар як бобро ба фаслҳо ҷудо кард, чунончи боби алифро «маъа-л-алиф», «маъа-л-бо», «маъа-л-дол», «маъа-л-зол», «маъа-л-ро», «маъа-л-зо», «маъа-л-син», «маъа-л-шин» ва ғ. Ҳамин гуна, Сурурӣ аз 28 ҳарфи алифбои арабӣ 8 ҳуруфи хоси арабиро дар муқаддимааш зикр мекунад, ки дар фарҳангаш дохил накардааст [116,3]. Дар

ҳақиқат, калимаҳоеро, ки бо ҳуруфи «со», «зод», «айн», «тои иткӣ» оғоз мешаванд, ба фарҳанг роҳ надодааст, аммо 4 ҳарфи арабии «ҳо», «сод», «то», «ғайн»-ро, ки ба забони форсӣ дар шакли калимаҳои мураккаб ва баъзе муфрадот дохил шудаанд, дар бобҳои алоҳида овардааст ва теъдоди ин калимаҳо хеле кам аст. Баъдан, 4 ҳарфи хоси форсиро ҳамроҳ карда шумори бобҳоро ба 28 расонидааст. Забони фарҳанг сода буда, ба ҳамаи табақаи мардум фаҳмо мебошад.

Вижагиҳои фарҳанг аз лиҳози усулҳои интихоб, шарҳу тафсири вожагон дар фарҳанг ба таври зерин таҳлилу баррасӣ ва муайян карда шуд:

**А) Шарҳи калимаҳои куҳани форсӣ-тоҷикӣ**

Фарҳанг асосан вожаву таркиботи форсӣ-тоҷикиро фаро мегирад ва орӣ аз калимоту ибороти арабиву туркӣ аст. Чуноне ки худи муаллиф зикр мекунад, ҳадаф аз тадвини ин фарҳанг гирд овардани калимаҳои форсӣ будааст ва бо ин ҳадаф муаллиф 16 луғати пешинаро ҷамъ мекунад, аз онҳо луғоти муаррабу мукаррарро истисно месозад ва он луғотро бо тартиби ҳуруф дарҷ намуда, баъзе аз ихтилофоте, ки дар нусах воқеъ шуда, ба қадри эҳтиёҷ қайд мекунад ва бар аксар луғот мусташаҳадот аз ашъори шуаро меорад, то ки боиси эътимод бошад [116,2].

Аз гуфтаҳои Сурурӣ маълум мешавад, ки ӯ дар аввал 16 луғатро ҷамъ оварда, аммо аз ҳеҷ яки он қонеъ нашуда, баъдан бо истифодаи онҳо луғати тозае таълиф намудааст, ки он орӣ аз калимоти арабӣ ва вожаву таъбирҳои такрору маъмул аст.

Дар фарҳанг калимаҳои аслии форсӣ, ки имрӯз ҳамчун воҳидҳои кӯҳнашуда аз истеъмол баромадаанд ва танҳо дар ашъори шуарои мутақаддим зинда мондаанд, тафсир карда шудаанд. Чунончи:

*Дажбурӯ* - (ба фатҳи «дол» ва сукуни «зо»-и форсӣ ва замми «бо»-ву «ро») яъне хашмгину гиреҳ бар абрӯ зада. Мисолаш Абӯшакур фармояд:

*Яке дажбурӯест пархошхар,*
*К-аз ӯ ҳаст шери жаёнро ҳазар* [116,563].

*Шокор* ва *шоҳкор* - кори бемузд бошад, ки мардумро ба зӯр бар он доранд. Мисолаш Устод Кисоӣ гӯяд:

*Накунӣ тоату он гаҳ, ки кунӣ сусту заиф,*

*Рост гӯӣ, ки ҳаме сухраву шокор кунӣ* [116,838].

Қисмати асосии фарҳангро ҳамин гуна луғоти куҳани форсӣ-тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ки ҳадафи муаллиф худ гирдоварии вожаҳои асили форсӣ-тоҷикӣ бидуни иқтибосот буд. Сурурӣ дар кори луғатнигории хеш аз сарчашмаҳои муътамаде чун фарҳангҳо, девони ашъор ва кутуби соҳавӣ истифода бурда, вожаҳои аслии форсӣ-тоҷикӣ, ки решаашон ба паҳлавию суғдӣ тааллуқ дорад, ҷамъоварӣ намуд ва фарҳанги хешро мураттаб сохт. Ин гуна калимаҳо имрӯз ҳарчанд серистеъмол нестанд, аммо дар гӯшаву канори маҳалҳои таҳҷоии тоҷикон истифода мешаванд. Баъзеашон ҳатто ба таҳаввулоти овоӣ дучор шудаанд. Бояд зикр намуд, ки гирдоварии калимаҳои аслии форсӣ-тоҷикӣ дар фарҳанги мазкур барои забон ва адабиёти тоҷик вазифаҳои зеринро адо менамояд:

- барои аз байн нарафтани калимаҳои кuҳнашудаи форсӣ-тоҷикӣ тавассути фарҳанги мазкур ва дигар фарҳангҳои тафсирии асримиёнагӣ;
- барои ҳалли баъзе мушкилоти луғоти ашъори шоирони мутақаддимин, аз ҷумла, мутуни адабии асрҳои X-XI;
- дар мавриди тасҳеҳи ашъори шуарои гузашта дар асоси абёти шоҳиди вожаҳои куҳани форсӣ-тоҷикӣ, ки дар боби севум муфассал баён хоҳад шуд;

Б) **Шарҳи шакли калимаҳо**

Чун дигар фарҳангҳои муосираш дар «Фарҳанги Сурурӣ» низ анъанаи ба тарзи шарҳдиҳӣ муайян намудани шакли сохти калима, решашиносии вожаҳо, таркибу ибораҳои тафсиршаванда идома ёфтааст. Муаллиф аз усули шарҳи муфассали шакли воҳидҳои луғавӣ истифода бурда, на танҳо ҳаракатҳоро дар калимаҳо шарҳ медиҳад, балки номи ҳарфҳои алифбои арабии таркиби калимаро низ қайд карда мегузарад. Ин усули шарҳи шакли калимаҳо роҳи иштибоҳу ғалатхониро пеш мегирад ва агар аз ҷониби котиб хатое гузашта ба ҷои як ҳарф дигараш афтода бошад, барои ислоҳи он ба

хонанда кӯмак мерасонад. Дар давраи расмияти алифбои арабӣ дар хати тоҷикӣ ин усул дар нигаҳдошти шакли аслии калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ хидмати муҳимро адо кардааст. Дар фарҳанги мазкур низ ин усул рисолати худро ба анҷом расонидааст, чунончи:

*Абаркогиё* - (ба фатҳи «ҳамза» ва «бо»-и муваҳҳада ва сукуни «ро»-и муҳмала ва касри «коф»-и тозии дувум бо «йо»-и ҳуттӣ) танидаи анкабутро гӯянд. Мисолаш Латифӣ фармояд:

*Далели ту абрест пӯшои халқ*

*Ба сустист ҳамчун абаркогиё* [116,11].

*Сапрег* - (ба фатҳи «син» ва сукуни «бо»-и форсӣ ва касри «ро») хӯшаи ангури пурдона бошад. Мисолаш Шамси Фахрӣ гӯяд:

*Нестам ҳамчу ток пуштдуто,*

*Аз пайи чанд хӯшаи сапрег* [116,758].

Шарҳи шакли калима барои дуруст хондани абёти шоҳид бештар мусоидат менамояд. Масалан, дар «Девони ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ» байти зеринро мехонем:

*Мудхилонро рикоб зоррогин,*

*Пойи озодагон наёбад сар* [36,260].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» чунин ба назар расид:

*Сур* - (ба замми «син») кафше бошад, ки дар Хуросон аз ресмони сиёҳ бофанд ва мутлақ кафшро низ гуфтаанд. Мисолаш устод Рӯдакӣ гӯяд:

*Мудхилонро рикоб зоррогин,*

*Пойи озодагон наёбад сур* [116,734].

Ба воситаи шарҳи шакли калима мисраи дуюм ба калимаи «сур» - (ба замми «син») ба охир мерасад, на бо вожаи «сар». Ин гуна мисолҳо зиёданд, ки ба тасҳеҳи матни осори классикон мусоидат менамоянд ва чанде аз онҳоро дар фасли дуюми боби сеюм низ тафсил намудем.

В) **Решашиносии калимаҳо**

Чун ҳадафи муаллиф гирд овардани калимаҳои аслии форсӣ-тоҷикӣ буд, ба масъалаи решашиносии калимаҳо низ даст мезанад ва бисёр

калимаҳоро аз рӯйи этимология шарҳу тавзеҳ медиҳад. Муаллифи фарҳанг ҳар тағйироте, ки дар сохт ва маънии калима мушоҳида кардааст, ба он қайду ишораҳои махсус мегузорад. Ин гуна қайду ишораҳои соҳиби фарҳанг барои донистани инкишофи таърихӣ ва таҳаввули маъноии калимаҳо аҳамияти хосе дорад. Соҳиби фарҳанг ба сохт ва маънои нисбатан ибтидоии онҳо аҳамияти махсус зоҳир намудааст. Аммо ҳамаи таҳлилҳои Сурурӣро сирф илмӣ гуфтан нашояд, чунки баъзе аз ин маълумотҳо аз ҷиҳати инъикоси ҳодисаҳои забонӣ ба этимологияи халқӣ мансуб ҳастанд. Бо вуҷуди ин чанде аз онҳо ҳақиқати ҳоли таҳаввулоти таърихии калимаҳои форсӣ-тоҷикиро ифода менамояд. Ин гуна ишораҳо дар фарҳанг тартибу танзими муайянро надоранд ва танҳо ҳангоми муайян намудани маънои воҳидҳои луғавӣ чун таҳлили сарфӣ қайд карда шудаанд. Масалан:

*Дайҷур* - шаби бағоят торик бошад. Мисолаш Масъуди Саъд гӯяд:

*Охир, эй офтоби рӯзафзун,*
*Кай дамад субҳи ин шаби дайҷур****?!***

Ин луғат дар ҷамъе муаллафот ба фурс овардаанд, аммо охир баъд аз татаббуъ зоҳир шуд, ки арабист ва ба маънии торику торикӣ ҳар ду омада [116,522].

*Даҳок* - номи Заҳҳок аст. Чӣ «ок» айб аст ва офат ва чун ӯ соҳиби даҳ айб буд, ӯро Даҳок гуфта ва Заҳҳок муарраби он аст ва уюби даҳгона ин аст... [116,539]

Сурурӣ аз сар то ба охири фарҳанг ба шарҳи шаклии калима риоя кардааст. Ба ҷуз калимаҳои содаю маъмул ҳамаи вожаҳоро бо номи ҳуруф ва ҳаракаташ ишора намудааст. Ин усули фарҳангнигорӣ ба хонанда ва истифодабарандаи фарҳанг имкон медиҳад, ки калимаҳоро дуруст хонаду дарк намояд. Ҳамчунин муаллифи фарҳанг то қадри ҳол кӯшидааст, ки ба решашиносии калимаҳо даст занад. Аксар калимаҳои форсии куҳан ва вожаҳои сохтаю мураккабро аз ҷиҳати решааш шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки ин усул минбаъд дар фарҳангнигории тоҷик маъмул гашт ва махсусан, дар решашиносии калимоти арабӣ васеъ ба кор бурда шуд.

Бояд қайд кард, ки дар фарҳанг номҳои ашхоси таърихӣ, қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ, номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ, номи ҳайвоноту набототот, номгӯи хӯрданиву таомҳо, асбобу ашёи рӯзгордорӣ, вожаҳои мутааллиқ ба касбу кори гуногун, истилоҳоти улуми ҷудогона ва киноёту истиороти шоирона тафсиру ташреҳ карда шуда, дар таҳлилу тафҳими ашъори классикон мусоидат менамояд.

Г) **Иқтибос аз сарчашмаҳо дар шарҳи маъно ва зикри маъхаз**

Дигар аз вижагиҳои «Фарҳанги Сурурӣ» ин муқоиса ва мутақобилаи фарҳангҳои мутақаддим ва муосир дар шарҳи маъно ва зикри номи сарчашмаҳост. Муаллиф баъзан калимаро маънидод менамояду баъдан аз дигар фарҳангҳо иқтибос оварда, фикрашро такмил медиҳад. Чунончи дар шарҳи калимаҳои омор [116,35], авбор [116,39], ангуз [116,43], ос [116,47], омарғ [116,52], усу [116,90], буғро [116,117], бикёсо [116,118], баҷаст [116,120], балодар [116,142], холушк [116,453], холистон [116,466], рихбин [116,626], зимнух [116,655], самандар [116,741], шавниз [116,857], тироз [116,912] ва диг. калимаҳо аз усули шарҳи муқоисавӣ истифода бурдааст. Дар тавзеҳи маънои як калима аз ду то ҳашт сарчашма зери назари муаллиф қарор гирифтааст. Чунончи:

**Баҳор -** маъруф... ва дар «Адот-ул-фузало» номи хонаест дар Туркистон ва гули зард. Ва дар «Шарафнома» номи ҷазираест. Ва дар «Туҳфат» хонаи мунаққаши пурнигорро гӯянд ва дигар ба маънии оташкада низ омада...Ва дар «Зуфонгӯё» «баҳор» ба тозӣ гулест, ки онро ба форсӣ «говчашм» гӯянд. Ва дар «Лисон-уш-шуаро» номи хиттаест дар Ҳиндустон. Мисоли ин маънӣ Амир Хусрав гӯяд:

Каронии сипеҳраш баски сӯйи шарқ афтод,

Фуруд гашт Баҳору баланд шуд Ғазнин.

Ва дар «Фарҳанг» номи ҳар гул бошад умуман ва гули норинҷ бошад хусусан... [116,137]

Хусусиятҳои барҷастаи адабии фарҳанг вуҷуд доштани унсурҳои нақду шарҳ ва махсусан шарҳи мусталеҳоти адабӣ маҳсуб меёбад, ки дар зерфаслҳои алоҳида таҳлилу баррасӣ мегардад.

### II.3.1. Аносири нақд дар «Маҷмаъ-ул-фурс»

Сурурии Кошонӣ яке аз аввалин мунаққидоне мебошад, ки дар ҷодаи фарҳангнигорӣ ба нақду тасҳеҳи фарҳангҳои пешина ва муосир кӯшидааст. Яъне, аз сарчашмаҳои фарҳанг ба тарзи интиқодӣ истифода бурдааст. Нақди Сурурӣ тартиби муайян надошта ҳангоми шарҳу тавзеҳ иштибоҳоти муаллифони фарҳангҳоро зикр менамояд ва ё дар ҷое, ки ба тафсири вожаҳо шак дорад, боибораи «тааммуле ҳаст» ишорат менамояд. Сурурӣ на танҳо дар тавзеҳи калимаҳо, балки дар мавриди абёти шоҳиди фарҳангҳо низ андешаҳои худро иброз менамояд. Нақду тасҳеҳи Суруриро дар мисоли танқиди якчанд фарҳангҳо мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод:

1. ***Нақди «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»***

*Пойиндон* - (ба «бо»-и ҳуттӣ ва «нун». Ба вазни «бодинҷон») замонро гӯянд... ва дар «Фарҳанг» ба маънии саффи ниол, ки кафшкан бошад, низ омада ва ин байт аз Мунҷик шоҳид оварда:

*Шоҳро дар маҳфили хуршеди ман,*
*Ҷой андар сафи пойиндон бувад.*

Интиҳои калома, аммо ин бебизоатро дар ин мисол андак тааммуле меравад, ки ин байт тарзи Мунҷик нест [116,251].

Дар ин ҷо Сурурӣ аз Мунҷик набудани байтро ишора мекунад ва мегӯяд, ки ин байт ба тарзи нигориши Мунҷик хос набудааст. Аммо байти мазкур дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» низ бо номи Мунҷик оварда шуда, андешаи фавқуззикри Сурурӣ низ дар ҳошияи китоб иқтибос оварда шудааст [10, 225].

*Сиранҷ* - (ба касри «син») сафедоби сӯхта бошад ва ба маънии синҷи марқум ба маънии ахир низ омада. Мисоли ин маънӣ Бӯисҳоқи Атъима гӯяд:

*Қаламро алам дошт қалия ба ранҷ,*

*Ки мезан зулайбе ба ҳам чун сиранҷ.*

Казо фӣ-л-«Фарҳанг» ва ба хотири роқим мерасад, ки эҳтимол ин мисраъ чунин бошад:

*Ки мезан зулайбе ба ҳам ҳамчу синҷ* [116,721].

Маълум нест, ки Сурурӣ ба кадом санад ё сарчашма такя мекунад, вале ӯ дар ин маврид ба тасҳеҳи байти Бӯисҳоқи Атъима даст задааст.

*Сарлод* - девор бошад дар «Фарҳанг», аммо ба хотир мерасад, ки чун «лод» ба маънии «чина» омада, «сарлод» зидди «бунлод» бошад. Яъне чинаи болоин. Мисолаш Амир Мухторӣ фармояд:

*Ҳиммат ҳаме аз тоқат бигузор, эй синд,*

*Сарлод чунон банд, ки бартобад бунлод* [116,733].

Дар «Бурҳони қотеъ» низ ин вожаро ба маънии сардевор ташреҳ дода, фикри Сурурӣро тасдиқ намудааст [103,ҷ.2,1128].

*Шебо* - (ба вазни дебо) дар «Фарҳанг» мори афъӣ бошад ва бо ин байти Фахрии Гургонӣ мустамсак шуда:

*Сари девори он пурмори шебо,*

*Ҷаҳон аз захми онҳо ношикебо.*

Аммо ин луғат махсуси он нусха аст ва ҷое дигар ба назар нарасида [116,830].

Ин луғат дар ҳақиқат аз калимаҳои куҳани порсӣ буда, асли луғат дар Авасто «хшваева» аст ба маънии зудхазанда ва тундраванда ва чусту чолок [ҳошияи 116,830].

*Шах* - (ба фатҳи «шин») замини сахтро гӯянд... ва дар «Фарҳанг» гуфта, ки мухаффафи шох низ бошад ва бо ин байти Шайх Саъдӣ мустамсак шуда, ки:

*На дар кӯҳ сабзӣ, на дар боғу шах,*

*Малах бӯстон хӯрду мардум малах.*

Ба хотири ин шикастахотир мерасад, ки чун дар аксари нусах бо «вов»-и отиф ба назар расида, чунин ки «На дар боғу шах», яъне на дар кӯҳ сабзӣ бувад ва на дар боғу на дар биёбон, авло он аст, ки ба ин маънӣ қарор диҳем,

чи агар бе «вов» бошад, ба маънии мухаффафи шох андак хомӣ дар сухан ба ҳам мерасад ва бо ин маънӣ ҷое дигар низ ба назар нарасида [116,839].

Байти мазкур дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бад-ин шакл насб шуда:

*На дар роғ сабза, на дар боғ шах,*
*Малах бӯстон хӯрду мардум малах* (Саъдӣ) [137,ҷ.2,573].

Шаҳриёри Нақавӣ дар асари «Фарҳангнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон» нақди «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-ро аз ҷониби Сурурӣ ва дигар фарҳангнигорон саҳеҳ мешуморад: «Ба навбати худ тавассути Рашидуддин соҳиби «Фарҳанги Рашидӣ» ва Муҳаммадқосими Сурурӣ муаллифи «Маҷмаъ-ул-фурс» ва Хони Орзу соҳиби «Сироҷ-ул-луғот» мавриди интиқоди воқеӣ қарор дода шудааст ва онон хуб ҳам дар ин боб ҳаққи матлабро адо намудаанд» [44,85].

Яъне, баъди Сурурӣ низ дигар фарҳангнигорон аз ин фарҳанг чун сарчашма истифода бурдаанд ва ҳамзамон мавриди нақду баррасӣ қарор додаанд.

### 2. Нақди «Меъёри Ҷамолӣ»-и Шамси Фахрӣ

*Омор* - (ба мадди «алиф») дар «Туҳфа» ва «Рисолаи Ҳусайн Вафоӣ» ба маънии истиқсо ва татаббуъ ва ҳисоб бошад ва «оморгир», яъне муҳосиб ва дар «Шарафнома» «омор»-у «овор»-у «омора» ва «овора» ҳисоб бошад. Аммо Шамси Фахрӣ «омор»-ро ба маънии марази истисқо оварда ва гуфта:

*Ҳасуди ҷоҳи ту беоб дар тамузафтан,*
*Мабод ҷуз ба биёбон фитодаи омор.*

Ва ин хилофи ҷамъе муаллифон аст ва ғолибан дар ин луғат Шамси Фахриро саҳве воқеъ шуда [116,35].

Дар фарҳангҳои асримиёнагӣ ва дар «Луғати Деххудо» [105,ҷ.1,203] низ ин калима ба шакли «омор», «омора», «овор», «овора» омада ба маънии шумор ва ҳисоб шарҳ дода шудааст.

### 3. Танқиди «Луғати Ҳалимӣ»:

*Барғоб* - (ба «ро»- и муҳмала ва «ғайн»- и муъҷама ба вазни маҳтоб) банди об бошад, яъне кӯе, ки об дар он ҷамъ шавад, казо фӣ - «Шарҳи Сомӣ»

ва дар «Нусхаи Ҳалимӣ» (бо «зо»-и муъҷама) омада, аввал асаҳ аст [116,119].

Дар «Бурҳони қотеъ» низ «барғоб» бар вазни ғарқоб, банди обест, яъне ҷое, ки пеши обро бибананд, то об дар он ҷамъ шавад [103,ҷ.2, 258].

Ва бояд қайд кард, ки ин калима имрӯз дар таркиби луғати забони ҳозираи тоҷикӣ дар шакли «варғ», «варғоб», «варғбанд» боқӣ мондааст.

Яъне, Сурурӣ калимаи «барғоб»-ро на бо «зо»-и муъҷама, балки бо «ро»-и муҳмала мувофиқи «Шарҳи Сомӣ» дуруст мешуморад ва «Нусхаи Ҳалимӣ»-ро дар ин маврид эътироф намекунад.

**4. Нақди «Туҳфат-ул-аҳбоб»**

*Хашинпанд* - дар «Туҳфа» ва «Нусхаи Вафоӣ» заған бошад ва бо ин байти Фаррухӣ тамассук намуданд:

*То набувад чун ҳумой фаррухкаргас,*

*То ки набошад назири бози хашинпанд.*

Аммо он чӣ ба хотири ин заиф мерасад он аст, ки андак саҳве эшонро воқеъ шуда, зеро ки хашин чизе кабудранг бошад ва бози хашин бозеро гӯянд, ки ранги ӯ ба кабудӣ моил бошад ва бағоят гавҳарӣ ва сайёд бошад ва панд ба маънии ғалевоз аст, пас маънии шеър он бошад, ки то ғалевоз бози хашин набошад, на он ки хашинпанд номи ғалевоз аст ва ба ғайр аз эшон дигар кас ин луғатро наёварда [116,425].

Нақди Сурурӣ ҳақиқати ҳол дорад, зеро дар «Луғати фурс» зери калимаи «панд», яъне зағану ғалевоҷ байти мазкур омада, мисраи дувумаш чунин аст:

*То ки набошад назири бози хашин панд* [135,136].

**5. Нақди «Муайййд-ул-фузало»**

*Хиракуш* - (ба замми «коф») яъне заифкуш ва саркаш. Мисол Шайх Саъдӣ гӯяд:

*Гаҳаш ҷанг бо ҳокими хиракуш,*

*Гаҳ аз бахти баргашта рӯяш туруш.*

Казо фӣ-л- «Муаййид». Аммо ба хотир мерасад, ки чун хира ба маънии бесабабу ҳарза бошад. Агар хиракушро ба маънии бесабабкуш қарор диҳем, беҳтар аст. Чӣ хира ба маънии заиф ҷое ба назар нарасида [116,446].

**6. *Нақди «Фарҳангномаи Вафоӣ»***

*Хав* - (ба фатҳи «хо») чӯббанде, ки биноиён бар сари он истанд ва кор кунанд... ва Ҳусайн Вафоӣ гӯяд, ба маънии қолаби тоқ низ омада ва ин байтро муайиди қавли худ оварда:

*Ҳар ҷо ки иморати нав оғоз кунанд,*

*Дар гардани тоқи он хаве соз кунанд.*

Ва ба хотири ин заиф мерасад, ки аз ин байт низ маънии чӯббаст истинбод метавон кард, ба воситаи он ки ба маънии қолаби тоқ дар ҳеҷ нусха наёмада [116,470].

Дар «Бурҳони қотеъ» низ «хав» ба маънои чӯби биноӣ бошад, ки биноиён ва куттобанависон ва наққошон дар даруну беруни иморат тартиб диҳанд ва бар болои он рафта кор кунанд [103,ҷ.2,778]

**7. *Нақди «Шарафнома»***

*Сапедпо* - яъне муборакқадам. Ва дар «Шарафнома» номи таоме низ бошад, ки «мостабо» низ гӯянд. Аммо ба хотири ин заиф мерасад, ки ин маънӣ «бо»-и дувум тозӣ бояд ва асаҳ он аст, ки сапедпо ошест, ки қотиқ надошта бошад [116,712].

Дар «Бурҳони қотеъ» низ «сапедбо» (бо «бо»-и абҷад, бо «алиф»-и кашида) ба маънии оши мост аст, ки мостбо бошад, чӣ «бо» ба маънии «ош» аст. «Сапедпо» - (бо «бо»-и форсӣ бо «алиф»-и кашида) ба маънии муборакқадам ва хуҷастапай бошад, бар хилофи сабзпо, ки номуборакқадамро гӯянд [103,ҷ.2,1093].

*Садо* - овозе, ки дар кӯҳу гунбаду амсоли инҳо афтад... ва дар «Шарафнома»-ву «Муайид» ба фурс овардаанд ин луғатро, аммо арабӣ аст [116,909].

Дар ҳақиқат, «садо», ки бо «сод»-и арабӣ омадааст, ба забони тоҷикӣ овоз, ово, савт мебошад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ арабӣ будани

он ишора карда шуда, бо муродифоти тоҷикӣ тафсир карда шудааст [137,ч.2,174].

*Тармуш* –(ба фатҳу сукуни «ро»-и муҳмала ва замми «мим») номи гиёҳест, ки онро «тур» ва «тармус» (ба «син»-и муҳмала) низ гӯянд казо фӣ-л- «Муайид» ва асаҳ он аст, ки боқилаи мисрӣ аст [116,301].

Дар «Бурҳони қотеъ» ин калима дар шакли «тармус» ба маъниҳои гиёҳ ва ҳам боқила шарҳ дода шудааст, дар шакли «тармуш» ба маънии гиёҳ омадааст [103,ч.1,490].

***8. Нақди «Кашф-ул-маҳҷуб»***

*Ангалюн* - (ба фатҳи «ҳамза» ва «коф»-и форсӣ ва замми «йо»-и ҳуттӣ) китоби тарсоён бошад... ва дар китоби «Кашф-ул-маҳҷуб» таълифи Алӣ ибни Усмони Ҷуллобӣ, ки аз кутуби муътабараи сӯфия аст, мастур аст, ки дар ҳар чизе, ки аҷоиб бисёр бошад юнониён ангалюн гӯянд ва дар Рум чизе сохтаанд бар мисоли руде дар бемористон аст, сахт аҷиб ва дар ҳафта ду рӯз беморонро он ҷо баранд ва онро бинавозанд, то беморон бишнаванд ва онро низ ангалюн гӯянд, интаҳа каламуҳу. Ва ба хотири ин заиф мерасад, ки он арғанун бошад [116,74]

«Арғанун» дар «Бурҳони қотеъ» ба маънои сози румиён аст, ки онро Афлотун вазъ карда ва ҷамъи созҳо низ бошад. «Ангалюн» бошад ба маъноҳои китоби Инҷили Исо, китоби Монии наққош ва номи дебои ҳафтранг аст [103,ч.1,177].

Яъне, Сурурӣ номи созро ба дурустӣ «арғанун» гуфта, на «ангалюн», ки ба маънои китоб будааст.

Ҳамин зайл, Сурурӣ аз 24 фарҳанге, ки чун сарчашмаи кори луғатнигории хеш қарор додааст, 8 фарҳангро бо назари интиқодӣ низ истифода намудааст. Чӣ тавре ки аз муқоисаву муқобалаи фарҳангҳо маълум гардид, дар аксарият маврид нақди Сурурӣ саҳеҳ ба назар мерасад.

Бояд таъкид кард, ки нақди фарҳанг андар фарҳанг пеш аз Сурурӣ воқеъ буда, аммо боризан нишон дода нашудааст. Дар заминаи нақди Сурурӣ аносири нақд дар фарҳангнигории асрҳои минбаъда боз ҳам такмил ёфт,

мисоли онро дар «Фарҳанги Рашидӣ» ва «Сироҷ-ул-луғот» мушоҳида кардан мумкин аст.

### II.3.2. Унсурҳои шарҳ дар фарҳанг ва шарҳи мусталеҳоти адабӣ

Дар «Фарҳанги Сурурӣ» якчанд унсур ва усулҳои шарҳнигорӣ ба назар мерасад:

1. **Шарҳи мухтасари воҳидҳои луғавӣ**, бо як калима ва ё ҷумла:

*Боруз* - (ба вазни «Довуд») намакчин аст [116,135].

*Паркӯк* - (ба «ро»-и муҳмала ба вазни мафлук) иморат бошад [116,240].

*Қатрадузд* - яъне офтоб [116,1638].

2. **Шарҳи муфассали моддаҳои луғавӣ**

А) ***Шарҳи муфассал бо истиноди сарчашмаву абёти шоҳид***

Сурурӣ баъзе калимаҳоро чунон муфассал шарҳ додааст, ки ҳатто шарҳи як калима чанд саҳифаро фаро мегирад. Аз ҷумла, калимаҳои «*Армоил*» [116,65], «*ангалюн*» [116,73-74], «*бар*» [116,139], «*дебои хусравӣ*» [116,589], «*сурхоб*» [32,714], «*сиринд*» [32,729], «*самандар*» [32,741], «*сӣ лаҳн*» [32,779], «*шаст*» [116,834], «*шанаг*» [116,872], «*тироз*» [116,912], «*Кашмир*» [116,1055] ва ғайраҳо хеле муфассал шарҳ дода шудаанд. Муаллиф аз сарчашмаҳо, яъне фарҳангҳо истинод меорад, чандин маънои вожаро зикр менамояд ва ба ҳар як маънои он шавоҳиди ҷудогона сабт менамояд.

Дигар аз вижагиҳои «Фарҳанги Сурурӣ» ин муқоиса ва мутақобилаи фарҳангҳои пешин ва муосир дар шарҳу тафсири маънои калимаву ибораҳост. Муаллиф баъзан моддаи луғавиро маънидод менамояду баъдан аз дигар фарҳангҳо иқтибос оварда, фикрашро пурра менамояд. Ва ё тафсирро аз иқтибос оғоз менамояду аз дигар фарҳангҳо маъниҳои навро оварда ба шарҳи калима тақвият мебахшад. Чунончи, дар шарҳи калимаҳои «*омор*» [116,35], «*авбор*» [116,39], «*ангуз*» [116,43], «*ос*» [116,47], «*омарг*» [116,52], «*усу*» [116,90], «*бугро*» [116,117], «*бикёсо*» [116,118], «*бачаст*» [116,120], «*балодар*» [116,142], «*холушк*» [116,453], «*холистон*» [116,466], «*рихбин*» [116,626], «*зимнух*» [116,655], «*самандар*» [116,741], «*шавниз*» [116,857],

«*тироз*» [116,912] ва садҳои дигар ин гуна калимаҳо аз усули шарҳи муқоисавии фарҳангҳо истифода бурдааст. Дар тавзеҳи маънои як калима аз ду то ҳашт сарчашма зери назари муаллиф қарор гирифтааст. Чунончи:

*Баҳор* - маъруф... ва дар «Адот-ул-фузало» номи хонаест дар Туркистон ва гули зард. Ва дар «Шарафнома» номи ҷазираест. Ва дар «Туҳфат» хонаи мунаққаши пурнигорро гӯянд ва дигар ба маънии оташкада низ омада. Муайиди ин маънӣ Шайх Низомӣ гӯяд дар «Иқболнома»:

*Баҳори дилафрӯз дар Балх буд,*
*К-аз он сурхгулро даҳон талх буд.*
*Зада мӯбадаш наъли заррин бар асб,*
*Шуда номи он озар Озаргушасб.*

Ва дар «Зуфонгӯё» «баҳор» ба тозӣ гулест, ки онро ба форсӣ «говчашм» гӯянд. Ва дар «Лисон-уш-шуаро» номи хиттаест дар Ҳиндустон. Ва дар «Фарҳанг» номи ҳар гул бошад умуман ва гули норинҷ бошад хусусан... [116,137]

Гоҳо аз фарҳангҳои дигар иқтибосҳо меорад ва дар охир бо фикри худ шарҳро ҷамъбаст менамояд:

*Самандар ва самандур* - дар «Нусхаи Мирзо» мушест, ки дар оташ зиндагонӣ кунад чун моҳӣ дар об... Ва дар «Нусхаи Вафоӣ» марқум аст, ки мурғест, ки дар оташ зиндагонӣ кунад ҳамчу моҳӣ дар об. Ва дар «Туҳфат» гӯяд карбосаест, яъне монанди сусмор ҷонварест, ки дар оташ равад ва басе дар оташ бошаду аз мӯйи ӯ ҷома кунанд ва подшоҳон аз пӯстинаш чатр кунанд, то гармӣ боз дорад... Ва дар «Фарҳанг» мастур аст, ки Самандур номи шаҳрест аз Ҳинд низ, ки уд аз он оранд...

Ва Самандар номи шаҳре низ бошад, ки дахмаи Гаршосб ва дигар паҳлавонони Зобул он ҷо бувад, чунонки Ҳаким Асадӣ гӯяд:

*Ба шаҳри Самандар кунам дахма соз,*
*Ки то кас надонад раҳи дахма боз* [116,741].

Чӣ тавре ки аз мисолҳо маълум шуд, Сурурӣ барои боэътимод шудани шарҳу тафсири калимаҳо аз сарчашмаҳо босамар истифода бурдааст.

Ҳангоми тафсири вожаҳо ҳар маъное, ки дар фарҳангҳои зери истифодааш қарор дорад, аз мадди назари ӯ дур намондааст. Ва аз сарчашмаҳои пешин истинод овардани муаллиф аҳамияти фарҳангро боз ҳам афзудааст.

Ва ё дар шарҳи калимаи *«шаст» (бо «син»)* *маъниҳои «оҳани каҷи моҳигирӣ», «ангушти тирафкан», «наштари фасод»*-ро дар алоҳидагӣ оварда ба ҳар як маънӣ аз шоирон – Сӯзанӣ, Шайх Саъдӣ, Шамси Фахрӣ, Ҳаким Саноӣ абёти шоҳид меорад. Баъдан аз фарҳангҳои «Нусхаи Вафоӣ», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Шарафнома» маъниҳои *«хами зулф», «ҳалқаи каманд», «мизроби созҳо», «занон», «адади муайян»*-ро бардошт намуда, ба ҳар яки ин маъниҳо аз ашъори Сироҷиддини Сагзӣ, Устод Рӯдакӣ, Ҳаким Саноӣ ва аз «Ҷоми Ҷам»-и Авҳадӣ байтҳои шоҳид овардааст. Дар охир шакли калимаро бо касри «шин», яъне *«шист»* оварда ба маънии «нишаст» сабт менамояд ва аз Амир Хусрав байт меорад. Чӣ тавре ки аз таҳлили фавқ маълум гашт, ки Сурурӣ воҳиди луғавии «шаст»-ро ба нуҳ маъно тафсир карда, аз нуҳ шоир ҳамагӣ ёздаҳ байти шоҳид меорад. Ва ин далели он аст, ки соҳиби фарҳанг аз сарчашмаҳо хеле самаранок истифода бурдааст ва ҳеҷ як маънои вожа аз мадди назари ӯ дур намондаасту ба ҳар яки он маъниҳо абёти мувофиқ аз ашъори шуаро ёфта дар фарҳанг ҷойгир кардааст.

Б) ***Шарҳи калима бо зикри қиссаву ривоёт***

Сурурӣ дар шарҳи калимаву ибороти тафсиршаванда қиссаҳо аз зиндагии ашхоси таърихӣ, воқеаҳои асарҳои бадеӣ марбут ба қаҳрамонҳои он, ҳодисаҳои таърихӣ, афсонаву ривоёти халқӣ, назарияҳои пайдоиши ин ё он ашёву мавзеъҳои ҷуғрофиро дар моддаҳои луғавӣ батафсил меорад. Аммо маъхази ин ривоёту ҳикоятро зикр намекунад. Ин қиссаҳо дар адабиёти бадеӣ, осори шуарои форсу тоҷик бештар дар ҳамин шаклу маънӣ паҳн гардида буданд. Вале чун аксари онҳо асоси илмӣ надоранд, танҳо дар адабиёти бадеӣ боқӣ мондаанду дар ҳаёти воқеӣ қобили қабул нестанд. Аммо бояд таъкид кард, ки зикри ин гуна қиссаву ривоёти халқӣ дар фарҳангҳо ҳини тафсири маънии матни адабиёти классики тоҷик ба хонанда кӯмак медиҳад. Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ҳангоми тафсири калимоту ибороти

«*дарахти Фарҳод*» [116,33], «*Андарус*» [116,46], «*Истаранг*» [116,59], «*Армоил*» [116,65], «*Аҳнуҷашӣ*» [116,110], «*Ирмонсарой*» [116,114], «*Оинаи Искандарӣ*» [116,114], «*Бармак*» [116,162], «*хависа*» [116,482], «*дарӣ*» [116,588], «*Зардушт*» [116,651], «*зари ҷаъфарӣ*» [116,699], «*Самарканд*» [116,728], «*Кашмир*» [116,1055], «*дарахти вақвоқ*» [116,1490] қиссаву ривоёти ҷолибе оварда шудааст. Чунончи:

*Самарканд* - номи шаҳрест маъруф аз Мовароуннаҳр. Ва ваҷҳи тасмияи он дар таворих чунин ба назар расида, ки Шамар ибни Африқус ибни Абраҳа понсад ҳазор мард дошт, азми Чин кард чун ба Самарқанд расид, аҳли он бар вай осӣ шуданд, Шамар муҳосира кард, шунид, ки мулуки Самарқанд духтаре ҷамила дорад ва азбаски аҳмақ аст, мадори мулки ӯ бар духтар аст, пас Шамар расуле назди он духтар фиристод бо ҳадяи бисёр, ки нузули ман дар ин мавзеъ ба ҷиҳати туст ва акнун чаҳор ҳазор сандуқ аз нақду аз ҷинс ва аз нафоис дорам ва чун озими Чинам он санодиқро назди ту мефиристам баъд аз мурочиат он чӣ салоҳи туст, чунон хоҳам кард, воло фидои ту. Духтар иҷобат кард, Шамар дар ҳар сандуқе марди мусаллаҳ нишонд ва аз ҳар дарвозае ҳазор сандуқро ба дарун фиристод ва аломати хуруҷи он далерон аз санодиқ садои ҷарасро қарор дод. Ҳамин, ки ҷарас баромад он далерон баромаданд ва шаҳрро гирифтанд ва ниҳебу қатл карданд ва шаҳрро харобу ябоб карданд ва шаҳрро Шамарканд ном карданд ва ба мурур Самарканд шуд ва араб Самарқанд гӯянд... [116,729]

В) ***Шарҳи абёти шоҳид***

Сурурӣ дар тафсири вожаҳо барои возеҳ гаштани маънӣ абёти шоҳиди зикршавандаро низ шарҳ додааст. Ташреҳи мисолҳо маънии воҳидҳои луғавиро боз ҳам равшантар нишон медиҳанд ва дар таҳлили матни адабиёти классикӣ саҳм гузоштааст. Чунончи:

*Перостан* - ду маънӣ дорад: аввал зинат додану оростан, дувум буридани шохҳои зиёда аз дарахту боғ. Мисоли маънии аввал Сироҷиддини Роҷӣ гӯяд:

*Зи перостан бениёзӣ чунон,*

*Ки Хуршед тобад зи нури Суҳо.*

Мисоли маънии дувум Унсурӣ гӯяд:

*Кай айби сари зулфи бут аз костан аст?*

*Чӣ ҷойи ба ғам нишастану хостан аст.*

*Рӯзи тарабу нишоту май хостан аст,*

*К-оростани сарв зи пиростан аст.*

Сабаби назми ин рубоӣ он аст, ки Султон Маҳмуд шабе дар ҳолати мастӣ зулфи Аёзро бурид ва сабоҳ, ки ҳушёр шуд, бағоят мутааллим ва озурда гашт, чунонки аз ғояти алам бор надод ва таом нахӯрд. Ҳаким Унсурӣ ба сайқали ин рубоӣ занги ғам аз оинаи табъи Султон бизудуд ва ӯро бар сари нишоту тараб овард ва силаи гаронмоя ёфт [116,248].

Ё дар мавриди шарҳи калимаи «ромуз» қитъаи Шайх Озариро чунин шарҳ медиҳад:

*Ромуз* - (ба замми «мим») нохудо бошад. Мисолаш Шайх Озарӣ гӯяд:

*Тан чу киштист андар ин дарё,*

*Раҳбару бодбон-ш фазлу ато.*

*Ҳаст ромуз муршиди комил,*

*Ки барад мар туро суи соҳил.*

Казо фӣ-л-«Фарҳанг». Аммо чун ба «Ғароиб-уд-дунё»-и Шайх Озарӣ руҷӯъ кардем, ки қитъаи мазкур аз он аст, гуфта, ки ромуз номи моҳиест реза ва аммо бағоят шуҷоъю далер бошад ва ба одамӣ унси тамом дорад ва бо киштӣ ҳамроҳ бошаду агар моҳиёни бузург қасди киштӣ кунанд, ӯ ҳимоят кунад ва онҳо саросема шуда, аз қасди киштӣ бигзаранд. Ва ин маъниро чунин ба назм оварда:

Қитъа:

*Моҳие хурд номи ӯ ромуз,*

*Лек беҷангҷӯю кинаандӯз.*

*Одамидӯст бошад он моҳӣ,*

*Мекунад бо сафина ҳамроҳӣ.*

*Гар бувад моҳиёни ноҳамвор,*

*Мисли қустову бол ё муншор.*

*Ҷониби гӯш ояд аз бар-шон,*

*Дарравад ӯ ба косаи сар-шон.*

*Аз мусибат зананд сар бар санг,*

*То бимиранд бе василаи ҷанг.*

Ва он ду байти марқум баъд аз ин аст [116,612].

Сурурӣ барои шарҳи ду байти Шайх Озарӣ, ки ҳамчун истиноди калимаи «ромуз» овардааст, ба «Ғароиб-уд-дунё»-и Шайх Озарӣ муроҷиат мекунад ва барои тақвияту ташреҳи он абёт 5 байти аввали он қитъаро зикр мекунад.

Муаллифи фарҳанг гоҳ байти шоҳидро аз рӯйи қиссаву достонҳои маъмул ва ҳолати қаҳрамонҳои он ташреҳ медиҳад:

*Кӯҳистон* - пеш аз ин Самарқандро мегуфтаанд. Аммо ҳоло ҳар кӯҳсорро гӯянд казо фӣ «Шарафнома» ва дар «Фарҳанг» Кӯҳистон номи шаҳрест аз Хуросон ва муаррабаш Қаҳистон аст. Мавлавии «Маънавӣ» гӯяд:

*Дар Бухоро бандаи садри ҷаҳон,*

*Муттаҳам шуд, гашт аз садраш ниҳон.*

*Муддати даҳ сол саргардон бигашт,*

*Гаҳ Хуросон, гаҳ Куҳистон, гоҳ дашт.*

Ба хотири ин заиф мерасад, ки аз ин шеър маънии аввал беҳтар собит мешавад. Аммо аз ин ду байти Фахриддини Гургонӣ, ки аз забони Ромин ба бародараш, ки шоҳ Мӯбад бошад мегӯяд, дар ҳине, ки ба воситаи дурии Вис дилгир шуда ва таморуз карда ва шикор кардан дар Табаристонро баҳона сохта ва мехоҳад, аз Марв ба Моҳобод, ки Вис он ҷост, биравад:

*Шавам з-ин ҷо сӯйи Гургону Сорӣ,*

*Бипарронам дар он бози шикорӣ.*

*Чу шаш маҳ бигзарад рӯзе напоям,*

*Зи Куҳистон сӯйи шоҳаншаҳ оям.*

Чунин зоҳир мешавад, ки Куҳистон Мозандарон аст, ки Табаристон низ гӯянд [116,1110].

Дар ин маврид муаллифи фарҳанг ду байти Фахриддини Гургониро аз рӯйи маснавии «Вис ва Ромин» шарҳ додааст, аммо Куҳистон ва Қаҳистон на Мозандарон, балки қисме аз Хуросон будааст [116,1110]. Бо вуҷуди ин, Сурурӣ кӯшидааст, то ки мазмуни байтро вобаста ба сужаи асар шарҳ диҳад.

Аз таҳлилу баррасии фарҳанг бармеояд, ки Сурурӣ ҳангоми тафсири моддаҳои луғавӣ чанд роҳи шарҳро пеш гирифтааст, яъне шарҳи мухтасар ва шарҳи муфассал. Шарҳи мухтасар бидуни зикри шоҳид бо як калимаю ибора ва ё ҷумла тафсир ёфтааст. Дар шарҳи муфассал бо истифода аз иқтибоси сарчашмаҳо, овардани байти шоҳид ба ҳар як маъно, зикри қиссаву ривоёт марбут ба моддаи луғавӣ ва шарҳи мазмуни абёти шоҳид ба назар мерасанд.

### 3. Шарҳи мусталеҳоти адабӣ дар «Маҷмаъ-ул-фурс»

Тавре марбут ба сохти фарҳанг қайд кардем, қисмати хотимавии он «Истиороту киноёт» ном дорад. Дар ин қисмат муаллиф ибораву таркибҳои маҷозӣ, киноёту истиороти шоиронаи ашъори мутақаддимро бо забони сода шарҳу тавзеҳ намудааст, ки арзиши адабии онро бозгӯӣ менамояд. Зеро маърифати адабиёту маънавиёти ниёгон фазлу дониш ва огоҳии кофиро тақозо менамояд, ки ба воситаи сарчашмаҳои муътамаде чун фарҳангҳо дари ҷаҳони маънишиносиро боз кардан мумкин аст. Дар қисмати «Киноёту истиорот»-и фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ибораҳои маҷозӣ дар шакли феъли масдарӣ аз рӯйи ҳарфи аввал ҷойгир карда шудааст. Сурурӣ на танҳо дар қисмати хотимавӣ, балки дар ҳар боб баробари тафсири вожаҳо ин гуна таркибу ибораҳоро низ ташреҳ кардааст. Масалан, дар боби «алиф» ибораҳои *«Оинаи Искандарӣ»* [116,114], *«оташи порсӣ»* [116,114], «*абрӯфарохӣ»,* дар бобҳои «бо» ва «то» ибораҳои *«бостор ва бистор»* [116,136], *«паку лак»* [116,284], *«тибу шеб»* [116,324] ва ғайраҳоро тафсир намудааст. Дар қисмати «Истиороту киноёт» ибораву таркибҳое ҷо дода шудаанд, ки бахше аз онҳо аз фарҳанги мардумӣ бар осори шуаро интиқол ёфтаанд, дигар киноёту истиороте, ки маҳсули тахайюли худи шоир буда, баъдан дар адабиёти бадеӣ роиҷ гаштааст. Сурурӣ дар ин боб ҳамагӣ 576 ибораҳои шевои шоиронаро тавзеҳ додааст. Ин киноявy истиораҳо бештар бо

ашъори адибони сабки Ироқӣ истинод ёфтаанд. Киноёту истиороти ба амсоли «*оҳуе монда гирифтан», «об дар ҷӯй», «об аз сари ҷӯйи ишва бастан», «об дар ҷигар надорад», «оҳуи симин», «ба дандон будан», «бо саг дар ҷувол шудан» , «Бағдоди хароб» , «ба об андар шакар дорад» , «тарозуи пӯлодсанҷон», «ҷома дар дандон гирифтан», «ҷомаи хуршед», «хотуни ҷаҳон ё хотуни яғмо», «хуни дил ба нохун расидан», «дафтари поринаро гов хӯрад», «духтари офтоб», «дасти ту бар сари ман», «рахт бар саҳро кашидан», «рӯбоҳи зард», «зин бар гов ниҳодан», «табл зери гилем», «қалам даркашидан», «дар ғӯрагӣ мавиз шудан», «сипар бар об афкандан», «қиблаи деҳқон», «қофия танг шудан», «гурбаро аз бағал афкандан», «киса ба собун задан», «ба чароғе расидан», «дегдони сард», «равған ба рег рехтан», «зодаи шаш рӯз», «саройи нуҳуфт», «сиёҳнома», «шаҳи нимрӯз», «дарахти вақвоқ», «маҳтоб паймудан», «наъли вожгун»* ва ғайраҳоро маъникушоӣ менамояд. Масалан,

*Об аз сари ҷӯйи ишва бастан* - киноя аз тарки фиреб кардан бошад. Мисолаш Анварӣ гӯяд:

> *Аз сари ҷӯйи ишва об бубанд,*
>
> *Беш аз ин гирди пойи ҳавз магард*! [116,1574]

*Оҳуи симин* - яъне соқӣ. Хоқонӣ гӯяд:

> *Чанд хоҳӣ зи оҳуи симин,*
>
> *Гови заррин, ки мехӯрад гулнор*?! [116,1577]

*Хуни дил ба нохун расидан* - киноя аз гиристану сина харошидан бошад. Мисолаш Хоқонӣ гӯяд:

> *Ба нохун расад хуни дил баҳру конро,*
>
> *Ки ҳар нохунаш Маъну Нуъмон намояд* [116,1604].

*Дегдони сард* - киноя аз бахил бошад. Мисолаш Шайх Саъдӣ гӯяд:

> *Ба лутфу сухан гармрӯ мард буд,*
>
> *Вале дегдонаш аҷаб сард буд* [116,1608].

*Гурбаро аз бағал афкандан* - киноя аз тарки макру ҳила кардан бошад. Фалакии Шарвонӣ гӯяд:

*Иззи валияшро азал гурба фиканда аз бағал,*

*Амри адуяшро аҷал гурги фиканда дар гала* [116,1247].

Аз санадҳои дар боло зикршуда маълум мегардад, ки Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки бештар истилоҳоту таъбироти шоиронаи суханварони сабки ироқиро, ки ба тариқи мисолия мавриди истифода қарор дода шудаанд, шарҳ диҳад, то ки хонанда матлаби аҳли қаламро дуруст дарк намояд. Яъне, дар луғатнома як қатор калимаҳое шарҳ ёфтаанд, ки дар баробари маънии луғавӣ тобишҳои бадеӣ доранд ва дар сурати нафаҳмидани маънӣ дарки матлаби шоирон ба мутолиагар мушкилӣ эҷод менамояд. Дар маъникушоии мусталеҳоти адабӣ аз осори шоирони сабки ироқӣ ба монанди Хоқонии Шарвонӣ, Ибни Ямин, Сироҷиддини Роҷӣ, Анварии Абевардӣ, Бӯисҳоқи Атъима, Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Фалакии Шарвонӣ, Асирии Ахсекатӣ, Саъдии Шерозӣ ва Низории Қаҳистонӣ абёти шоҳид истинод намудааст. Ибороту таркиботи малеҳонаву шоирона бо маънои маҷозӣ шарҳ дода шуда, ба ин восита маънии байт равшан карда шудааст:

*Об дар ҷигар надорад* - ҳар ду киноя аз муфлисӣ аст. Мисоли аввал Ибни Ямин гӯяд:

*Дар ҷигар гарчи маро з-оташи фақр об намонд,*

*Лек баҳрест кафи роди ту бар оби навол* [116,1575].

Ё дар мавриди таъбири «*бо саг дар ҷувол шудан*» чунин шарҳ овардааст: киноя аз ҳамхонаи бадон шудан ва бо ҳарзагӯён муориза кардан. Мисолаш Анварӣ гӯяд:

*Тамаъгӯ гурба дар анбон фурӯшад,*

*Ки бухл имрӯз бо саг дар ҷувол аст* [116,1582].

Дар ин қисмат Сурурӣ бо шарҳи зиёда аз 500 мусталеҳоти адабӣ назари муҳаққиқона ва маънишиносии шоиронаи хешро ошкор сохтааст. Фарҳангнигор ҳаддалимкон умқи маъниҳо ва томияти матлабҳоро дар иртибот бо асноди шоҳидашон тавзеҳ дода, мафҳумҳоро ба фарохӣ ба қалам овардааст. Шарҳи ин гуна иборахои шоирона бинобар тобиши маҷозиву

мафҳуми истиоравиашон арзиши адабии фарҳангро баланд бардоштааст. Инчунин таҳқиқу омӯзиши ин гурӯҳи таркиботу иборот дар шинохти ҷанбаҳои иборасозии назми классикӣ барои илми забоншиносии муосир низ маводи хуби илмӣ дода метавонад.

Ин гуна кинояву истиорот дар адабиёти тоҷик дар ашъори суханварони асрҳои XII-XIII бештар роиҷ гашта, минбаъд дар осори шуарои сабки ироқӣ ва ҳиндӣ густариш ёфт. Баъзеи онҳо таъбирҳои мардумӣ бошанд, баъзеи дигар истилоҳоти маҳсули тахайюлоти шоирона аст. Масалан, ибораи *«дасти ту бар сари ман»*, ки аслан сарчашмааш аз таъбироти халқ аст, чунин тавзеҳ ёфтааст: киноя аз он аст, ки он чӣ туро муяссар шуда маро низ муяссар шавад. Мисолаш Сироҷиддини Роҷӣ гӯяд:

*Ҳар куҷо дид мурдае хасмат,*

*Гуфт дасти ту бар сари ман бод* [116,1614].

Ё ки таъбири *«киса ба собун задан»* - киноя аз холӣ кардани киса бувад ва он чӣ дар он аст, харҷ кардан. Мисолаш Хоқонӣ гӯяд:

*Хоқонӣ аз чашму забон, пеши ту шуд гавҳарфишон,*

*Ту умри ӯро ҳар замон киса ба собун мезанӣ* [116,1649].

Сурурӣ ҳамин гуна таркибу ибороти шоиронаро ба танзим даровардааст, ки он барои ҳалли мушкилоти киноёту истиороти назми то замони соҳиби фарҳанг нақши муҳим дорад. Ин таъбирҳои шоирона дар адабиёти минбаъда низ аз тарафи шоирон истеъмол гардидаанд. Дар фарҳангҳои минбаъда низ шарҳу тавзеҳи истиорот ва киноёт роиҷ гаштаанд. Муаллифони «Фарҳанги Сурурӣ» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» нисбат ба фарҳангҳои пешина бештар ба тафсири таркибу ибораҳои маҷозӣ даст зада буданд ва ин анъана дар фарҳангҳои «Бурҳони қотеъ», «Шамс-ул-луғот», «Фарҳанги Онандроҷ», «Фарҳанги адабиёти форсӣ»-и Заҳрои Хонларӣ ва «Фарҳанги мутародифот ва истилоҳот»-и Муҳаммад Подшоҳ идомаи худро ёфт. Дар фарҳангнависии муосири тоҷик адабиётшинос Абдулманнони Насриддин дар китоби «Фарҳанги мушкилоти адабиёт»-и худ калимоту ибороти маҷозимаъно ва

таъбирҳои шоиронаи шуарои адабиёти классики тоҷикро ба хонандаи имрӯза ҳаддалимкон шарҳу тавзеҳ додааст.

## Хулосаи боби II

1. Сарчашмаҳои «Фарҳанги Сурурӣ»-ро ба се қисмат ҷудо намудем: фарҳангҳои мутақаддим ва муосир, кутуби илмию соҳавӣ ва осори адабӣ. Сурурӣ дар таълифу таҳрири фарҳанги хеш аз 24 луғати пешина ва муосир истифода бурдааст. Муаллиф аз луғатҳои мутақаддимин дар шарҳу тавзеҳи луғатҳо ба таври қиёсӣ ба кор бурдааст. Дар ташреҳи истилоҳоти улуми гуногуни замон ва шарҳи ному насаби қаҳрамонони адабӣ, ҷойҳои таърихию ҷуғрофӣ, ҳодисаҳои табиат, номи набототу ҳайвонот ва киноёту истиороти мушкилфаҳми адабӣ аз осори илмию соҳавӣ ба фаровонӣ истифода намудааст.

2. «Фарҳанги Сурурӣ» асосан вожаву таркиботи форсии тоҷикиро фаро мегирад ва орӣ аз калимоту ибороти арабиву туркӣ мебошад. Қисмати асосии фарҳангро луғоти куҳани форсӣ-тоҷикӣ ташкил намуда, Сурурӣ дар кори луғатнигории хеш сарчашмаҳои муътамаде чун фарҳангҳо, девони ашъор ва кутуби соҳавӣ истифода бурдааст. Аксар луғати фарҳанг вожаҳое ҳастанд, ки решаашон ба паҳлавию суғдӣ тааллуқ дорад ва имрӯз ҳарчанд серистеъмол нестанд, аммо дар гӯшаву канори маҳалҳои таҳҷоии тоҷикон истифода мешаванд. Баъзеашон ҳатто ба таҳаввулоти овоӣ дучор шудаанд. Бояд зикр намуд, ки гирдоварии калимаҳои аслии форсӣ-тоҷикӣ дар фарҳанги мазкур барои аз байн нарафтани калимаҳои куҳнашудаи форсӣ-тоҷикӣ тавассути фарҳанги мазкур ва дигар фарҳангҳои тафсирии асримиёнагӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, дар мавриди ҳалли луғоти ашъори шоирони мутақаддимин ва дар тасҳеҳи ашъори шуарои гузашта кӯмак мерасонад.

3. Ҳамчунин, дар фарҳанг аносири нақд ба назар мерасад. Муаллиф аз 24 фарҳанге, ки чун сарчашмаи кори луғатнигории хеш қарор додааст, 8 фарҳангро бо назари интиқодӣ низ истифода намудааст. Чи тавре ки аз

муқоисаву муқобалаи фарҳангҳо маълум гардид, дар мавриди зиёд нақди Сурурӣ саҳеҳ ба назар мерасад. Сурурӣ асосан «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Меъёри Ҷамолӣ», «Луғати Ҳалимӣ», «Туҳфат-ул-аҳбоб», «Муаййид-ул-фузало», «Фарҳангномаи Вафоӣ», «Шарафномаи Манярӣ» ва «Кашф-ул-маҳҷуб»-ро мавриди нақду баррасӣ қарор додааст.

4. Сурурӣ дар фарҳанги хеш новобаста аз миқдору навъи шеър абёти шоҳидро аз ашъори шоирони гузаштаву ҳамзамононаш мувофиқи шарҳу тафсири худ интихоб намудааст. Аз навъҳои шеърӣ асосан навъи маснавӣ ба кор бурда шуда, навъҳои дигари шеърӣ ба амсоли қасида, қитъа, рубоӣ, тарҷеъбанд низ ба назар мерасанд. Аз осори насрӣ ба осори Саъдӣ ва Насириддини Тӯсӣ муроҷиат намудааст, ки ин вижагии хоси «Маҷмаъ-ул-фурс» маҳсуб меёбад, зеро дар фарҳангҳои асримиёнагӣ аз асарҳои насрӣ истифода бурдан хеле кам ба назар мерасад.

5. Дар фарҳанг аз ашъори шуарои классикии форсӣ-тоҷикӣ зиёда аз 10 ҳазор абёти шоҳид ба кор бурда шудааст. Санади шеърӣ ҳамчун маводи меҳварии фарҳанг истифода шуда, дорои якчанд хусусиятҳои илмиву адабӣ мебошад, аз ҷумла, он дар матншиносии осори адабӣ ва маърифати дурусти осори суханварон нақши бориз дорад.

6. Сурурӣ ҳангоми тафсири моддаҳои луғавӣ чанд роҳи шарҳро пеш гирифтааст, яъне шарҳи мухтасар ва шарҳи муфассал. Шарҳи мухтасар бидуни зикри шоҳид бо як калимаю ибора ва ё ҷумла тафсир ёфтааст. Дар шарҳи муфассал бо истифода аз иқтибоси сарчашмаҳо, овардани байти шоҳид ба ҳар як маъно, зикри қиссаву ривоёт марбут ба моддаи луғавӣ ва шарҳи мазмуни абёти шоҳид ба назар мерасанд.

7. Қисмати хотимавии фарҳанг «Истиороту киноёт» ном дорад. Дар ин қисмат муаллиф ибораву таркибҳои маҷозӣ, киноёту истиороти шоиронаи ашъори мутақаддиминро бо забони сода шарҳу тавзеҳ намудааст, ки арзиши адабии онро бозгӯй менамояд. Сурурӣ қариб 600 таркибу ибороти шоиронаро ба танзим даровардааст, ки он барои ҳалли мушкилоти киноёту истиороти назми то замони соҳиби фарҳанг нақши муҳим дорад. Ин таъбирҳои шоирона

дар адабиёти минбаъда низ  аз тарафи шоирон истифода  гардида, арзиши адабии фарҳангро боз ҳам  афзудааст.

# БОБИ 3. МАСОИЛИ МАЪРИФАТИ ШЕЪР ВА МАТНШИНОСИИ ОСОРИ АДАБИИ АСРҲОИ X-XI ДАР ФАРҲАНГИ СУРУРӢ

## III.1. «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ ва мақоми он дар маърифати ашъори суханварони асрҳои X-XI

Маърифати шеър яке аз масоили муҳими адабиётшиносӣ ба шумор рафта, тавассути он ҳар кас наметавонад, ба шинохти аслу ҳадафи шоир бирасад ва ба хусус, шеъри классиконро комилан дуруст дарк намояд. Ба андешаи адабиётшинос Абдулманнони Насриддин муҳимтарин қонунияти санъати суханварӣ, ки аз ҳунарҳои волои банӣ башар маҳсуб мешавад, қонуни маърифат аст [72,3]. Якчанд омилҳое мавҷуд аст, ки ба маърифати шеър мусоидат менамояд ва яке аз инҳо донистани луғати мушкилоти адабиётшиносӣ ва таркибу ибороти маҷозӣ мебошад. Бар ин асос, фарҳангҳо низ метавонанд ба ҳукми сарчашмаи муҳими маърифати афкор ва андешаҳои суханварон хидмат намоянд.

Ҳарчанд ашъори суханварони асрҳои X-XI бо сабки хуросонӣ суруда шудааст ва мисли сабки ироқиву ҳиндӣ печидагиву кинояҳои бисёр ҳам надорад, вале онҳо аз калимоту таркиботи куҳани форсӣ ва ибороти малеҳонаву шоирона ороста гардидаанд, ки бе донистани маънии онҳо маърифати ашъори мазкур ба хонанда даст намедиҳад. Дар ин маврид фарҳангҳои тафсирӣ ва муаллифӣ барои маърифати шеър ва дарки маънои онҳо мусоидат менамояд. Яке аз ин гуна фарҳангҳо «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонист, ки зиёда аз 2 ҳазор байти суханварони асрҳои X-XI-ро истинод намуда, калимаву ибороти мушкилфаҳми онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст. Чунончи:

*Ахкук* - (ба «хо»-и муъҷама ва «коф»-и аввал низ тозӣ, ба вазни «мафлук») зардолуе, ки норасида бошад. Мисолаш Асадӣ гӯяд:

*Зи фирӯзаву аз зумуррад дигар,*
*Намоянд ахкуки наврас ба бар* [116,56].

Барои дарки маънии ин байт то ба фарҳанг мурочиат нанамоему маънои калимаи «ахкук»-ро дарёфт накунем, матлабҳои аслии гӯянда бароямон номафҳум боқӣ мемонад. Калимаи «ахкук» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [137,ч.1,105] низ айнан ба ҳамин маънӣ тавзеҳ ёфта, ба унвони шоҳид низ ҳамин байти Асадӣ омадааст. Ба эҳтимоли зиёд шарҳи ин вожа иқтибос аз фарҳанги Сурурӣ ё дигар фарҳангҳои асримиёнагӣ бояд бошад. Чунки калимаи «ахкук» дар «Луғати фурс» ва «Сиҳоҳ-ул-фурс» ба чашм намерасад.

Калимаи «афтол», ки дар як байте аз қитъаи зерини Қатрони Табрезӣ омадааст, дар фарҳангҳои мутақаддим, аз ҷумла, «Луғати фурс», «Сиҳоҳ-ул-фурс» ва фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ [137,69]  ба назар намерасад. Аммо дар «Маҷмаъ-ул-фурс» чунин омадааст:

*Афтол* - (ба «то»-и дунуқта, ба вазни «афъол») пошанда ва парокандакунанда бошад. Мисолаш устод Қатрон фармояд:

*Ду навбаҳор падид омад андар аввали сол,*

*Зи фасли солу зи фазли шаҳи сутудахисол.*

*Аз ин баҳор шуда дасти ҷуд дурафшон*

*В- аз он баҳор шуда чашми абр дурафтол* [116,63].

Яъне, дар фасли навбаҳорон боридани боронро шоир чунин тасвир намуда ва онро дурафтол шуморида, яъне дурафшон, дурпош  ё чашми абри дурпошон тавзеҳ додааст. Ба унвони қофия истифода шудани калима ҳам хеле бомаврид қарор гирифтааст.

Ва ё калимаи «баш»-ро Сурурӣ чунин шарҳ медиҳад:

*Баш* - (ба фатҳи «бо») банде бошад, ки аз ҷиҳати маҳкамӣ бар сандуқҳо зананд ва «паш» (ба «бо»-и форсӣ) низ омада, мисолаш Абулмуайид гӯяд:

*Зи обнӯс даре андар ӯ  фарошта буд,*

*Ба ҷойи оҳан симин ҳама башу мисмор.*

Ва (ба замми «бо») мӯйи гардан ва ёли асбро гӯянд, мисолаш ҳаким Асадӣ фармояд:

*Ба ҷойи наъл моҳе баста бар пой,*

*Ба ҷойи дур(р) парвин баста бар буш.*

Ва дар фарҳанг ба маънии ҳар банди оҳан, ки бар сандуқҳо ва тахтаҳо ба ҷиҳати маҳкамӣ зананд, оварда. Барои мисол дар таъйиди маънии аввал ин байти Фирдавсӣ оварда ки:

*Чаро гуфт нагрифтамаш зери каш,*

*Ҳаме бар камар сохтам панҷа баш* [116,155].

Байти мазкур дар аксар нусхаҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба ин шакл омадааст:

*Чаро гуфт нагрифтамаш зери каш,*

*Ҳаме бар камар сохтам банд х(в)аш* [18,65].

Дар бархе нусхаҳои дигар ба ҷои (х(в)аш бандваш омада [18,65]. Маълум аст, ки шакли дар фарҳанг истифодашудаи байт ба малтаби гӯянда наздик аст, зеро ҳосили сухани шоир он аст, ки панҷаро бар камари худ мисли банди оҳан барои муҳкамӣ қарор додам. Баробари ин дар мисраи аввал истифодаи ибораи «зери каш нагрифтан» пайванди маъноии онро бо вожаи «баш» тақвият мебахшад.

Дар байтҳои мазкури Абулмуайид, Асадӣ ва Фирдавсӣ калимаи «баш» ва «буш» ба маъниҳои гуногун ба кор бурда шуда, Сурурӣ ҳар яки онҳоро мувофиқи маънии матлаби дар байт истифодашуда ташреҳ медиҳад.

Инчунин, калимаи «хим»-ро низ бо чанд маънӣ тавзеҳ дода, аз ашъори шоирон байти муносиб шоҳид меорад:

*Хим* - (ба вазни «бим») чанд маънӣ дорад: аввал чирке бувад, ки аз чашм ояд, мисолаш устод Мунҷик гӯяд:

*Ду ҷӯй равон дар даҳонаш зи хилм,*

*Ду хирман зада бар ду чашмаш хим.*

Дувум, ҷароҳат бошад. Мисолаш Унсурӣ гӯяд:

*Басо химаҳо карда буд ӯ дуруст,*

*Мар ин химаҳои варо чора чист?*

Савум, ҷуволе, ки ресмони он аз пунбакуҳна бошад, мисолаш Тайён гӯяд:

*Сабӯеву соғару онину ғӯлин,*

*Ҳасиру ҷойрӯбу химу полон* [116,460].

Дар байти Мунҷик «хилм» ба маънои хилми бинӣ, яъне химу хилм мутаносиб омадааст. Дар байти Унсурӣ бошад, ҳар ду «хим» ба маънии ҷароҳат ба кор рафтааст. Дар байти Тайён ин калима тобиши дигар гирифта, ба маънии ҷуволи ресмонаш аз пунбакуҳна мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар «Фарҳанги Сурурӣ» ин гуна калимаҳои сермаъно хеле зиёд буда, абёти шоҳид низ мутаносиби маъниҳои алоҳидаи онон зикр гардидааст.

Ва ё аз ашъори Кисоии  Марвазӣ байти зеринро мехонем:

*Дараи ман шудаст аз неъмат,*

*Чун занахдони хасм пурғадра* [9,108].

Барои дарки маънии ин байт ба шарҳи калимаи «дара» таваҷҷуҳ менамоем. Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» чунин омадааст:

*Дара*- (ба фатҳи «дол» ва «ро»-и муҳмала) шикаму шикамба бошад. Мисолаш устод Кисоӣ фармояд:

*Дараи ман шудаст аз неъмат,*

*Чун занахдони хасм пурғадра.*

Ва дигар миёни ду кӯҳро гӯянд [116,460].

Яъне, дар байти мазкур калимаи «дара» ба маънои шикамба омадааст, ҳарчанд ин вожа ба маънои дуюм, миёни ду кӯҳ  бештар маъмул аст ва имрӯз низ дар гуфтори бархе мардумони кишвар дар истифода қарор дорад.

Сурурӣ дар фарҳангаш калимаҳоеро ташреҳ додааст, ки дар аксари дигар фарҳангҳои асримиёнагӣ ба назар намерасанд. Аз ин рӯ, тавассути мутолиаи «Маҷмаъ-ул-фурс» ба дарки маънои онҳо муваффақ шудан мумкин буд, чунончи:

*Сапӯзкор* - яъне, он ки корҳоро вопас андозад ва таъхир кунад. Мисолаш устод Абӯшакур гӯяд:

*Ҳар кӣ бошад сапӯзкор ба даҳр,*

*Нӯш дар коми ӯ бувад чун заҳр* [116,742].

Тавассути шарҳи калимаи «сапӯзкор» байтро чунин маънигузорӣ кардан мумкин аст: ҳар касе ки дар ин ҷаҳон танбалу коҳил аст, нӯшаш дар ком мисли захр бошад.

Аз ҷумлаи дигар луғоти нодир, ки дар фарҳанги мавриди таҳқиқ ташреҳ ёфтааст, «сома» мебошад, ки дорои се маънӣ аст:

*Сома* - (ба вазни «нома») савганду аҳд бошад, мисолаш Кисоӣ гӯяд:

*Касе, ки сомаи Ҷаббори осмон шиканад,*

*Чи гуна бошад дар рӯзи маҳшараш сомон?*

Ва ба маънии «дом» низ омада...Ва ба маънии паноҳ низ омада... [116,806]

Ин байт ҳам дар назари аввал мушкилфаҳм менамояд, аммо чун маънои калимаи «сома» дақиқ мегардад, аз байт чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст: касе, ки савганд ба номи Худо хӯрда, баъд аз он савгандашро шиканад, рӯзи маҳшар ҳолаш чӣ гуна бошад?

Ё шарҳи луғати зерин маънии байти Унсуриро барои хонанда равшан месозад:

*Ғурм* - (ба замми «мим» ва сукуни «ро»-и муҳмала) меши кӯҳӣ бошад. Мисолаш Унсурӣ гӯяд:

*Ту шерию шерон ба кирдори ғурм,*

*Бирав то раҳонӣ диламро зи гурм.*

Ва «гурм» ба маънии ғаму андӯҳ бошад... [116,934]

Сурурӣ баробари шарҳи калимаи «ғурм» ҳамқофияи он «гурм»-ро низ тафсир намуда, ки он барои дарки маънии байт ба хонанда кӯмак кардааст. Яъне, баъди равшан гаштани ин маънии ду калимаи куҳани форсӣ хонанда ба маърифати байт ноил шуда метавонад.

Гоҳо Сурурӣ як калимаро ба ду шаклаш шарҳ дода, ба ҳар яки он байти шоҳиди муносиб аз шоирони мутақаддим овардааст, чунончи:

*Фаёвор* - (ба «йо»-и ҳуттӣ, ба вазни «ҳаводор») ва *фаёр* ба вазни «баҳор», ҳар ду ба маънии шуғлу кор бошад. Мисоли «фаёвор» Унсурӣ фармояд:

*Меҳри эшон бувад фаёворам,*

*Ғамашон ман ба ҳар ду бигсорам.*

Мисоли «фаёр»-ро Рӯдакӣ гӯяд:

*Нест фикре ба ғайри ёр маро,*

*Ишқ шуд дар ҷаҳон фаёр маро* [116,963].

Яъне, як маъниро дар ду шакл Рӯдакӣ ва Унсурӣ ба кор бурдаанд. Ин калимаҳо низ аз вожагони куҳани форсӣ мебошанд. Махсусан, калимаи «фаёвор»-ро дар дигар луғатҳо дучор наомадем.

Муаллифи фарҳанг вожаи «фарӣ»-ро низ ба чанд маъно шарҳ дода, барои ҳар яки он аз Қатрону Манучеҳрӣ байти шоҳид овардааст, ки маҳз бо ин тавзеҳ маънии он абёт равшан мегардад:

*Фарӣ* - (ба вазни «парӣ») ба маънии офарин бошад, чунонки устод Қатрон гӯяд:

*Кист к-ӯ ройи ту дидасту намондаст шигифт?*

*Кист к-ӯ рӯйи ту дидасту нагуфтаст фарӣ?*

Ва ба маънии хушоянд бошад. Мисолаш устод Манучеҳрӣ гӯяд:

*Фарӣ з-он теғи вай ҳангоми пайкор,*

*Чунон дебои бӯқалмун мулавван* [116,998].

Ин калима низ имрӯз дар адабиёт танҳо дар шакли «офарин» истифода шуда, шакли қадимаи он, яъне «фарӣ» маъмул нест. Маҳз, бо кӯмаки «Фарҳанги Сурурӣ» ё дигар фарҳангҳо мо метавонем ин вожаро дақиқ маънигузорӣ намуда, тавассути он ба маърифати кунҳи матолиби шоир бирасем.

Дар байти аввал, Қатрон гуфтааст, ки кист он адлу ройи туро дида дар шигифт намонда бошад ва кист он ки чеҳраи туро дида аҳсанту офарин нахонда бошад. Дар байти дуюм бошад, Манучеҳрӣ теғи ханҷари дурахшони маддоҳашро ба бӯқаламуни рангоранг монанд мекунад ва хушояндии онро таъкид месозад.

Дар шарҳи калимаи «каноғ» Сурурӣ нисбат ба дигар фарҳангҳо муфассалтар тавзеҳ додааст. Яъне вожаи «каноғ»-ро ба маънии тори абрешим

шарҳ дода, аз Мансури Шерозӣ байти шоҳид зикр кардааст. Ҳамчунин, ба маънии тор тавзеҳ дода, аз Халлоқулмаонӣ истинод намудааст. Дар баробари ин, ба маънии кирми абрешим ташреҳ дода, аз Маҷди Ҳамгар мисол меорад ва ниҳоят ба маънии канор тавзеҳ дода, аз Асадӣ байти зеринро шоҳид овардааст:

*Миёни обгире ба паҳнои роғ,*

*Шиновар шуда боғ, аз ҳар каноғ* [116,1072].

Калимаи «каноғ» дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ [68;69] ба назар нарасид. Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» танҳо ба маънои тори абрешим омадааст. Яъне, Асадӣ вожаи «каноғ» -ро дар ин байти худ на ба маънниии тори абрешим, балки маънии канор ба кор гирифтааст, ки Сурурӣ бо дарки ҳамин маънии он калимаро дар фарҳанги хеш тавзеҳ дода, ки дар дигар луғатҳо ба ин маънӣ ба назар нарасид.

Ҳамчунин, дар фарҳанг таркибу ибораҳои зиёди бо калимаи «чашм» сохташуда тафсир ёфтаанд. Аз ҷумла, дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ибораи зерин ба назар расид:

*Чашм гарм кардан* - киноя аз хобидани сабук бошад. Мисолаш Ҳаким Фирдавсӣ гӯяд:

*Фуруд омад аз борагӣ шоҳ нарм*

*Бад-он, то кунад бар гиё чашм гарм* [116,1599].

Аз «Фарҳанги Сурурӣ» калимаи «борагӣ»-ро мебинем, ки ба маънои асп омадааст ва «гиё» шакли кӯтоҳшудаи гиёҳ аст. Аз байти мазкур чунин мазмун бармеояд, ки шоҳ аз асп оҳиста фуруд омад, то ки бар болои гиёҳу сабза андак хоб кунад.

Дар фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ таркиботу ибороте, ки бо вожаи «забон» сохта шудаанд, бо тобишҳои зиёде шарҳ дода шудаанд. Яке аз онҳо «забон ёфтан» аст, ки ба маънои муросо кардан мебошад, аммо дар «Фарҳанги Сурурӣ» тобиши маъноии дигари ин ибора тавзеҳ ёфтааст:

*Забон ёфтан* - киноя аз рухсати такаллум ёфтан, мисолаш Асадӣ гӯяд:

*Забон ёфт гӯянда андар сухун,*

*Бад-ӯ гуфт, эй шоҳ, тундӣ макун* [116,1623].

Яъне, гӯянда дар назди шоҳ барои сухан кардан иҷозат гирифт, ё ки ҷуръат ёфт ва ба ӯ гуфт, ки эй шоҳ, тундӣ макун. Ибораи «забон ёфтан» дар ин байт хеле малеҳона истифода шуда, ҳадафи шоирро муаллифи фарҳанг хуб дарк намуда ва ба дурустӣ шарҳ додааст, ки дар дигар фарҳангҳо дида намешаванд

Ҳамин тавр, аз мутолиаи фарҳанг бармеояд, ки чунин калимаву ибораҳое, ки дар ашъори шоирони асрҳои X-XI бо маъниҳои мухталиф ва бо маҳорати баланди шоирона истифода шуда, ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ обуранги бадеӣ бахшидаанд, дар «Маҷмаъ-ул-фурс» хеле зиёданд. Тавре таъкид гардид, Сурурӣ аз ашъори шоирони давраи мазкур зиёда аз ду ҳазор байт истинод намудааст, яъне ин маънои онро дорад, ки ба ин миқдор вожаву таркиботи ашъори онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст. Шеваи корбурд ва тавзеҳи муаллифи фарҳанг аз он дарак медиҳанд, ки аксари ин вожаҳо дар ин абёт нақши калидӣ доранд, ки маҳз тавассути шарҳи онҳо маънии байт кушода мешаванд. Ин равиши кори муаллиф шореҳи вижагиҳо ва аносири шарҳ дар фарҳанг буда, баробари ин нуктаеро собит мекунад, ки дар фарҳанг бархе маънии вожагон бо истидлол шарҳ шудаанд, ки дар фарҳангҳои дигар дида намешаванд. Дар баробари ин, шарҳи таркибу ибораҳои шоирона ё маҳсули тафаккур ва хаёли онҳо арзиш ва аҳамияти фарҳангро дар маърифати матолиб ва андешаҳои шоирон бозгӯӣ мекунад, ки бешак, ин махсусият василаи муқарраркунандаи он чун сарчашмаи адабӣ ба шумор меравад.

## Ш.2. Матншиносии осори адабии асрҳои X -XI

### Ш.2.1. Нақду тасҳеҳи мутуни осори адабӣ

Нақду тасҳеҳ ва масоили матншиносӣ қисмати мушкилтарини илми адабиётшиносӣ маҳсуб ёфта, дар заминаи осори хаттӣ ва тағйироти матни аслӣ падид омадааст. Ба андешаи матншинос Абдулманнони Насриддин «Осори хаттӣ сайри таърихии аҷибу ғарибе доранд, онҳо бо гузашти солҳову

асрҳо зери таъсири омилҳои гуногун дастхуши воқеоти иҷтимоӣ ва завқу салиқаҳои гуногун мегарданд»[71,17]. Осори хаттии шуарои асри X-XI низ аз қуруни гузашта то имрӯз таҳаввулоти таърихии тӯлонӣ дорад. Дар «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ  аз ашъори  шоирони ин давр ҳамчун байти шоҳид хеле фаровон истифода шудааст. Аз ҷумла, аз шоирони **мутақаддим** чун Ҳанзалаи Бодғисӣ, Фирӯзии Машриқӣ, Масъуди Ғазнавӣ,  аз шуарои **асри X** ба монанди  Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Кисоии Марвазӣ, Аъмақаи Бухорӣ, Абулаббос, Абулмасал, Абулмуайид, Маъруфӣ,  Абӯшакури Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯтоҳири Хусравонӣ, Фароловӣ, Мунҷики Тирмизӣ,  Оғоҷӣ, Шокири Бухороӣ, Хуҷаста, Абӯшуайби Ҳиравӣ, Хусравӣ, Ғазвонии Лӯкарӣ, Кисоӣ ва аз адибони **асри XI** чун Абӯалии Чочӣ, Абӯосим, Аммора, Абулхатири Мунаҷҷим, Абӯнасри Марғазӣ, Абӯрофеъ, Аминӣ, Асадии Тӯсӣ, Атоӣ, Абӯалии Сино, Абӯюсуфи Ҳиравӣ, Бундори Розӣ, Баҳромӣ, Ғазоирии Розӣ, Дақиқӣ,  Қариуддаҳр, Қатрон, Лабибӣ, Луълӯӣ, Масъуди Розӣ, Наҷиби Ҷурдбоқонӣ, Рӯҳонӣ, Тайён, Унсурӣ, Урмуздӣ,  Фаррухӣ,  Фархорӣ, Фирдавсӣ, Хаффоф, Ҳаккок, Шӯҳраи Офоқ  ва Юсуфи Арӯзӣ  абёти шоҳид овардааст.

Бо мақсади муайян намудани арзиши илмию адабӣ ва матншиносии «Маҷмаъ-ул-фурс»  абёти шоҳиде, ки аз осори шуарои асрҳои X-XI оварда шудааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд. Абёти шоҳиди шуарои асрҳои X-XI  аз фарҳанг  баркашида  шуд ва бо нашрҳои «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [24;37], «Ашъори парокандаи қадимтарин шуарои форсизабон» [7], «Ашъори ҳакимон ва орифон» [38],  «Дар партави хуршед» [26], «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» [10], «Гулшани адаб» [21], «Сабақи Рӯдакӣ» [19]  ва бо девонҳои чопи ватаниву хориҷии шуарои  асрҳои X-XI муқоисаву муқобала карда шуд. Дар мавриди зарурӣ барои нақду тасҳеҳи абёт ба фарҳангҳои «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Сиҳоҳ-ал-фурс»-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, «Фарҳанги форсӣ»-и Ҳусайн Вафоӣ, «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдурашиди Таттавӣ ва дигар фарҳангҳои бузург, ҳамчунин ҳар ду нашри «Фарҳанги забони тоҷикӣ»  истифода карда шуд. Дар

натиҷаи ин муқоисаҳо ба нақду тасҳеҳи чанд абёти шоирони ин давр ба таври зерин кӯшиш карда шуд:

**А) Таҳрифот, тасҳифот ва ҳазф дар матн :**

**- Дар ашъори Абӯшакури Балхӣ**:

Дар нашрҳои «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ва «Абӯшакури Балхӣ» байти зерини Абӯшакури Балхиро мехонем:

*Басо хону кошонаву **бодъард**,*

*Бад-ӯ андарун шодию нӯшх(в)ард* [37,164;62,77].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» омадааст:

*Бодғард* - (ба «дол»-у «ро»-и муҳмалатайн ва «ғайн»-и муъҷама. Ба вазни «родмард») хонаи тобистонӣ бошад. Устод Абӯшакур гӯяд:

*Басо ҷой кошонаву **бодғард**,*

*Бад-ӯ андарун шодию нӯшх(в)ард* [116,127].

Яъне дар «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ба ғалат «бодъард» оварда шудааст. Тарзи дурусти ин луғат ва байт дар нусхаи «Луғати фурс»-и Асадӣ чунин аст:

*Бодғард ва ғард* - хонаи тобистонӣ бувад. Бӯшакур гӯяд:

*Басо хону кошонаву **бодғард**,*

*Бад-ӯ андарун шодию нӯшх(в)ард* [37,122].

Дар «Сиҳоҳ-ал-фурс» [110,74] низ айнан ҳамин тавр омадааст. Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ин байт дуруст омада, яъне ин калима дар шакли «бодғард» [24,46] сабт шудааст.

Силсилаи ин гуна тасҳифот дар осори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ фаровон ба назар мерасад ва иллати он нодуруст баргардон шудани матни аслӣ мебошад. Махсусан, афтодани нуқта аз ҳарфҳои монанди «қоф», «ғайн», «ҷим», «чим», «же», «хе» ва ғайра ин навъи тасҳифотро афзудааст.

Як силсила тасҳифот ҷиҳати ҷойгузинии як ҳарф ба ҳарфи дигар, ки гоҳо ғайриихтиёрӣ ва гоҳо қасдан рух медиҳад, ба вуқӯъ мепайвандад.

Чунончи, байти дигар аз Абӯшакур дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон», нашри дуюми «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ва китоби «Абӯшакури Балхӣ» чунин омада:

*Ҳар чӣ **нахӯрдӣ** ту, **гуворанда** бод,*

*Гашта гувориш ҳама бар ту гудоз* [10,84;37,137;62,61].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» бошад таҳти воҳиди луғавии «гуроз» ба маънии таппише, ки аз ҳарорат пайдо шавад аз Абӯшакур байте омада, ки андешаи болоро тасдиқ мекунад:

*Ҳар чӣ **бихӯрдӣ** ту **гуворида** бод,*

*Гашта гувориш ҳама бар ту гуроз* [116,1200].

Фарқ дар калимаҳои «бихӯрдӣ» ва «нахӯрдӣ», «гуроз» ва «гудоз» аст, ки сабаби тағйири маънои байт ҳам шудааст. Ин байт дар «Сиҳоҳ-ал-фурс» [110,131] низ зери калимаи «гуроз» ба гунаи фарҳанги Сурурӣ омадааст, аммо калимаи «гуворида» «гуворанда» шуда омадааст. Аз сабаби наздик будани шакли навишти калимаҳои мазкур ин байт дар нусхаҳо дар ду шакл интишор ёфтааст. Аммо дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [24,76] ин байт айнан дар шакли «Маҷмаъ-ул-фурс» сабт шудааст.

Чун аз сари мантиқ, таносуби маънӣ ва калом назар меафканем, оид ба байти мазкур чанд нуктаи муҳимро метавон зикр кард, аз ҷумла, дар сари вожаҳои «нахӯрдӣ» ва «бихӯрдӣ», ки тафовути ин дуро мақоми нуқта муайян мекунанд. Зоҳиран, чун сухан дар бораи гуворандагӣ ва мувофиқи табъ будани таоми тановулкарда меравад, зоҳиран «бихӯрд» дар ин ҷо қобили қабул аст.

Ҳамчунин, Сурурӣ дар идомаи шарҳи калимаи «гуроз» мегӯяд: «Ва Ҳаким Асадӣ ба маънии кӯзаи сартанг оварда, ки мусофирон медоранд ва «танг» низ мегӯянд ва ин байти Абӯшакур муайиди худ оварда:

*Бо неъмати тамом ба даргоҳат омадам,*

*Имрӯз бо гурозеву чӯбе ҳамеравам»* [116,1200].

Ин маънӣ ва байти мазкури Абӯшакурро аз нашрҳои «Луғати фурс» дарёфт накардем. Аммо ҳангоми муқоиса бо «Шарҳи аҳвол ва ашъори

шоирони бедевон» [10,88], «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [37,143] ва нашри «Абӯшакури Балхӣ» [62,63] мушоҳида карда шуд, ки ба ҷойи калимаи «гуроз» «гавоз» оварда, аммо дар ҳошияи «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» аслан «гуроз» буданаш ишора карда шудааст. Чун маънои «гавоз» чӯби говрон аст, пайиҳам омадани гавозу чӯб мантиқи мисраъро коста мегардонад ва ин ҷо танҳо ҳангоми баргардони вожаи «гуроз» ба тасҳиф роҳ дода шудааст.

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон», «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ва китоби «Абӯшакури Балхӣ» байти дигари Абӯшакур чунин омада:

*Гӯлӣ ту бар қиёс, ки гар* ***барканад*** *касе,*

*Як кӯза об аз ӯ ба* ***замон тирагун*** *шавад* [10,85;37,134;62,60].

Ин байт дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ҳамчун санади шеърӣ дар шарҳи калимаи «гӯл» омада:

Ва дигар ба маънии обгире бошад, ки обтанг дар он истода бошад. Мисолаш Абӯшакур гӯяд:

*Гӯлӣ ту аз қиёс, ки гар* ***баркашад*** *касе,*

*Як кӯза об аз* он *ба* ***ҳамон тиратар*** *шавад* [116,1214].

Дар «Сиҳоҳ-ал-фурс» чунин аст:

*Гӯлӣ ту бар қиёс, ки гар* ***баркашад*** *касе,*

*Як кӯза об аз ӯ ба* ***замин тирагун*** *шавад* [109,209].

Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ»:

***Кӯлӣ*** *ту аз қиёс, ки гар* ***баркашад*** *касе,*

*Як кӯза об аз* он, *ба* ***ҳамон тира*** *мешавад* [24,79].

Аз ҷиҳати мантиқ ва маънои байт шаклҳои «замон» ва «ҳамон», ки вақтро ифода карда истодааст, дуруст ба назар мерасад. Зеро обе, ки дар обтанг, яъне ҳавзаи обнигаҳдорӣ истода бошаду аз он касе як кӯза об гирад, ҳангоми обгирӣ ҳатман тирагун ё тиратар мешавад, чун он об боз муддате сокин истад, софу равшан менамояд. Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» калимаи «гӯл» бо «коф» хонда шуда, дар шакли «кӯл» сабт

шудааст. Аммо калимаи «замин» дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» нодуруст буда, шакли тасҳифшудаи калимаи «замон» аст.

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри охирони «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» байти зерини Абӯшакур омада:

***Бахилӣ*** *макун ҷовидон* ***як басе,***

*Бад ин орзу, ки манам, худ расӣ* [10,106;37,171].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» омада:

*Якбасӣ* - (ба фатҳи «йо» ва «бо»-и муваҳҳада ва сукуни «коф» ва касри «син»-и муҳмала) яъне якборагӣ бошад. Мисолаш Абӯшакур гӯяд:

***Ба ҷанге*** *макун ҷовидон* ***якбасӣ****,*

*Бад ин орзу, ки манам, худ расӣ* [116,1570].

Дар «Сиҳоҳ-ал-фурс» низ дар шакли «бахилӣ» омада, аммо дар ҳошия қайд шудааст, ки дар яке аз нусахи ин луғат ба шакли «ба ҷанг» низ омадааст [109,310].

Барои муайян кардани шакли саҳеҳи байт ба матни «Офариннома» аз «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ва нашри «Абӯшакури Балхӣ» нигоҳ мекунем:

*Ба сар барниҳода зи зар миғфаре,*

*Зи пӯлод карда ба бар бигтарӣ?*

***Бахилӣ*** *макун ҷовидон* ***як басе***

*Бад-ин орзу, ки манам, худ расӣ.*

*Маялфанҷ душман, ки душман яке*

*Фузун асту дӯст аз ҳазор андаке* [37,171;62,82].

Чун сухан дар ин матн дар бораи ҷангу мубориза ва майдони набард меравад, шакли «ба ҷангӣ» дурусттар ба назар мерасад, яъне «агар орзуи ғолибият ва ба ҳадаф расидан дошта бошӣ, ҳеҷ гоҳ якборагӣ ҷанг сар макун» гуфтааст. Аммо бо шакли «бахилӣ» ҳам маънову тобиши дигарро ифода мекунад, яъне «дар роҳи ба орзуи худ расидан ҳеҷ гоҳ ба касе бахилӣ макун». Яъне, ҳар ду шакли байт қобили қабул шуда метавонад. Сабаби тасҳифоти мазкур ба ҳам наздик будани шакли навишти калимаҳои «ба ҷангӣ» ва «бахилӣ» аст.

Дар нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ва китоби «Абӯшакури Балхӣ» байти зерини Абӯшакурро аз «Офариннома» мехонем:

*Буто, рӯзгоре барояд бар ин,*

*Кунам пеши ҳар кас туро офарин* [37,170;62,81].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» зери калимаи «бито» ба маънии «бигзор» ин байти Абӯшакур истинод шудааст:

**Бито**, рӯзгоре бар ояд бар ин,

Кунам пеши ҳар кас туро офарин [116,116].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» бо ҳуруфи «бо», «то» ва «алиф» омада, яъне «бито» хондан мумкин аст [16,105], дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958) ҳам «Бито» ва «бар ояд» омадааст. Дар нашри дувум калимаи «бито» аз форсӣ иштибоҳан «буто» хонда шуда, бар замми ин «барояд» дар якҷоягӣ навишта шудааст, ки аслан «бар ояд» бояд бошад. Яъне, шоир гуфтанист, ки бигзор рӯзгоре – замоне сипарӣ гардад ҳам, туро дар пеши ҳар кас ситоиш мекунам. Аз мушоҳидаи абёти қаблӣ ва баъдии ин байт равшан мегардад, ки калимаи «бут», ки ба маънии «ёр», «маъшуқа» меояд дар он матн таносубе надорад.

Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958) байти зерини Абӯшакурро мехонем:

Зи алфанҷи ***душман*** дилаш ганҷ буд,

Ҷаҳондидаю донишалфанҷ буд [24,51].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» зери калимаи «алфанҷ» ба маънии андӯхтан ва андӯзанда аз Абӯшакур байти зерин истинод шудаааст:

Зи алфанҷи ***дониш*** дилаш ганҷ буд,

Ҷаҳондидаи донишалфанҷ буд [116,23].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» [10,100], нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [37,165] ва нашри «Абӯшакури Балхӣ» [66,77] низ дар мисраи аввал «дониш» омадааст, ки саҳеҳ аст. Зеро «алфанҷ»-и мисраи якум ба маънои андӯхтан ва дар мисраи дуюм ба маънии фоил, андӯзандаи дониш, донишандӯхта омадааст. Яъне аз андӯхтани дониш

дилаш мисли ганҷ буд ва бад-ин восита ҷаҳондидаи донишандӯхта буд. Калимаи «душман», ки дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» калимаи «дониш» иштибоҳан «душман» сабт гардидааст, яъне ба тасҳиф роҳ дода шудааст.

**- Дар ашъори Шаҳиди Балхӣ:**

Баъзе аз нусхаҳои осори суханварони асри X дар фарҳангҳо вариантҳои тозае пайда карданд, ки онҳо аз назари аносири шаклӣ ба ҳамдигар иртибот надоранд. Чунончи, дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашрҳои «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» байти зерини Шаҳид омадааст:

***Шавад бадхоҳ*** *чун рӯбоҳ баддил,*

*Чу шеросо ту бихромӣ ба майдон* [10,34;24,40;37,55].

Дар «Сиҳоҳ-ал-фурс» таҳти воҳиди луғавии «осо», ки маънии монандро дорад, ин байт дар ҳамин шакл омадааст:

***Шавад бадхоҳ*** *чун рӯбоҳ баддил,*

*Чу шеросо ту бихромӣ ба майдон* [109,19].

Дар фарҳанги таҳқиқии мо дар шарҳи калимаи «осо» ба маънии монанд, байти мазкури Шаҳид омадааст:

***Адӯи ӯ шавад*** *рӯбоҳи баддил,*

*Чу шеросо хиромад ӯ ба майдон* [116,8].

Ҳарчанд шакли байт фарқ дошта бошад ҳам, маъно аз ҳам дур нест. Вале суоле пайдо мешавад, ки тарзи мухталифи баёни матлаб дар мисраи аввал аз куҷо сар задааст? Азбаски ҳар як матни осори адабӣ таърихи тасҳиф, таҳрир ва тасҳеҳи худро дорад, мусалламан, ин байт ба таҳрири худи муаллифи фарҳанг ё ба қалами таҳрири котиби «босавод» мутааллиқ аст. Зеро маҳз ба хотири равшан баён шудани матлаб матни мазкур таҳрир шудааст. Таҳрири мазкур муъҷиби пайдо шудани варианти нави ин байт гардидааст.

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашрҳои «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» байти зерин аз Шаҳид омадааст:

*Дар кӯйи ту* ***абеша*** *ҳамегардам, эй нигор,*

*Дуздида то магар-т бубинам ба бом-бар* [10,30;24,38;37,48].

Дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» бошад, байти мазкур дар шарҳи калимаи «анеша» истинод шудааст:

*Дар кӯйи ту **анеша** ҳамегардам, эй нигор,*

*Дуздида то магар-т бубинам ба бом-бар* [116,98].

Мусаллам аст, ки ҳини хониш «абеша» ба «анеша» табдил ёфтааст.

Дар идомаи шарҳ Сурурӣ қайд менамояд, ки вожаи «абеша» дар фарҳангҳои «Шарафномаи Манярӣ», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар шаклҳои «абиста», «ойиша», «ойиштана» низ омадааст, ки он ҳам маҳз ҷиҳати хониши нодуруст ба вуҷуд омадааст. Аммо дар «Луғати фурс» [135,204] низ ин байт ҳамчун шоҳиди калимаи «абеша» оварда шудааст. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо низ ин калима дар шаклҳои «абеша», «анеша» ва «айиша» [106,ҷ.1,982] сабт шудааст. Аз мушоҳида ва муқоисаҳои асноди мавҷуда метавон шакли «абеша»-ро аз дигар калимаҳо тарҷеҳ дод.

Дигар байти Шаҳиди Балхӣ дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ба тариқи зайл омадааст:

*Аз баногӯши лаългун гӯӣ*

*Барниҳодаст **олғуна** ба сим* [10,34;37,55].

Вожаи «олғуна» дар ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ фаровон ба назар мерасад, аз ҷумла, Мунҷик гуфтааст:

*Рӯ киро дар набард гардад зард,*

*Сурхрӯяш ба **олғуна** кунанд* [37,418].

Вожаҳои «олғуна» ва «волғуна» муродифи ҳамдигаранд ва маъниҳои сурхӣ, гулгуна ва монанди инҳоро ифода мекунанд. Аз ин рӯ, истифодаи ин ду вожа дар осори суханварон фаровон ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» дар шарҳи калимаи «волғуна» ба маънии гулгуна, байти зерин ба назар мерасад:

*Он баногӯш к-аз сафо гӯӣ,*

*Баркашидааст **волғуна** ба сим* [116,1500].

Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» низ дар ҳамин шакл омадааст. Чун калимаҳои «волғуна» ва «олғуна» ҳаммаъно ва ҳамқофия ҳастанд, дар ҳар ду шакл ҳам вазну маънои байт коста нагардидааст ва ҳар ду қобили қабул шуда метавонанд.

Боз як байти Шаҳид дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ»:

*Ҳаме фузунӣ ҷӯяд авора бар афлок,*

*Ки ту ба толеи маймун дар он ниҳодӣ* ***рӯй*** [10,37;37,62].

Дар фарҳанг бошад ҳангоми шарҳи калимаи «авора» – девони ҳикам ё боргоҳ аз Шаҳид байти зерин омадааст:

*Ҳаме фузунӣ ҷӯяд авора бар афлок,*

*Ки ту ба толеи маймун дар он ниҳодӣ* ***пой*** [116,92].

Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» [109,263] ва нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [24,41] низ «пой» омада, аммо дар ҳошияи «Сиҳоҳ-ул-фурс» ишора шудааст, ки дар яке аз нусхаҳои луғат «рӯй» омадааст. Яъне дар натиҷаи нусхабрадории зиёд ин байт ҳам ба тасҳиф дучор шуда, дар ду шакл ба мо расидааст.

**- Дар ашъори Мунҷики Тирмизӣ:**

Сурурӣ дар шарҳи калимаи «тахла», ки ба маънои асо бошад, байти зерини Мунҷикро шоҳид овардааст:

*Андар фазоили ту* ***қалам*** *гӯӣ,*

*Чун тахлаи Калими паямбар шуд* [116,327].

Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс», «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ин байт ба тарзи зерин омадааст:

*Андар фазоили ту* ***адам*** *гӯӣ,*

*Чун тахлаи Калими паямбар шуд* [10,270;24,123;37,417].

Дар асоси аксари нусхаҳо шакли «адам» қобили қабул аст. Зеро дар «Девони Мунҷик» бо кӯшиши Эҳсон Шаворибии Муқаддам низ дар шакли «адам» оварда, аммо дар ҳошия қайд шудааст, ки дар фарҳангҳои Сурурӣ ва Таттавӣ «қалам» омадааст [32,79].

Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» аз Мунҷик байти зерро мехонем:

***Чу аз чамона ба ҷом -*** *андарун фурӯ резад,*

*Зи бими рӯза бад-ӯ бишканад дили абдол* [24,344].

Дар «Фарҳанги Сурурӣ» дар шарҳи калимаи «ҷома», ба маънии кӯзаи шароб байти шоҳид аз Мунҷик омадааст:

***Чу хуни ҷома ба ҷом*** *андарун фурӯ резӣ,*

*Ҳавои соғару саҳбо кунад дили абдол* [116,362].

Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» ба таври зерин омада:

***Чу хуни ҷома ба ҷом*** *андарун фурӯ резӣ,*

*Ба ваҳми рӯза бад ӯ бишканад дили абдол* [109,271].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ба тариқи зайл омадааст:

***Ки чун зи ҷома ба ҷом -*** *андарун фурӯ резӣ,*

*Ба ваҳми рӯза бад-ӯ бишканад дили абдол* [10,241;37,434].

Дар ҳама нусхаҳо фарқ дида мешавад, ки маъно низ таъғир ёфтааст. Ин байт ҳам аз тасҳифот холӣ нест. Аммо чун аз сари мантиқ мушоҳида намоем, шакли дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» омада аз ҷиҳати маънову вазн дуруст ба назар мерасад. Зеро дар «Маҷмаъ-ул-фурс» мисраи дуюм аз дигар нусхаҳо тамоман фарқ дошта бошад, дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ба ҷойи калимаи «хун», ки ба маънои шароб аст дар ин байт, иштибоҳан «чун» навишта шудааст. Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» бошад, калимаи «ҷома» иштибоҳан «чамона» сабт шудааст.

Сурурӣ дар шарҳи калимаи «чокшӯ», яъне мушкдона, аз Мунҷик мисол овардааст:

*Ҷуди ту суд дорад бар иллати ниёз,*

*Чунон ки суд дорад бар чашм* ***чокшӯ*** [116,403].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» [10,247] ва нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [37,442] ба ҷои калимаи «чокшӯ» –

«хокшӯ»  омадааст, ки аз ҷиҳати маъно ҳар ду шакл низ қобили қабул шуда метавонад. Чунки ин калима дар нашрҳои «Луғати фурс»  ба ҳар ду шакл [135,398], дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» дар  шакли «чокшӯ» [109,294], ба асноди Сурурӣ дар  «Туҳфат-ул-аҳбоб»  ва «Рисолаи Ҳусайн Вафоӣ»  ба гунаи «чокшӯ» ва дар «Меъёри Ҷамолӣ»  дар шакли «хокшӯ»  омадааст [116,403]. Аз ин рӯ, ҳарду шакли калима дар ин байт ғалат ба ҳисоб намеравад.

Ҳамчунин, дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон»  ва «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» чунин омадааст:

*Ба рӯзи маърака б-ангушт агар падид ояд,*
*Ба хашм барканад аз дур* ***кабк*** *Аҳриман*   [10,245;37,440].

Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» :

*Ба рӯзи маърака б-ангушт гар падид ояд,*
*Зи хашм барканад аз дур* ***кайк*** *Аҳриман*   [24,362].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» бошад чунин ба назар расид:

*Кек* - (ба вазни нек) мардумаки чашм бошад...Ва мисоли кекро Устод Мунҷик низ гӯяд:

*Ба рӯзи ҳарб ба ангушт агар падид ояд,*
*Ба хашм барканад аз дур* ***кеки*** *Аҳриман* [116,1080].

Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс»  чунин омадааст:

*Ба рӯзи разм ба ангушт агар падид ояд,*
*Зи чашм барканд аз дур* ***кеки*** *Оҳарман* [109,186].

Аз ҷиҳати мавзуният ва мантиқу маъно байти фарҳанги Сурурӣ дуруст ба назар менамояд. Зеро  дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашрҳои  «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ»  калимаи «кек», яъне  мардумаки чашм ба тасҳифот дучор шуда,  дар шакли «кабк», «кайк» интишор гардидааст, ки нодуруст мебошад. Зеро калимаи «кек» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳам ба маънои мардумаки чашм омада, байти Мунҷик айнан ба шакли фарҳанги Сурурӣ омадааст [137,ҷ.1,549].

Дар мавриди мардумаки чашм будани вожаи «кек» Рӯдакӣ дар маснавии  «Синбоднома» чунин фармудааст:

Хашм омад-шу ҳам он гаҳ гуфт: - Век!

Хост, к-ӯро барканад аз дида **кек** [36,338].

Дигар байти Мунҷикро аз нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» мехонем: :

*Зи борикию* ***сустий*** *ҳар ду поям*

*Ту гӯӣ пои ман* ***танандуст*** [77,387].

Дар фарҳанги Сурурӣ зери калимаи «тананд», ки танидаи анкабут аст, байти зерин оварда шудааст:

*Зи борикию* ***сустии*** *ҳар ду поям,*

*Ту мегӯӣ магар пояи* ***тананд аст*** [116,288].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» бошад чунин ба назар расид:

*Зи борикию сустӣ ҳарду поям*

*Ту гӯӣ пои ман пои тананд аст* [10,190;24,123].

Аз ҷиҳати маъно шакли охир дуруст аст. Калимаи «сустӣ» шояд бо хатои техникӣ дар нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» «сустий» омадааст, аммо «танандуст» ҳеҷ маъно надорад. Яъне, дар нашри мазкур дар ҳар ду мисраъ ба иштибоҳ роҳ дода шудааст.

**- Дар ашъори Оғочӣ:**

Дар нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» :

*Ба висол андар эмин будам аз гашти замон,*

*То фироқ омаду бигрифтам чун* ***бар хав ҷо*** [37,386].

Дар «Фарҳанги Сурурӣ» зери калимаи «бархавҷ», ки ба маънои гаронӣ ва нуқле, ки мардумро дар хоб фурӯ гирад, байти зерин омадааст:

*Ба висоли ту ман эмин будам аз макри ҷаҳон,*

*То фироқ омаду бигрифт чу* ***бархавҷ маро*** [116,124].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» омада:

Ба висол андар эмин будам аз *гашти замон,*

То фироқ омаду бигрифтам чун ***бархавҷо*** [10,190;24,122].

Дар нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» калимаи «бархавҷо» иштибоҳан ҷудо навишта шудааст. Зеро ин байт дар «Луғати фурс» [135,91] низ зери вожаи «бархавҷ» сабт гардида, калимаи яклухт аст.

**- Дар ашъори Маъруфӣ:**

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва «Ашъори парокандаи қадимтарин шуаро» чунин омадааст:

*Эй он ки ошиқӣ, ба ғам андар ғамӣ шуда,*

***Доман биё**, ба домани ман дарфикан ғалҷ* [10,143;7,135].

Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ»:

*Эй он ки ошиқӣ, ба ғам-андар ғамӣ шуд,*

***Доман биё**, ба домани ман ғалҷ барафкан* [24,304].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» зери калимаи «ғалҷ», яъне гиреҳ аз Маъруфӣ байти шоҳид истинод шудааст:

*Эй он ки ошиқӣ, ба ғам андар ғамӣ шуда,*

***Бо ман биё**, ба домани ман дарфикан ғалҷ* [116,923].

Дар нусхаҳои «Луғати фурс» ҳар ду шакли байт низ дида мешавад [135,90]. Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» [68,58] бошад айнан ба шакли луғати Сурурӣ омадааст. Иборaи «бо ман биё» нисбат ба «доман биё» саҳеҳтар аст, чун дар идома боз ба маънои «доман биё» ибораи «ба доман дарафкан» омадааст. Аз ин лиҳоз, дар як мисраъ такрор омадани ду ибораи ҳаммаъно мантиқи байтро коста гардонидааст.

Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» аз Маъруфӣ байти зерин омадааст:

*Ба як пой лангу ба як даст шал,*

*Ба як чашм **кӯжу** ба як чашм кож* [24,304].

Дар «Фарҳанги Сурурӣ» ин байт ҳамчун асноди калимаи «кож», ба маънои аҳвал, нобино истифода шудааст:

*Ба як пой лангу ба як даст шал,*

*Ба як чашм **кӯру** ба як чашм кож* [116,1063].

Дар нашрҳои «Ашъори паракандаи шуарои ҳамасри Рӯдакӣ» [7,133], «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» [10,142] ва нашри дуюми «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [37,211] ин байт ба шакли фарҳанги Сурурӣ омадааст. Яъне, дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (1958) калимаи «кӯр» иштибоҳан «кӯж» хонда шудааст ва шояд сабаб он бошад, ки баъзан дар нусхаҳои форсӣ нуқтаҳои ҳуруф меафтанд ва боиси чунин хатохониҳо мегарданд.

**- Дар ашъори Урмуздӣ:**

Дар фарҳанги Сурурӣ зери калимаи «хинавар», ба маънои «пули Сирот» аз Урмуздӣ байти шоҳид омадааст:

*Агар худ биҳиштию гар дӯзахист,*

*Гузораш сӯйи **хинавар** пул бувад* [116,433].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» омада:

*Агар худ биҳиштию гар дӯзахӣ,*

*Гузораш сӯйи **чинавад** пул бувад* [10,275].

Дар фарҳангҳои «Ҷаҳонгирӣ», «Анҷуманоро», «Онандроҷ» дар мисраи якум «дӯзахӣ аст» омадааст. Дар фарҳангҳои «Ҷаҳонгирӣ», «Сурурӣ» дар мисраи дуюм «хинавар», дар фарҳанги «Рашидӣ» бошад ба шакли «ҷанивар» омадааст [121,275]. Дар «Фарҳанги Сурурӣ» «хинавар» ва дар «Фарҳанги Рашидӣ» «ҷинавар» ҳар ду ҳам ба маънои пули Сирот омадааст. Ин байт ҳам ба тасҳифоти матнӣ дучор шудааст. Чун шакли навишти ин калимаҳо ба ҳам наздик аст, дар ду шакл интишор ёфтааст.

**- Дар ашъори Хаффоф:**

Байте аз Хаффоф дар «Маҷмаъ-ул-фурс» дар шарҳи калимаи «шам», яъне амр ба раҳидан, чун аснод ба кор бурда шудааст:

*Ту **оҳуи татору** канори манат ҳарам,*

*Ором гир бо ману аз ман чунин машам* [116,875].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» оварда:

*Гар **оҳуи бутову** канори манат ҳарам,*

*Ором гир бо ману аз ман чунин машам* [10,296].

Дар нашрҳои «Луғати фурс» [16,332], «Сиҳоҳ-ул-фурс» [68,222], «Вафоӣ» [104,134] дар шакли дуюм ва дар нусхаҳои «Рашидӣ» [121,951] дар шакли якум омадааст. Аз ҷиҳати маънову мантиқ мулоҳиза ронем, дар адабиёти классикии тоҷик иборaи «оҳуи буто» ба назар намерасад, вале ибороти «мушки тотор», «оҳуи тотор» маъмул аст, аз ин лиҳоз, шакли дар фарҳанги Сурурӣ омада дуруст ба назар мерасад. Чун шакли навишти калимаҳои «тотор»-у «буто» танҳо бо нуқтаи «бо»-ю «то» ва як ҳарфи «ро» аз ҳамдигар фарқ мекунад, ин байт ба таҳриф дучор шудааст.

- **Дар ашъори Аммора:**

Сурурӣ дар фарҳанг зери калимаи «болуғ» ба маънои шохи холикардаи гов бошад ва бад-он шароб хӯранд, аз Аммора байти шоҳид истинод намудааст:

*Бо чанги суғдиёнаву бо **болуғи шароб,***

*Омад ба хони чокари худ хоҷа бо савоб* [116,155].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» чунин омада:

Бо чанги суғдиёнаву бо **болуғу** ***китоб,***

Омад ба хони чокари худ хоҷа бо савоб [10,352].

Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» [109,161] низ «китоб» омадааст. Аммо чун «болуғ» ба маънои шохи гов, ки бар он шароб хӯранд, иборaи «болуғи шароб» ё «болуғу шароб» саҳеҳтар аз «болуғу китоб» мебошад.

- **Дар ашъори Абӯалӣ Ибни Сино:**

Дар силсилаи «Ахтарони адаб» байти зерини Абӯалӣ ибни Сино омада:

*Ғизои рӯҳ бувад **бодаи рақиқ** алҳақ,*

*Ки ранги ӯ кунад аз дур ранги гулро дақ* [38,16].

Дар «Фарҳанги Сурурӣ» зери калимаи «дақ» ба маънои эътироз байти мазкур шоҳид оварда шудааст:

*Ғизои рӯҳ буда **бодаи раҳиқ** алҳақ,*

*Ки ранги ӯ кунад аз дур ранги гулро дақ* [116,535].

Дар «Ахтарони адаб» дар мисраи аввал иборaи «бодаи рақиқ» омадааст, чун маънои рақиқ - банда, ғулом, меҳрубон, нарм аст ва бо калимаи

«бода» мутаносиб нест. Дар «Фарҳанги Сурурӣ» «раҳиқ» омадааст, ки ба маънои соф, шароби бедурду ноб аст ва комилан дуруст аст.

**- Дар ашъори Абулфараҷи Рунӣ:**

Дар «Девони Абулфараҷи Рунӣ» тасҳеҳи К.А.Чайкин байти зерин омадааст:

*Ҳама фарҷомҳот* ***маъдум*** *аст,*
*Маҳкам оғоз, ҳар чӣ оғозӣ* [13,117].

Порча аз қасидаи баҳри хафиф аст. Ин байт дар фарҳанг зери калимаи «оғоз»- ибтидо бахшидан, ба таври зайл омадааст:

*Ҳама фарҷомҳот* ***маҳмуд*** *аст,*
*Маҳкам оғоз ҳар чӣ оғозӣ* [116,46].

Чун маънои калимаи «маъдум» адам ва нестӣ аст, шоир нисбати фарҷоми кори мамдуҳи худ вожаи «маҳмуд»-ро истифода бурданаш ба ҳақиқат наздиктар аст.

**- Дар ашъори Абулмуайид:**

Дар китоби «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» аз устод Абулмуайид байти зерин омада:

*Шукуфа ҳамчу шикоф асту* ***меғи дебобоф,***
*Маҳу хур аст ҳамоно ба боғ дар сарроф* [10,59].

Дар «Фарҳанги Сурурӣ» чунин омадааст:

*Шакоф* – абрешими каловакарда бувад. Устод Абулмуайид гӯяд:

*Шукуфа ҳамчу шикоф асту* ***майли дебобоф,***
*Маҳу хур аст ҳамоно ба боғ дар сароф* [116,863].

Аммо дар ин байт Сурурӣ ё котибони нусхабардори баъдина ба таҳриф роҳ додаанд. Зеро чун сухан дар бораи «маҳу хур» меравад, дар таносуби инҳо бояд «меғи дебобоф» бошад, на «майли дебобоф», ки маънии мувофиқ надорад.

**- Дар ашъори Асадии Тӯсӣ:**

Аз достони «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ абёти зерро мехонем:

*Ба кӯҳи* ***Даҳу*** *баргирифтанд роҳ,*

*Чӣ кӯҳе, баландиш ба чархи моҳ.*

*Ки гӯянд, Одам чу фармон биҳишт,*

*Бар он кӯҳи бурз уфтод аз биҳишт* [33,134].

Дар «Фарҳанги Сурурӣ» ҳамчун байти шоҳиди калимаи «Раҳу» оварда шудааст:

*Раҳу* - (ба фатҳи «ро» ва замми «ҳо») кӯҳест, ки Одам (а) бар он кӯҳ фуруд омад. Мисолаш Ҳаким Асадӣ гӯяд:

*Ба кӯҳи* ***Раҳу*** *баргирифтанд роҳ,*

*Чӣ кӯҳе, баландиш бар чархи моҳ* [116,633].

Ин луғат ва байт дар «Луғати фурс»-и Асадӣ низ дар ҳамин шакл омадааст [122,419].

Ин вожа дар «Луғати Деҳхудо» низ чунин арзёбӣ шудааст:

*Раҳу* - (ру/ра) номи кӯҳе дар Сарандеб, ки Одам чун аз биҳишт берун омад ба он кӯҳ афтод «Бурҳони қотеъ», «Луғати фурс», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Туҳфат-ул-аҳбоб»):

Ба кӯҳи ***Раҳу*** баргирифтанд роҳ,

Чӣ кӯҳе, баландиш бар чархи моҳ [106,ҷ.13,2261].

Далелҳои мазкур собит менамояд, ки дар «Гаршоспнома»-и Асадӣ аз силсилаи «Ахтарони адаб» калимаи «Раҳу» иштибоҳан «Даҳу» хонда шудааст.

Инчунин, дар нашри мазкур аз силсилаи «Ахтарони адаб» дар тавсифи сипоҳи Сагсор аз достони «Шигифтии ҷазираи Қолун ва ҷанги Гаршосп бо Сагсор» байти зерин омада:

***Ба дарё шитобон наҳанг оваранд,***

*Ба шамшер бо шер ҷанг оварад* [33,178].

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» зери калимаи «шино» аз Асадӣ байти шоҳид омадааст:

***Ба дарё шино чун наҳанг оварад,***

*Ба шамшер бо шер ҷанг оварад* [116,830].

Аз рӯйи мазмуну муҳтаво ташбеҳи дуруст дар «Фарҳанги Сурурӣ» омадааст. Шоир сипоҳи Сагсорро аз ҷиҳати чолокию маҳорати хуби ҷангӣ доштан ба наҳанг монанд мекунад, ки дар дарё ба чобукӣ шино мекунад. Ташбеҳи «ба дарё чун наҳанг шино кардан» нисбат ба сипоҳиён, аз ибораи «ба дарё шитобон наҳанг овардан» дурусттар ба назар мерасад.

**Б) Фарқияти мисраъҳо**

Абёти шоҳиди шуарои асрҳои X-XI бо нашрҳои гуногуни девону мунтахаботи ашъори онҳо муқоиса карда шуд, дар натиҷа муайян карда шуд, ки фарқият натанҳо дар як вожаву таркиб, балки ивази мисраъҳо низ мушоҳида мешавад. Чунончи, дар мисоли зерин мисраи аввали байт аз дигар нусах ба куллӣ фарқ мекунад:

*Пажогин* - (ба фатҳи «бо»-ву касри «коф»-и форсӣ) ба маънии зишт ва палид бошад. Мисолаш Абӯшакур гӯяд:

*Латифу ҷавонам чу гул дар баҳор,*

*Пажогин наям, солх(в)арда наям* [116,248].

Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс», «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри охирони «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ин байт ба тарзи зерин омадааст:

*Фажогин наям, солх(в)арда наям,*

*Абар ҷуфт бедодкарда наям* [109,248;10,104;37,169].

Байти шоҳиди фарҳанг ба ҷуз аз нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [50,77] аз нашрҳои дигар фарқ дорад ва ин тағйироти худи Сурурӣ мебошад, ки дар дигар нусах ин шакл ба назар намерасад.

Сурурӣ аз Хусравии Сарахсӣ дар мавриди шарҳи калимаи «бифитард», яъне чизеро аз ҳам даридан, байти шоҳид овардааст:

*Худ тарозиду боз худ бифитард,*

*Худ бароварду боз вайрон кард* [116,955].

Дар «Луғати фурс» ва «Шарҳи аҳвол» чунин омадааст:

*Худ бароварду боз вайрон кард,*

*Худ тарозиду боз худ бифитард* [135,123;10,175].

Ҷойи мисраъҳо дар нашрҳои мазкур иваз шудааст. Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» [109,81] ва нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [24,332] ин байт ба гунаи луғати «Фарҳанги Сурурӣ» омадааст. Мисраъҳои ин байт дар алоҳидагӣ маъно касб намуда, аз ин ҷиҳат ҷойивазкунии онҳо ба маънии байт халал нарасондааст. Ва ин байт дар нашрҳои гуногун дар ду шакл интишор ёфтааст.

Ҳамин зайл, дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» аз ашъори шоирони асрҳои X-XI ба фаровонӣ ҳамчун байти шоҳид истинод шудааст ва дар натиҷаи муқоисаву муқобала бо фарҳангҳои муътабар ва девонҳои интиқодӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошониро аз ҷиҳати корбурди ашъори шуарои асрҳои X-XI чун сарчашмаи адабӣ метавон арзёбӣ кард;

Дар натиҷаи муқоисаи нашрҳои гуногуни ашъори шуарои ин давра маълум гардид, ки тасҳифот, таҳрифот, ҳазф ва тахриб дар матни осори шуарои асрҳои X-XI хеле зиёд ба назар мерасад ва ин дар натиҷаи таҳриру нусхабардории зиёд дар асрҳои гузашта аст, ки муҳаққиқонро ба таҷдиди назар ва ҷустуҷӯйи шакли аслии матн водор менамояд. Ва дар нашрҳои оянда тасҳеҳи якчанд абёти шуарои асрҳои X-XI дар асоси фарҳанги мазкур ва дигар фарҳангҳо имкон дорад;

Ба ғайр аз абёти мазкур, ки мавриди баррасӣ қарор гирифт, боз зиёда аз ду ҳазор байти шоҳид аз ашъори шоирони асрҳои X-XI дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ҳамчун шоҳид истифода шудааст, ки бо нашрҳои интиқодӣ мувофиқат мекунад ва ин далели сарчашмаи муътамад будани фарҳангро бори дигар собит месозад.

### III.2.2. Интисоби матн ва бозёфти ашъори тозаи суханварон

Бинобар қаробат доштани сабку нигориши шуарои асрҳои X-XI бархе аз ашъори онҳо дар сарчашмаҳо ба ҳамдигар илҳоқ гардидаанд ва ё омезиш ёфтаанд. Барои пайдо намудани муаллифи асили он абёт адабиётшиносон асосан ба сарчашмаҳои қадимтарин, аз ҷумла, фарҳангҳо рӯ овარданд ва ба

воситаи луғатҳои қадим атрибутсияи ашъори зиёди ин давра ноил гардидаанд. Дар ин росто, мо ҳам кӯшиш намудем, дар асоси фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ба атрибутсияи чанд абёти ашъори шоирони асрҳои X-XI ба таври зер даст занем:

Сурурӣ дар шарҳи вожаи «лод» байти зерини Фароловиро шоҳид овардааст:

*Лодро бар бинои муҳкам неҳ,*

*Ки нигаҳдори лод бунлод аст* [116,1261].

Дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» [10,39] ва нашри охири «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [37,63] низ байти мазкур дар ҳамин шакл омадааст.

Аммо дар нашрҳои девони ашъори Рӯдакӣ, аз ҷумла дар нашрҳои таҳияи Саид Нафисӣ [45,521], Қодири Рустам [29,179], Иосиф Брагинский дар асоси нусхаи Саид Нафисӣ [15,131], Расул Ҳодизода [36,173], Абдулғанӣ Мирзоев [25,138] ин байт ба номи Рӯдакӣ сабт шудааст. Аммо дар нашри Саид Нафисӣ ба ҷойи калимаи «бунлод» - «бунёд» омадааст.

Дар асоси фарҳангҳои «Луғати фурс» [135,147], «Сиҳоҳ-ул-фурс» [68,78] ва «Маҷмаъ-ул-фурс», ки ин байтро аз Фароловӣ овардаанд, ҳамчунин ба ақидаи фарҳангшинос Саидумрон Саидов, ки дар китоби «Нақд дар оинаи фарҳанг» [82,84] иброз намудааст, ин байт ҳамчун байти илҳоқӣ ба осори Рӯдакӣ дониста шуд.

Ҳамчунин, дар «Маҷмаъ-ул-фурс» байти зерин аз Хусравонӣ ҳамчун шоҳиди вожаи «фирам» оварда шудааст:

*Рафт бурун Мир расида фирам,*

*Пахҷ шуда кӯсу дарида алам* [116,980].

Аммо ин байт аз Хусравонӣ нест, балки аз Мунҷики Тирмизӣ аст. Зеро дар «Луғати фурс» [135,333] ва «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [37,437] бо номи Мунҷик сабт гардидааст ва дар мисраи дуюм ба ҷойи калимаи «кӯс» «бӯқ» омадааст. Дар «Девони Мунҷики Тирмизӣ» низ ин байт вуҷуд дорад

[32,95]. Аз ин лиҳоз, Сурурӣ дар мансубияти ин байт дар фарҳанг ба иштибоҳ роҳ додааст.

Дар шарҳи калимаи «ҷоҳшук», яъне олоти алафдаравӣ, аз Шаҳиди Балхӣ байти зерин ҳамчун шоҳид оварда шудааст:

*Эй хоҷаи фақири беишғоли бенаво,*

*Бардор ҷоҳшуку бирав, медарав ҳашиш* [64,355].

Дар «Луғати фурс» чунин омадааст:

*Эй хоҷа, бо бузургию ашғол чӣ туро,*

*Баргир ҷоҳшуку бар ӯ медарав ҳашиш!* [135,262]

Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» низ дар шарҳи калимаи ҷоҳсук [68,178] байти Шаҳид ба тарзи «Луғати фурс» омадааст.

Ин байт дар «Шарҳи аҳвол» ба назар нарасид, аммо дар «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» дар силки абёти парокандаи Дақиқӣ чунин оварда шудааст:

*Эй хоҷа, гар бузургию ашғол не туро,*

*Баргир ҷохшуку бар ӯ май дар ӯ ҳашиш* [37,344].

Аввалан, ин байт дар асоси фарҳангҳое чун «Луғати фурс», «Сиҳоҳ-ул-фурс» ва «Маҷмаъ-ул-фурс» аз Шаҳид оварда шуда, дар ҳеҷ манобеъ ба Дақиқӣ мутааллиқ нест. Дигар, дар «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» калимаи «медарав»-ро аз форсӣ иштибоҳан «май дар ӯ» хондаанд, ки маънии байтро костааст.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» зери калимаи «фахмидан» чунин омадааст:

*Фахмидан* - пахтаро аз пунбадона ҷудо кардан, халлоҷӣ кардан.

*Ҷавон будаму пунба фахмидаме,*

*Чу фахмидаме, дона барчидаме. Тайён* [137,ҷ.2,427]

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс» чунин омада:

*Фахмид* - (ба «хо»-ю «мим» ба вазни «фаҳмид») яъне, пунбадона аз пунба берун кардан. Мисолаш Хуҷаста фармояд:

*Ҷавон будаму пунба фахмидаме,*

*Чу фахмида шуд, дона барчидаме* [116,960].

Ин байт дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» [109,92] ва «Аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» [10,162] низ аз Хуҷастаи Сарахсӣ омадааст. Бо истиноди ин се сарчашма байти мазкурро аз Хуҷаста донистем ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» иштибоҳан он ба Тайёни Марвазӣ мансуб дониста шудааст.

Аз мисолҳои мазкур хулоса кардан мумкин аст, ки қаробати сабку нигориши ашъори шуарои асрҳои X-XI бо ҳамдигар ва нусхабардории зиёди котибон дар қуруни гузашта, чанде аз ашъори шоирони мазкур ба осори якдигар илҳоқ шудаанд. Дар мавриди байтҳои илҳоқии шуарои ҳамзамони Рӯдакӣ матншиносони барҷаста, аз ҷумла, Саид Нафисӣ дар «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ», Абдулманнони Насриддин дар китоби «Рӯдакӣ» (нусхашиносӣ ва накду баррасии ашъори бозмонда), Қодири Рустам дар «Осори устод Рӯдакӣ», Саидов Саидумрон дар китоби «Накд дар оинаи фарҳанг» хеле мулоҳиза рондаанд ва чандин абёти илҳоқии ашъори ин шоиронро муайян намудаанд. Бо вуҷуди ин, дар ҷодаи атрибутсияи осори адибони классикӣ, махсусан осори шуарои асри X таҳқиқу ҷустуҷӯ идома дорад ва дар ин самт фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» низ дар қатори дигар фарҳангҳои асримиёнагӣ чун сарчашмаи муътамад хидмат карда метавонад;

Дар «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ байтҳои зерини Абӯшакури Балхӣ дар шарҳи моддаи луғавии «устом» ҳамчун шоҳид оварда шудааст, ки дар «Шарҳи аҳвол» ва нашри дувуми «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ба назар намерасад:

*Беҳафзой хонанд ӯро ба ном,*
*Ҳам аз ному кирдору ҳам ӯстом* [116,66].

Ин байт дар «Луғати фурс» [135,325] низ ба номи Абӯшакур қайд шудааст. Дар нашри аввали «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [24,50] низ аз Абӯшакур сабт гардидааст. Аммо аз нашри дувуми «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри «Абӯшакури Балхӣ» ҳазф шудааст.

Ин байтро дар асоси «Луғати фурс» ва «Маҷмаъ-ул-фурс» аз Абӯшакур донистем.

Байти зерин дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ба истиноди вожаи «авранг», яъне тахт аз Шаҳиди Балхӣ омада:

*Эй аз рухи ту ёфта зебоию афранг,*

*Афрӯхта аз талъати ту маснаду авранг* [116,60].

Ин байт дар «Луғати фурс» [135,271], «Сиҳоҳ-ул-фурс» [109,194], «Фарҳанги Вафоӣ» [104,20] чун шоҳиди вожаи «афранг»-у «авранг» ва дар нашри дувуми «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [37,39] аз Шаҳид сабт шудааст. Аммо дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва нашри дувуми «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» вуҷуд надорад.

Дигар байт аз Шаҳид ба шоҳидии вожаи «булканҷак», яъне чизе турфа бошад дар «Маҷмаъ-ул-фурс» чунин зикр шудааст:

*Эй сурати ту чу сурати кованҷак,*

*Ҳастӣ ту ба чашми ҳар касе булканҷак* [116,159].

Байти мазкур низ дар «Луғати фурс» ба тарзи зайл омада:

*Эй қомати ту чу сурати кованҷак,*

*Ҳастӣ ту ба чашми ҳар касе булканҷак* [135,259].

Дар «Сиҳоҳ-ул-фурс» [109,175], «Фарҳанги Вафоӣ» [104,36] низ ин байт аз Шаҳид дар шоҳиди вожаи «булканҷак» дар шакли «Луғати фурс» омадааст.

Дар асоси фарҳангҳои мазкур ин ду байтро ба ашъори Шаҳиди Балхӣ мутааллиқ донистем.

Дар фарҳанг якчанд абёти суханварони асрҳои X-XI ба назар расид, ки дар нашрҳои «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ва дигар манобеъ дарёфт нашуд. Чунончи:

Дар фарҳанг чун абёти шоҳиди вожаи «андик», яъне буду бояд, байти зерин аз Аммора мазкур аст:

*Гар хор шудам пеши бути хеш раво буд,*

*Андик бар меҳтари худ хор набошам* [116,56].

Аммо дар нашрҳои дигар дар дохили ашъори Аммора ин байт ба назар нарасид:

Байти зерин аз Лабибӣ ба шоҳиди калимаи «офандидан» омадааст, ки дар дигар нусхаҳо ба назар нарасид:

*Дар дили ӯ он насиҳат кор кард,*

*Тарки офандидану пайкор кард* [116,81]

Аз шоирони асри XI дар фарҳанг аз Аминӣ байти шоҳид оварда шудааст:

*Алво* - (ба вазни «ҳалво») сумғест ба ғояти талху онро ба тозӣ сабар гӯянд. Мисолаш Устод Аминӣ гӯяд:

Шеър:

*Зуҳал бо қадри ӯ дуну аҷал бо теғи ӯ бекас,*

*Асал бо хашми ӯ алво, сақар бо афви ӯ кавсар* [116,12].

Дар байни ашъори Аминӣ ин байт ёфт нашуд, аммо 16 байт бо вазни дигар ва бо қофияи монанди «анвар», «зарвар», «абҳар», «шаккар», «ахзар», «ахтар», «кишвар», «маҳшар» [10,8432] ва ғайра дар ашъори боқимондааш вуҷуд дошта, аз ҷиҳати сабку услуб ба байти фавқ монандӣ дорад.

Ҳамин тавр, мутуни осори шуарои асрҳои X-XI бо дигар фарҳангҳо, девону маҷмуаҳои фавқуззикр муқоисаю муқобала карда шуда, тасҳифот, таҳрифот, ҳазф, фарқияти калима, ивази мисраъҳои байт, артибутсияи матн ва якчанд байти тоза мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуд. Хулосаи мо аз муқоисаю муқобалаи нашрҳои гуногуни мутуни осори давраи мазкур ҳамин аст, ки дар «Маҷмаъ-ул-фурс» аз осори шоирони асрҳои X-XI ҳамчун байти шоҳид фаровон истифода шудааст. Аз шуарои ин давра аз 1 байт то 100 байт шоҳид оварда шудааст, ки 90 фисади он истинод аз дигар нашрҳо фарқ надорад ва ин далели боэътимод будани маводи фарҳангро бори дигар собит месозад. Ҳамчунин, натиҷаи нақду тасҳеҳ ва баррасии абёти мазкурро дар пажӯҳиши осори адибони ин давра чун маводи таҳқиқӣ ба кор бурдан мумкин аст. Дар давоми таҳқиқот маълум гардид, ки матни осори

адабии нашри «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» [37] ба нашри «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» [10] мувофиқат менамояд.

### III.2.3. Баррасии баъзе масъалаҳои матншиносии ашъори Рӯдакӣ

Дар заминаи таҳқиқу баррасии фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ равшан гардид, ки дар он аз осори Рӯдакӣ 127 байт ҳамчун абёти шоҳид истинод шудааст ва аз ин ҷиҳат метавон ин фарҳангро чун яке сарчашмаҳои муътмади осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мансуб донист. Устод Саид Нафисӣ низ дар асари «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» [45] дар силки 93 маохизи осори Рӯдакӣ, ду нусхаи ин фарҳангро истифода намудааст, ки яке аз он таҳти рақами 28 «Фарҳанги Сурурӣ» - нусхаи мухтасар ва дигар таҳти рақами 71 «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ - нусхаи мукаммал бо китобати Масъуд ибни Аврoқ қайд карда шудааст. Аввалин шуда дар адабиёти тоҷик Садриддин Айнӣ барои ҷамъоварии ашъори парокандаи Рӯдакӣ фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-ро ба кор бурдааст, яъне ба Абдусалом Деҳотӣ дастур додааст, ки аз фарҳанги мазкур ашъори Рӯдакиро ҷамъ намояд: «...дар он ахборот, дар бораи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ ном луғат гап зада мешавад ва гуфта шудааст, ки дар он луғат сад байт аз Рӯдакӣ ба тарзи мисол оварда шудааст. Шумо як бор ҳамон луғатро аз назар гузаронед, агар шеърҳое аз Рӯдакӣ дар он ҷо оварда шуда, ғайр аз чизҳое бошанд, ки мо фоида бурдаем, ғундошта гиредва дар маҷмӯаи «Устод Рӯдакӣ» даровед. Агар дар маънии ягон шеър ё луғат душворӣ кашед, ба воситаи хат аз ман пурсед» [22,233].Садриддин Айнӣ ва Абдусалом Деҳотӣ дар таҳияи китоби «Осори Рӯдакӣ» низ мавриди истифода қарор доштани ин фарҳангро чунин иброз медоранд: «Ёфтани шеърҳои устод Рӯдакӣ аз тафтиши шахсияти ӯ ҳам душвортар буд. Мо дар ин бора маҷбур шудем, ҳар байтеро, ки дар ҳар ҷо бинем, гирем. Бештарини ин байтҳо он гуна байтҳоянд, ки аз ғазалҳо, қасидаҳо, қитъаҳо ва достонҳои устод бесару бун шуда мондаанд. Дар байтҳое, ки аз луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ ва «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ гирифта шудаанд, ин камбудӣ боз ҳам бисёртар ҳис карда

мешавад. Зеро аксари он байтҳо аз як достон аст, ки дар рафти ҳикоят воқеъ шудааст ва дар сурате, ки танҳо мутолиа карда мешавад, маънии пурра намедиҳад. Ба ҳамин сабаб хонанда дар ин ҷо ғазалҳои себайта, қасидаҳои ду ё чорбайтӣ, қитъаҳои нотамом ва маснавиҳои якбайтии маъниаш норавшанро дида, дар ҳайрат меафтад» [67,250]. Донишманди соҳибном Абдулманнони Насриддин низ дар нашри китоби «Рӯдакӣ» [71] дар силки сарчашмаҳои таҳқиқии хеш «Фарҳанги Сурурӣ»-ро қайд намудааст.

Аз ин лиҳоз, бетардид гуфтан мумкин аст, ки Саид Нафисӣ, Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Абдулманнони Насриддин ва дигар мураттибони девони Одамушшуаро дар ҷараёни таҳияи осори Рӯдакӣ дар қатори дигар маохиз аз фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ низ истифода бурдаанд. Тавре адабиётшинос Абдулманнони Насриддин чунин қайд менамояд: «Ашъори Рӯдакӣ аз ҳамон давраи оғози ташаккули шеъри тоҷикӣ таваҷҷӯҳи фарҳангнигорон ва луғатнависонро ба худ ҷалб кардааст»[71,116].

Мусаллам аст, ки қисми бештари ашъори Рӯдакӣ тавассути фарҳангҳои қадима ва асримиёнагӣ гирдоварӣ карда шудааст. Чунончи, ба таъкиди муҳаққиқи мазкур дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ 150 байт, дар «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ қариб 160 байт, дар «Фарҳанги Фахри Қаввос»-и Муборакшоҳи Ғазнавӣ 60 байт ва дар «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ 55 байт аз осори Рӯдакӣ ба унвони шоҳид омадааст [71,123].

Дар ин ҷода фарҳангнигори тоҷик Амон Нуров [131] кори мондагореро ба анҷом расонидааст, яъне ӯ зиёда аз панҷ ҳазор калимаву ибороти ашъори Рӯдакиро мувофиқи осори шоир маънидод намуда, фарҳанги муаллифии марбут ба ашъори Рӯдакиро таҳия намудааст.

Аз «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ низ 127 байти Рӯдакӣ баркашида шуд ва бо нашрҳои гуногуни девони шоир дар қиёс таҳлилу баррасӣ карда шуд. Дар натиҷаи муқоиса ва муқобалаи абёти шоҳиди фарҳанг бо нашрҳои маъмултарини осори Рӯдакӣ, аз ҷумла нашрҳои таҳиянамудаи Абдулғанӣ Мирзоев [25], Манучеҳри Донишпажӯҳ [11], Ҷаҳонгири Мансур [12], Халил Хатиби Раҳбар [16], Саид Нафисӣ [45], нашри интиқодӣ бар асоси Саид

Нафисӣ ва Иосиф Брагинский [15], Қодири Рустам [29], Абдулманнони Насриддин [73], Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммади Хуросонӣ [134] маълум гардид, ки зиёда аз 100 байти шоҳиди фарҳанг бо матни нашрҳои мазкур мувофиқат менамояд, яъне гунаҳои дар фарҳанг омада ва ин мутун тафовут дида намешавад. Инчунин, 12 байти шоҳиди фарҳанг бо баъзе ҷузъиёташ аз нашрҳои девони Рӯдакӣ фарқ дорад ва 7 байти дигар дар ин нашрҳо ба назар намерасад. Чунончи:

Дар шарҳи калимаи «хунок» - хуноқ бошад, яъне гирифтагии гулӯ ва аз Рӯдакӣ байти зерин истинод шудааст:

*Бо ду - се бӯса раҳо кун ин дил аз дарди хунок,*

*То ба ман эҳсон-т бошад, аҳсаналлоҳу ҷазок* [116,448].

Дар нашрҳои Манучеҳри Донишпажӯҳ [11,70], Ҷаҳонгири Мансур [12,199] ва нашри Саид Нафисӣ бо нишон додани 14 маохиз [45,524] ин байт дар шакли фарҳанги Сурурӣ сабт шудааст.

Аммо дар нашри Қодири Рустам чунин омадааст:

*Бо д у- се бӯса раҳо кун ин дил аз гурми хунок,*

*То ба ман эҳсон-т бошад, аҳсаналлоҳу ҷазок* [29,192].

Яъне танҳо дар нашри Қодири Рустам дар мисраи якум ба ҷойи калимаи «дард» вожаи он «гурм» омадааст. Ҳарчанд «гурм» дар ин ҷо ба маънии андӯҳу ғам омада, ба маънии байт мувофиқат мекунад, аммо бар асоси «Фарҳанги Сурурӣ» ва аксари нашрҳои девони шоир калимаи «дард» саҳеҳ ба назар мерасад.

Инчунин, дар «Фарҳанги Сурурӣ» дар шарҳи калимаи «карбаша», ки ба маънои ҷонварест ба монанди мор, аммо дасту пойҳо дораду ҳар киро бигазад, дандон дар захм бимонад ва дар вайронаҳо мебошад (яъне калтакалос) аз Рӯдакӣ байти зерин чун истинод шуда:

*Чор ғунда, карбаша бо каждумон,*

*Хӯрда эшон гӯшти рӯйи мардумон* [116,1140].

Дар нусхаҳои «Луғати фурс» ва нусхаи Саид Нафисӣ мисраи аввали ин байт ба шакли гуногун омадааст:

Мору ғунда, карбаса бо газдумон,

Хӯрди эшон пӯсти рӯйи мардумон [135,184].

Мору ғунда, карбаса бо каждумон,

Хӯрд эшон гӯшти рӯйи мардумон [45,538].

Дар нусхаи Қодири Рустам омада:

Чоҳ пуркарбосаву пуркаждумон,

Хӯрди эшон пӯсти рӯйи мардумон [29, 213].

Дар мавриди ин байт Қодири Рустам чунин далелҳоро пешниҳод намудааст: «Л.Брагинская байтро аз боби Барзуяи табиб донистааст, ки дар тарҷумаи Насруллоҳи Муншӣ ба таври зайл аст: «...Ҳамчун он мард аст, ки аз пеши уштури маст бигрехт ва ба зарурат хеш бар чоҳе овехт ва даст дар ду шох зад, ки бар болои он рӯида буд ва пойҳояш дар ҷое қарор гирифт. Дар ин миён беҳтар бингарист ва ҳар ду пой дар сари чаҳор мор буд, сар аз сӯрох берун гузошта буданд. Назар ба қаъри чоҳ афганд, аждаҳое саҳмнок дид даҳонгушода ва уфтодани ӯро интизор мекард. Бо сари чоҳ илтифот намуд, мушҳои сиёҳу сапед он шохҳоро доим бе футур мебуриданд» ривояте дигаре аз ин байт ба сурати зайл аст:

Чор ғунда карбаса бо каждумон,

Хӯрди эшон пӯсти рӯйи мардумон.

«Чор» дар ин байт ва «чор мори» омада дар ҳикояти китоб, аввалан шояд натиҷаи бо ҳам омехтани ду байти ҷудогона аз маснавии Рӯдакӣ дар назми «Калила... » пойбанди матни арабии он набуда, балки аз сужаҳои он истифодаи озодонатаре кардааст.

Дар ин ҳол Алиакбари Деҳхудо мисраи аввалро ба сурати зайл тасҳеҳи қиёсӣ кардааст:

Мору ғунда, карбаса бо газдумон.

Карбаса- карафса, калтакало [29,347].

Аз далелҳои пешниҳоднамудаи Қодири Рустам бармеояд, ки ин байти Рӯдакӣ ба тасҳифу таҳриф дучор шудааст. Ва дар фарҳангҳову нашрҳои девони шоир дар шаклҳои гуногун интишор шудааст. Аммо дар асоси

сарчашмаи қадимтарин, яъне «Луғати фурс» ва тасҳеҳи қиёсии аксари луғатнависон ва муҳаққиқон шакли бо ибораи «мору ғунда» ва дар асоси ҳикояти «Калила ва Димна» бо ибораи «чор ғунда» омадаи байтро, яъне ҳар ду шаклро ҳам қобили қабул донистан мумкин аст.

Дар шарҳи калимаи «деранд» Сурурӣ дар фарҳангаш чунин меорад:

Ва Абӯҳафси Суғдӣ «деранд»-ро ба маънии «таъвиз» оварда ва бо ин байти Рӯдакӣ мустамсак шуда:

*Аё сарви ман, дар такупӯйи онам,*

*Ки дерандосо бипечам ба ту бар* [116,511].

Дар «Луғати фурс» ва нашрҳои девони Рӯдакӣ ба таври зайл омадааст:

*Аё сарви ман, дар таку пӯйи онам,*

*Ки фарғандосо бипечам ба ту - бар!* [135,134;29,186;11,31;12, 121; 45,500].

Таъвиз ба маънои тӯмор ва бозубанд аст. Фарғанд мувофиқи луғати Асадӣ гиёҳест, ки худрӯй бошад ва чун каду барҷаҳад. Дар ҳамаи нашрҳо ин мисраъ бо вожаи «фарғанд» омадааст, на «деранд». Чун дар «Луғати фурс» ин байт ба шоҳидии вожаи «фарғанд» омадааст ва минбаъд дар асоси ин луғатнома дар нусхаҳои девони Рӯдакӣ ин байт дар ҳамин шакл интишор ёфтааст. Аммо Сурурӣ ин байтро чун аз фарҳанги Абӯҳафси Суғдӣ иқтибос овардааст ва он аз «Луғати фурс» ҳам мутақаддимтар маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, байти мазкурро бо шакли «дерандосо» нодуруст гуфтан нашояд.

Дар «Фарҳанги Сурурӣ» дар шарҳи калимаи «дарак», маънои дасторчаро дорад, аз Рӯдакӣ байти зерин шоҳид оварда шудааст:

Эй *турфаи* хубони ман, эй *шуҳраи* Рай,

Лабро ба *сардарак* макун пок зи май [116,536].

Дар нусхаи Қодири Рустам чунин омадааст:

Ай *қиблаи* хубони ман, ай *турфаи* Рай,

Лабро ба *сапедарак* бикун пок аз май! [29,205].

Дар мавриди гуногуншаклии мисраи дуюм Қодири Рустам дар тавзеҳоти «Осори Устод Рӯдакӣ» далелҳои зеринро қайд намудааст:

Муҳаққиқон дар мавриди вожаи «сапардарак» дар ин байт, ки дар фарҳангҳо ба суратҳои мухталиф омада ва бештар «дасторча» маънӣ шудааст, баҳсҳо кардаанд.

Доктур Муин зайли «ласпардарак» дар фарҳанги худ овардааст: Ин калима дар нусхаҳои «Луғати фурс» ба сувари «ба сапедраг», «зиспардарак», «испедраг» ва дар фарҳангҳои дигар «сапардарак» омада. Дар «Фарҳанги Сурурӣ» нусхабадали «сардарак» забт шуда. Оқои Дабирсиёқӣ ҳадс мезанад, ки калима дар шеъри Рӯдакӣ «сари дузак» аст ва «дузак» дар Қазвин ба маънии «остин» истеъмол шавад, яъне, «лабро бо сари остин аз шароб пок кун». Аммо устод Ҳенинг мисраъро чунин хонда: Лабро ба ласпардарак бикун пок аз май» ва асли калимаро суғдӣ донад. Вале дар ин сурат вазн дуруст нест ва агар чунин бихонем «лабро ласпардарак бикун пок аз май» ҳарфи изофаи «ба», ки лозим аст, беҳуда ҳазф шуда! Эҳтимол меравад, ки «л»-и аввали калима бо тахфиф ё таҳриф ҳазф шуда ва нусхабадалҳо ин амрро таъйид мекунанд ва калима дар байти Рӯдакӣ «ба сапардарак» бошад» [9,341].

Аз таҳлилҳои муҳаққиқон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ин байти Рӯдакӣ низ бо гузашти айём ба тағйирот рӯй оварда, бо шаклҳои гунонуни калимаи мазкур интишор ёфтааст.

Байти дигар дар «Фарҳанги Сурурӣ» чун шоҳиди моддаи луғавии «шаманд» ба номи Рӯдакӣ омада:

*Шаманд* - (ба вазни «каманд») яъне беҳуш шаванду навҳаву афғон кунанд. Мисоли ин ду маънӣ Устод Рӯдакӣ гӯяд:

*Ту эдариву шамми зулфи ту расида ба шом,*

*Равост гар шамнон пеши рӯйи ту бишаманд* [116,843].

Дар нашрҳои девони Рӯдакӣ ин байт дарёфт нашуд ва маълум гардид, ки байти мазкур аз Қатрони Табрезӣ буда, байти 11-уми қасидаи «Дар мадҳи Мир Абӯнасри Мамлон» дар девони ашъораш сабт гардидааст [154].

Байтҳои зерин дар «Маҷмаъ-ул-фурс» ба номи Рӯдакӣ сабт гардидааст, аммо дар нашрҳои девони Рӯдакӣ дарёфт карда нашуд:

1. *Нишони пушти ман аст он ду зулфи мушкогин,*

*Нишони ҷони ман аст он ду чашми сеҳрогаnd* [116,27].

2. *Оё қадди ту чун сарве зи дебо гирди он озин,*

*Ва ё рӯйи ту чун моҳе зи анбар гирди он барҳун* [116,175].

3. *Ҳар он чӣ Довуд онро ба солҳо пайваст,*

*Ҳар он чӣ Қорун онро ба умрҳо пайканд* [116,221].

4. *Ба ҷуди ӯ нарасад дасти ҳеҷ зираксор,*

*Ба фазли ӯ нарасад дасти ҳеҷ донишманд* [116,669].

5. *Хуҷаста бод туро иди гӯспандкушон,*

*Ки ту ҳамеша дарахти хуҷастагӣ корӣ* [116,1224].

6. *Туро бидод Худо ин ҷаҳону неку дод,*

*Бузург кард туро аз он ки ҳаст рӯзиманд* [116,1308].

7. *Манам ғуломи худованди зулфи ғолиягун,*

*Манам шуда чу сари зулфи ӯ навону нагун* [116,1440].

Сабки нигориши ин абёт ҳарчанд ба назми Рӯдакӣ наздик аст, аммо дар ягон нашри девонаш ба назар нарасид. Дар таркиби ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ низ ин байтҳо вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, абёти мазкурро мо комилан ба осори Одамушшуаро маҳсуб намедонем, аммо ду байти фавқ аз ҷиҳати маънову мазмун ва забону услуб ба ашъори Рӯдакӣ наздик аст. Чунончи, дар фарҳанг омада:

*Гӯспандкушон* - номи Иди Қурбон бошад. Мисолаш Рӯдакӣ гӯяд:

*Хуҷаста бод туро Иди гӯспандкушон,*

*Ки ту ҳамеша дарахти хуҷастагӣ корӣ* [116,1224].

Дар девони Рӯдакӣ байти зеринро мехонем:

*Бод бар ту мубораку хуншон,*

*Ҷашни Наврӯзу гӯспандкушон* [45,546].

Инчунин, дар шарҳи калимаи «манд» Сурурӣ чунин нигоштааст:

*Манд* - (ба фатҳи «мим»-у сукуни «нун») лафзе бошад, ки далолати бардоштан мекунад, чун ҳоҷатманд ва ниёзманд. Мисолаш Устод Рӯдакӣ гӯяд:

*Туро бидод Худо ин ҷаҳону неку дод,*

*Бузург кард туро аз он ки ҳаст рӯзиманд* [116,1308].

Аз маснавии Рӯдакӣ байти мазмунан наздикро мехонем:

*Чарх чунин асту бар ин раҳ равад,*

*Лек зи ҳар неку зи ҳар бад наванд* [45,522].

Дар мавриди 5 абёти дигар, ки дар фарҳанг ба номи Рӯдакӣ омадааст, гумон меравад, ки шояд байтҳои илҳоқӣ ба ашъори шоир бошад, зеро дар ҳеҷ як сарчашмаи адабӣ ба назар нарасид. Аммо бо ин абёти илҳоқӣ мавқеи фарҳанг дар адабиётшиносӣ ҳеҷ коста намегардад. Зеро на танҳо дар «Маҷмаъ-ул-фурс», балки дар дигар маохизи адабию луғатномаҳои асримиёнагӣ байтҳои мансуб ба Рӯдакӣ аз ашъори шуарои дигар ва махсусан, аз Қатрони Табрезӣ ба чашм мерасад. Дар ин маврид, дар девонҳои нашри Саид Нафисӣ [45,429-478], Манучеҳри Донишпажӯҳ [11,81-83], Қодири Рустам [29,81-90] бахшҳои алоҳидае ҷой доранд. Муҳим он аст, ки 118 байти шоҳиди фарҳанг дар нашрҳои девони Рӯдакӣ мавҷуд буда, чанд абёт ба тасҳифу таҳриф дучор шудааст. Бо вуҷуди ин, фарҳанги мазкур дар қатори дигар луғатномаҳои асримиёнагӣ чун сарчашмаи осори Рӯдакӣ хидмат кардааст.

## Хулосаи боби III

1. Маърифати ашъори шоирони асрҳои X-XI ба воситаи луғатҳои куҳан ва ба хусус «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ба хонанда даст медиҳад, зеро дар ин фарҳанг зиёда аз ду ҳазор вожаи мутааллиқ ба ашъори ин давра тафсир ёфта, ҳамин қадар аз ашъори суханварони давраи мазкур абёти шоҳид истинод шудааст.

2. Маводи фарҳанг, аз ҷумла, санадҳои шеърӣ аз назари илми матншиносӣ арзишманд буда, дар тадвини ҷадид ва таҳияи матни ба асл наздики осори суханварони асрҳои X-XI мусоидат хоҳад кард, аз ҷумла, дар тасҳеҳи осори адабӣ, муайян кардани муаллифи воқеии ин ё он асари адабӣ,

бозёфти ашъори парешони суханварон санадҳои шеърии фарҳангро ҳамчун сарчашмаи муътамад мавриди истифода қарор додан хеле муфид аст.

3. Ҳамчунин, маълум гардид, ки тасҳифот, таҳрифот, ҳазф ва тахриб дар матни осори шуарои асрҳои X-XI хеле зиёд ба назар мерасад, ки ин муҳаққиқонро ба таҷдиди назар ва ҷустуҷӯйи шакли аслии матн водор менамояд. Девони ашъор ва маҷмӯаи осори шуарои давраи мазкур ба тасҳеҳу такмил ниёз дорад. Бо сабабҳои объективию субъективӣ матни ашъори ин давра ба тасҳифоту таҳрифоти зиёд дучор шуда, дар асоси «Фарҳанги Сурурӣ» шакли саҳеҳи байт, атрибутсия ва бозёфти ашъори тозаи суханварон кӯшиш ба харҷ дода шуда, натиҷаҳои назаррас ба даст омад.

Бояд қайд кард, ки дар боби сеюм бештар ашъори шоирони ҳамасри Рӯдакӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуд, зеро матни осори ин давра бештар ба тасҳифу таҳриф, тасҳеҳу таҳрир дучор шудаанд. Асноди шоҳиде, ки аз ашъори шоирони асри XI, аз ҷумла, Абӯалии Чочӣ, Абӯосим, Аммора, Абулхатири Мунаҷҷим, Абӯнасри Марғазӣ, Абӯрофеъ, Аминӣ, Асадии Тӯсӣ, Атоӣ, Абӯалии Сино, Абӯюсуфи Ҳиравӣ, Бандори Розӣ, Баҳромӣ, Ғазоирии Розӣ, Дақиқии Тӯсӣ, Қариуддаҳр, Қатрони Табрезӣ, Лабибӣ, Луълӯӣ, Масъуди Розӣ, Наҷиби Ҷурдбоқонӣ, Рӯҳонӣ, Тайён, Унсурӣ, Урмуздӣ, Фаррухӣ, Фархорӣ, Фирдавсӣ, Хаффоф, Ҳаккок, Шӯҳраи Офоқ ва Юсуфи Арӯзӣ дар фарҳанг оварда шудаанд, бо нашрҳои гуногуни девону мунтахаботи шуарои мазкур муқоисаву муқобала карда шуда, дар натиҷа мувофиқати матни онҳо бо фарҳанг муайян карда шуд ва танҳо чанд байти Аминӣ, Асадии Тӯсӣ, Абӯалии Сино, Дақиқии Тӯсӣ, Қатрони Табрезӣ, Урмуздӣ, Абулмуайид ва Хаффоф дар боби мазкур зикр гардид.

4. Абёти шоҳиде, ки аз Рӯдакӣ дар фарҳанг оварда шудааст, баркашида шуда, бо нашрҳои девони Рӯдакӣ муқоиса ва муқобала карда шуда, баъзе масоили матншиносӣ марбут ба ашъори шоир иброз карда шуд, ки дар нашрҳои интиқодии оянда ба кор хоҳад омад.

## ХУЛОСАҲО

### I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Тадқиқу баррасии фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими адабӣ ва нақду сухансанҷӣ, ки баҳси меҳварии диссертатсияро ба вуҷуд овардааст, шаҳодат аз он медиҳад, ки ин фарҳанг дар ҳақиқат аз арзишҳои муҳими илмиву адабӣ бархурдор буда, бо усулҳои қобили таваҷҷуҳ ва вижагиҳои муҳим ба қалам омада, зуҳури марҳилаи муҳими рушду инкишофи соҳаи фарҳангнигориро дар асри XVII таҷассум менамояд. Бар ин асос, дар ҷараёни баррасиҳои анҷомёфта мо натиҷаҳои тадқиқоти мазкурро дар самти таъйини арзиши илмиву адабии фарҳанг бо нуктаҳои зерин ҷамъбаст хоҳем намуд, ки ба ҳукми хулосаҳои диссертатсия манзур мешаванд:

1. Сурурии Кошонӣ бо ҳузури хеш дар қаламрави фарҳангу адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бо иншои фарҳангномаи «Маҷмаъ-ул-фурс» хидмати босазоеро анҷом додааст, ки дар таърихи тамаддуни мардумони форсизабон нақши бузург гузошта меояд. Бо он ки номи ӯ дар қаламрави таърихи мардумони форсизабон бо ҳамин фарҳанг бештар аз ҳама сабт шудааст, вале ҳифозати намунаҳои ашъори ӯ дар кутуби тазкира аз маҳорати барҷастаи шоирӣ ва суханвариаш паём мерасонад, ки бегумон ин ҳунари баланд дар эҷоди фарҳанг низ таъсиргузор будааст [9-М].

2. Муаллиф дар тадвини фарҳангаш аз 24 луғат, зиёда аз 10 китоби илмию соҳавӣ ва осори суханварони адабиёти классикии форсии тоҷикиро ҳамчун сарчашма истифода бурдааст, ки шеваи муҳим дар арсаи фарҳангнигорӣ ба шумор меравад. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки аз ин луғоти нақши сарчашмавидошта, чанд манобеи ин фарҳанг, аз ҷумла, «Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ», «Ҷомеъ-ул-луғот»-и Ниёзии Ҳиҷозӣ ва «Рисолат-ун-насир»-и маҷҳулулмуаллиф то ба замони мо нарасидаанд. Аз ин ҷиҳат, фарҳанги Сурурӣ дорои арзиши адабию сарчашмавӣ низ мебошад, ки маҳз тавассути он мавод ва матолиби маъхуз аз ин луғатномаҳо то замони мо

омада расидаанд. Ҳарчанд зикри сарчашмаҳои зиёд, хоса 24 луғат дар ин фарҳанг зоҳиран паём аз он мерасонад, ки дар ҷараёни иншои луғатномаи хеш манобеи зиёдеро истифода кардааст, вале ин маънои онро надорад, ки дар шарҳи матолиб бештар ба диду назари онҳо такя намудааст. Муаллиф дар ҷараёни тавзеҳу ташреҳ баробари он ки сарчашмаи иқтибосу истинодро зикр намудааст, аммо бар замми ин истифода аз фарҳангҳои пешин ба моддаи луғавӣ боз маълумоти тозае низ зам намуда, бад-ин васила фарҳанги хешро такмил ва аз чанд ҷиҳат имтиёз бахшидааст. Ҳатто чунин шеваи тозакориҳо имкон доданд, ки ба шуруҳ ва маънигузорие бархе аз фарҳангҳои пешин бо назари интиқодӣ таваҷҷуҳ намуда, дидгоҳҳои хешро дар бораи ҳусну қубҳи онҳо баён намояд [3-М]; [10-М].

3. Дар шарҳу тафсири моддаҳои луғавӣ Сурурӣ аслан суннатҳои хоси фарҳангнигории асримиёнагиро идома бахшидааст. Ба вижа, ҷобаҷогузории моддаҳои луғавӣ аз рӯйи ҳуруфи алифбоӣ, шарҳи ҳаракоти луғат, зикри вазн ва решашиносӣ аз қабили ин анъанаҳо ба шумор меояд. Аммо дар баъзе маврид муаллиф ба шарҳи муфассал кӯшида, маълумоти маъхазҳои гуногунро такмил ва тафсил бахшида, ба шарҳи маънии байт низ таваҷҷуҳ менамояд, ки арзиши адабии фарҳангро дар заминаи сарчашмаи муҳими шарҳнависӣ қарор гирифтани он баланд мебардорад. Чунин шеваи шарҳнависӣ дар фарҳангҳои дигар камтар дида мешаванд, ки ин амр баробари вуҷуди аносири шарҳ дар фарҳанг нақши онро дар маърифат ва шарҳи адабиёт муассир ҷилвагар месозад [2-М;8-М].

4. Дар ҷараёни таҳқиқ муқаррар карда шуд, ки «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ дар таълифи фарҳангҳои минбаъда, чун «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ», «Гулдастаи фарҳанги «Бӯстон», дар тадвини «Хиёбон»- шарҳи «Гулистон»-и Сироҷиддин Алихони Орзу ва девону маҷмуаҳои осори суханварони форсу тоҷик ба ҳукми сарчашма хидмат кардааст. Бештари ин фарҳангнависон дар ҷараёни кори хеш аз равишҳои шарҳу маънигузории Сурурӣ ё истифода кардаанд ва ё бо ишорат ба номи муаллиф ва фарҳанги ӯ

аз он истинод ҷустаанд. Бар ин асос, фарҳанги Сурурӣ дар баробари истифода аз маводи 24 луғат худ як манбаи муҳими адабиву луғавӣ барои фарҳангҳои баъдина эътироф гардидааст [5-М],[10-М].

5. Дар фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ аносири нақду баррасӣ ҳанӯз дар асри XV («Шарафномаи Аҳмади Манярӣ»-и Иброҳим Қавомиддини Форуқӣ) зуҳур карда буд, аммо нақди комил ва боасос эътироф намешуд. Муаллифи «Фарҳанги Сурурӣ» дар баробари фарҳангҳои пешина ва муосирро чун маъхаз истифода намудан, матолиби онҳоро нақду тасҳеҳ низ кардааст. Аз таҳлилу баррасии нақдҳои Сурурӣ равшан мегардад, ки ӯ на танҳо дар фарҳангнигорӣ, балки дар таърихи адабиёти тоҷик аз ҷумлаи аввалин наққодоне маҳсуб меёбад, ки андешаҳои интиқодии худро дар фарҳангаш иброз намуда, бад-ин восита ба рушду такомули нақди адабӣ дар фарҳангномаҳо асос гузошт. Ҳамин нақду баррасиҳо бори дигар ҷараёни тозакориҳои ӯро ба таври барҷаста ба намоиш мегузоранд. Пас аз «Маҷмаъ-ул-фурс» ин шеваи нақду баррасӣ дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Фарҳанги Рашидӣ» рушду равнақ касб намуд. Аз ин рӯ, фарҳанги мазкур дар баробари аҳамияти муҳими сарчашмавӣ дар нақду баррасии фарҳангномаҳо доштан, дар рушди ин шеваи муҳим омил гардидааст, ки ин вижагии муҳим низ қимати барҷастаи адабии онро меафзояд [3-М].

6. Аз ҷустуҷӯ ва дарёфти нусхаҳои хатии «Маҷмаъ-ул-фурс» аз феҳрасти китобхонаҳои бузурги ҷаҳон ва таҳлилу тавсиф ва баррасии чанд нусахи хаттии он ба чунин натиҷа метавон расид, ки ин фарҳанг аз ҷумлаи маъмултарин ва мустаъмалтарин фарҳанги тафсирӣ дар асрҳои миёна маҳсуб ёфта, дар қаламрави Осиёи Миёна, Ҳинду Покистон ва Эрону Туркия аз ҷониби котибон бо теъдоди зиёд нусхабардорӣ карда шуда, дар паҳнои Шарқу Ғарб интишор ёфтааст. Интишори густардаи фарҳанг ва нуфузи нусхаҳои хаттии он дар китобхонаи олам низ бурҳони возеҳи истиқболи мавод ва матолиби он чун сарчашмаи муҳими адабӣ ва маърифати адабиёт, маънигузории матолиби шоирона ба шумор меравад [11-М].

